В статье прослеживаются проблемы политической независимости Республики Таджикистан. В развитии политической независимости большую роль играет фундаментальные основы государства, которые подробно рассматриваются в этой статье. В настоящее время экономический потенциал политической независимости республики составляет инвестиционная, научно-техническая политика, налогово-таможенная политика, а также активное развитие внешней экономической политики.

**Ключевые слова:** политическая независимость, Республика Таджикистан, взаимоотношение, независимость, экстремизм, терроризм, международные организации, национальная безопасность.

**POLITICAL INDEPENDENCE AND HIS ROLE DURING POLITICAL-PUBLIC DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN**

In clause are traced problems of political independence of Republic of Tajikistan. In development of political independence the large role plays fundamental bases of the state, which is in detail considered in this clause. Now economic potential of political independence of republic is made by investment, scientifically technical politics, customs politics, and active development of external economic politics.

**Key words:** political independence, Republics of Tajikistan, mutual relation, independence, экстремизм, terrorism, international organizations, national safety.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Дж.Х. Раджабов*** - начальник кафедры общественно-гуманитарных дисциплин Высшего пограничного училища Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан.Телефон: **904 45 70 55.**

# ЧОРАБИНИҲОИ ҲУКУМАТИ НАВТАЪСИСИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАШКИЛ ВАРУШДИ НАХУСТИН МУАССИСАҲОИ ИЛМӢ ДАР ҶУМҲУРӢ

***Аюб Давлатов***
**Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф**

Дар таърихи халқамон саҳифаҳои заррине вуҷуд доранд, ки онҳо дар ҳақиқат барои мардуми мо муҳим, қимат ва тақдирсоз буданд. Замоне, ки дар он саҳифаҳо инъикос гардидаанд, ҳодисаю воқеаҳое ба амал омадаанд, ки тақдири халқу миллатамонро дигар намуда, он рӯзҳо ба ворисони ӯ, бисёр азизу такрорнопазир ва хотирмонанд. Бе ягон муболиға, дар ибтидо ва охири асри XX таърих ба миллати мо саҳифаҳои дурахшони тиллоиеро ҳаккокӣ намуд, ки ба мисли аҳди Ҳахоманишиҳою Сомониён бароямон арзишманданд. Дар ибтидои асри XX мо соҳиби ҷумҳурӣ гардидему бо талошу заҳматҳои зиёд, соли 1991 истиқлолияти комили давлатиро ба даст овардем.

Мо дар ин ҷо тасмим гирифтем бахшида ба 20-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як саҳифаи хурди тиллоии кишварамон- таъсиси аввалин муассисаҳои илмӣ дар давлати ҷавону навтаъсиси тоҷикон баъди ҳазор сол – Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор диҳем, то хонандаи мо дарк намояд, ки фарзандони барӯманди он то ба ин рӯзи комил расидан дар таъсис ва инкишофи аввалин муассисаҳи илмию маърифатӣ, мустаҳкаму пойдоргардонии идораи давлатдории миллӣ, чӣ заҳмату талошҳо ва чӣ корҳои муҳимеро ба сомон расонидаанд.

Дар ҳамон давраи ҳассоси таърихӣ, ки тақдири давлату миллат ҳал мегашт,роҳбарони босаводу оқил ва шарифу ватанхоҳи он ба хубӣ дарк менамуданд,

ки бе мутахассисони босавод ва бе тадқиқу кашфиётҳои илмӣ баланд бардоштани сатҳи маърифату маънавиёти омма, пешрафи иқтисодиёти кишвар, мустаҳкаму пурқувват намудани дастгоҳи давлатии навтаъсис ва мустақилияти ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистонро таъмин намудан ғайриимкон аст. Маҳз дар ҳамон рӯзҳои ҳассос дар баробари ташкили мактабу маориф, аввалин муассисаҳои илмӣ- Шӯрои илмии давлатӣ (ШИД), Ҷамъияти оид ба омӯзиши Тоҷикистон ва халқҳои эронии берун аз он, Ҷамъияти илмии тиббии духтурон ва ғайра ба фаъолият оғоз намуда буданд, ки саҳми ин муассисаҳо дар инкишофи илми ҷумҳурӣ хеле бузурганд.

Роҳбарияти онвақтаи Ҳукумати Тоҷикистон хуб медонистанд, ки бе саросар босавод намудани аҳолӣ, тайёр намудани мутахассисони босаводу касбии миллӣ дастовардҳои инқилобиро ҳифзу нигаҳдорӣ ва мустаҳкам намудан бисёр мушкил аст. Роҳбари Ҳукумати Тоҷикистон Нусратулло Махсум дар Анҷумани якуми Муассисони Шӯроҳои Тоҷикистон дар таърихи 2 декабри соли 1926 дар маърӯзаи ҳисоботиаш ба Анҷуман таъкид менамояд, ки «бе одамони бомаърифату босавод мамлакатро идора кардан ғайри имкон аст. Мо имрӯз ҷавону камтаҷриба ҳастем ба мо лозим аст, дастгоҳи ҳукумати нави шӯравиро чун мактаби амалии тайёр намудани мутахассисони миллӣ истифода кунем» (5, В. 123 ва 129) Дар баробари вазъи бисёр сахту мушкили сиёсию иқтисодӣ, ба дарозо кашидани муқовимати шаҳрвандӣ, ташкил ва барқарорсозии мактабу муассисаҳои илмию маърифатӣ ва баромадан аз ин бӯрони сиёсию фарҳангӣ барои роҳбарони ҳукумати ҷавону камтаҷрибаи Тоҷикистон кори осон набуд. Ҳадафи асосии ҳукумати навтаъси тоҷикон, ин дар навбати аввал, дастёбӣ ба сулҳу оромӣ, барқарорсозии хоҷагии халқи харобу валангоргашта, саводнок намудани аҳолӣ ва ҳифзи дастовардҳои инқилобӣ буд. Барои ба ин ҳадафҳо расидан мустаҳкам намудани идораи ҳокимияти давлатӣ дар марказ ва маҳалҳо, тайёр намудани мутахассисони миллӣ, аз зулмоти бесаводӣ баровардани аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти кишвар ба миён омада буд. Барои амалисозии ҳамаи ин вазифаҳо, пеш аз ҳама ба роҳ мондани кори мактабу маориф, ташкили идораҳои илмию тадқиқотӣ, ҷалби олимону мутахассисони касбӣ аз беруни кишвар, тайёр намудани мутахассисони миллӣ ва ғайра бисёр зарур буд, зеро асосан марказҳои илмию фарҳангии тоҷикон берун аз марзҳои Тоҷикистони кунунӣ монда буданд.

Ҳукумати Тоҷикистон кори худро дар ташкили мактабу маориф, таъсиси муассисаҳи илмию маърифатӣ дар даврае оғоз намуда буд, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ соли аввали таъсисёбии он ҳамагӣ 31 мактабу хонаи кӯдакон, ки дар онҳо танҳо 904 хонанда таҳсил менамуд, мавҷуд буд (ниг. 9, 156 с.). Дар соли аввали ташкилёбии ҷумҳурӣ дар тамоми қаламрави он танҳо 51 омӯзгорон ба кори таълиму тарбия ҷалб гардида буданду халос. Дар бораи фаъолияти муассисаҳои илмӣ бошад, ҳоҷати гап ҳам набуд.

Ҳукумати Тоҷикистон ҳануз дар рӯзҳои нахустини таъсисёбии худ, дар ҷаласаи аввалинаш 7 декабри соли 1924 масъалаи «дар навбати аввал диққат додан ба таъсиси мактабу маориф ва маърифатнок намудани омма»-ро ба миён гузошта буд. Ҳукумати навтаъсиси Тоҷикистон дар Мурочиатномаи нахустини худ ба ҳамаи меҳнаткашони Тоҷикисон оид ба ташкилёбии ҶМШС дар санаи дар боло нишон додашуда қайд менамояд, ки «вазифаи аввалини Ҳукумати Тоҷикистон, ин таъмини сулҳу оромӣ, барқарории хоҷагии халқ ва саводнок намудани омма мебошад. Барои сохмони аппарати давлатӣ ва мусаҳкам намудани он, баланд бардоштани маърифатнокии меҳнаткашон лозим аст ( 3, 8-14).

Ҳукумати ҷумҳурӣ- Кумитаи инқилобӣ бо қарори таърихии худ аз 14 декабри соли 1924 Комиссариати халқии маорифи ҷумҳуриро ташкил намуда, масъалаи ташкили мактабҳои нави шӯравӣ, тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ, ҷалби омӯзгорони босаводу бомаърифат ва аз ҷиҳати моддию маънавӣ ҳавасманд намудани онҳо, ба корҳои илмию тадқиқотӣ ҷалб намудани олимон ва ғайраро вазифаи аввалиндараҷаи худ медонад. Ҳуҷҷату маъхазҳои Бойгонии марказии давлатии ҷумҳуриро варақ зада, дармеёбем, ки дар бештари масъалаҳои муҳокима гардидаи ҷаласаҳои Ҳукумати Тоҷикистон масъалаи илм, мактабу маориф, маърифаткунонии омма дар навбати аввал меистоданд. Кумитаи инқилоби- аввалин Ҳукумати Тоҷикистон ки аз моҳи ноябри соли 1924 то декабри соли 1926 фаъолият кардааст, дар 28 ҷаласаҳои Раёсати он масъалаҳои илм, мактабу маориф мавриди муҳокима

қарор гирифтанд. Дар ҷаласаҳои ҳукумат масъалаи ташкили мактабҳои нав, таҳия ва чопи китобҳои дарсӣ, тайёр ва ҷалби мутахассисони варзидаю босавод ба муассисаҳои таълимию маърифатӣ ва ғайра мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Дар ҷаласаи Раёсати Кумитаи инқилобӣ аз 18 декабри соли 1925 дар бораи маҳалликунонии дастгоҳи давлатӣ қарори таърихӣ қабул менамояд. Дар ҷаласа қайд мегардад, ки Тоҷикистон наметавонад, бе мутахассисони варзидаю босаводи миллӣ дастгоҳи давлатиро мустаҳкаму тақвият диҳад, аз ин рӯ омӯзонидану тарбия додан ва тайёр намудани мутахассисони хубу варзидаи маҳаллӣ вазифаи бисёр муҳими ҳукумати ҷумҳурӣ ба шумор мерафтанд. Дар маърӯзаи ҳисоботӣ оид ба кори Ҳукумати Тоҷикистон ба Анҷумани якуми Муассисони Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон Раиси Кумитаи инқилобӣ Нусратулло Махсум- Лутфуллоев қайд менамояд, ки, «бе оммаи бомаърифат мамлакатро роҳбарӣ карда, сатҳи хоҷагии халқро боло бардоштан ғайри имкон аст» ( 5, 123).

Бояд хотирнишон намуд, ки дар он солҳо ба Комиссариати маориф тамоми соҳаҳои илмию маърифатӣ тобеъ буданд. Дар баробари мактабҳои нави шӯравӣ, инчунин вай роҳбарӣ, танзиму фаъолияти курсу мактабҳои маҳви бесаводӣ, муассисаҳои маърифатӣ, китобхонаҳо, чоп ва нашри китобҳо, тадқиқотҳои илмӣ ва ғайраро ба ӯҳда дошт. Баъди ба фаъолият оғоз намуданаш дар назди Комиссариати маориф бо мақсади бо заминаи илмӣ мутобиқ намудани кори таълиму тарбия, мазмуну моҳияти китобу дастурҳои методию таълимӣ ва ғайра 15 июни соли 1925 аввалин гурӯҳи хурди илмӣ -Шӯрои илмии давлатии (ШИД) таъсис дода мешавад ( 2, 75). Бояд қайд намуд, ки роҳбарии ин комиссияро олим ва ходими давлатӣ Ниссор Муҳаммад ба ӯҳда дошт.

Дар китоби Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ниг. 12. - 504 с.), ки онро Сарредаксияи Энсиклопедияи советии тоҷик ба чоп омода намудааст, Шӯрои илмии давлатӣ (ШИД)- аввалин муассисаи илмии давлатӣ ном бурда шудааст. Дар ибтидо мақсад аз фаъолияти он дар асоси илмӣ коркард ва таҳияи дастурҳои методӣ, роҳнамоҳо, барномаҳо, муҳокима ва чопи китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ барои мактабҳо ва дигар муассисаҳои таълимию маърифатӣ ба шумор мерафт. Ин муассиса дар баробари китобу дастурҳои таълимию методӣ, инчунин ба китобҳои илмию оммавӣ тақризҳо навишта, чопи онҳоро тавсия медод. Кори Шӯрои илмӣ ба ду самт равона гардида буд: илмӣ ва илмию педагогӣ. Соли 1925 аз тарафи комиссия ба чоп 15 корҳои илмӣ тайёр карда шуда буд. Дар байни онҳо китобҳои дарсии «Алифбо» -и Ализода ва «Алифбои тоҷикӣ»-и Ниссор Муҳаммад, «Нишондодҳо оид ба усулҳои омӯзиши забони тоҷикӣ», «Сохтори ягонаи мактабҳои меҳнатӣ» ва ғайра ба шумор мераванд. Дар ҳамин сол ба дасти комиссия дастхатҳои корҳои С. Айнӣ «Намунаҳои адабиёти тоҷик», Саидризо Ализода «Грамматика ва синтаксиси забони тоҷикӣ» ва ғайра ҷамъ 17 корҳо расиданд.

Дар соли 1928 барои баланд бардоштани фаъолиятнокию самаранокии кори худ дар ин самтҳо Шӯрои илмӣ пешниҳод менамояд, ки дар назди он Кумитаи тоҷикшиносӣ ва сексияи илмӣ-педагогӣ ташкил карда шаванд. Тибқи низомнома мақсади Кумитаи тоҷикшиносӣ аз « ҷамъоварӣ ва таҳияи илмии маълумотҳои мардумшиносӣ, мусиқии халқӣ ва забоншиносии тоҷикон дар ҳудуди Тоҷикистон ва берун аз он, ҳифз ва нигаҳдории санъат ва осори қадим» ба шумор мерафт ( 4, 93). Сексияи илмӣ-педагогӣ бошад, вазифадор карда мешуд, ки «сатҳи кори педагогиро дар муассисаҳои таълимӣ баланд бардорад» (4, 94). Инчунин дар назди ҳамин сексия комиссияи истилоҳот таъсис карда шуда буд. Таваҷҷӯҳи комиссияи номбурда ба муайяну коркарди истилоҳҳои илмӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки ба хоҷагии халқи Тоҷикистон бисёр зарур буданд, равона гардид. Шӯрои илмӣ пайваста талош мекард, ки ба мақсади таҳия ва чопи китобу дастурҳои таълимию методӣ, мутахассисони баландихтисоси илмию педагогиро аз донишкадаҳои Самарқанду Тошканд ва дигар ҷумҳуриҳо ҷалб намояд. Ин муассисаи хурди илмӣ дар ҷараёни фаъолияти худ корҳои зиёдеро ба сомон расонидааст

Баъдтар бо қарори Комиссариати маорифи ҷумҳурӣ Шӯрои илмии давлатӣ ба муассисаи Маркази академикӣ табдил дода шуд, ки он тамоми корҳои илмии дар ҷумҳурӣ бударо роҳбарӣ менамуд.

Дигар муассисаи илмие, ки дар рӯзҳои нахустини таъсисёбии ҷумҳурӣ ба фаъолият оғоз намуда, дар аввалин дастовардҳои илмии ҷумҳурӣ нақши созандаю

намоёнро ишғол менамояд, ин «Ҷамъияти оид ба омӯзиши Тоҷикистон ва халқҳои эронии берун аз он» мебошад. Ҷамъият дар ташкил ва инкишофи аввалин дастовардҳои илмӣ, муттаҳид сохтани олмону мутахассисони тоҷикшиносӣ ва Тоҷикистон, тарбияи кадрҳои ҷавони илми ҷумҳурӣ хизматҳои калон намудааст.

Ба ҳукумати навтаъсиси Тоҷикистон –Кумитаи инқилобии ҶМШС ва роҳбарони он дар он солҳо лозим буд, дар баробари таъсиси мактабу маориф, босуръат маърифатнок намудани омма, дар ба вуҷуд овардани заминаҳои илмию тадқиқотӣ олимону мутахассисони босаводу фаъолро, ки ба омӯзишу тадқиқи Тоҷикистону тоҷикон машғул буда, муҳаббату таваҷҷӯҳ ба ин халқу кишвар доранд, онҳоро ҷустуҷӯ ва боҳам оварда, дар ин кор ба онҳо ҳамкорӣ ва кӯмак намояд. Бо ин мақсад роҳбарияти ҳукумати ҷумҳурӣ ҳануз дар рӯзҳои аввалини фаъолияти худ, ки дар шаҳри Тошканд оғоз намуда буд, ба олимону мутахассисони муассисаҳои олӣ, ки ба омӯзишу тадқиқоти Тоҷикистону тоҷикон машғул ва ё алоқамандӣ доштанд, муроҷиат карда, хоҳиш менамояд, ки барои баланд бардоштани сатҳи маданию иқтисодии ҷумҳурӣ, дарёфти захираҳои моддию маънавӣ, таҳқиқу пажӯҳиши илмию амалӣ дар ин самт кӯмак намоянд. Муроҷиати роҳбарияти ҷумҳуриро як гурӯҳ олимону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна дастгирӣ карда, «Ҷамъияти оид ба омӯзиши Тоҷикистон ва халқҳои эронии берун аз он»-ро ташкил менамоянд. 9 сентябри соли 1925 ҷаласаи аввалини муассисони ин ҷамъият дар шаҳри Тошканд баргузор гардид. Фаъолону муассисони ин ҷамъият асосан олимону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна ба шумор мерафтанд. Дар ҷаласаи ташкилӣ ба раёсати Ҷамъият олимони машҳури шарқшинос А.А. Знаменск, географ, сайёҳ, муҳаққиқи прияхҳои Помир Н. Л. Корженев, муаррихи машҳур А. А. Семёнов, забоншинос ва этнограф М. С. Андреев ва дигарон интихоб гардиданд. Иштирокчиёни он дар аввалин ҷаласаи ташкилӣ Роҳбари Ҳукумати ҳамонвақтаиТоҷикистон, ташаббускор ва иштирокчии бевоситаи ташкили ин муассисаи илмӣ Нусратулло Махсум Лутфуллоевро раиси фахрии ҷамъият интихоб намуданд. Баъдтар раиси фахрии ин муассисаи илмию ҷамъиятӣ шарқшиноси бузурги рус В. В. Бартолд интихоб шуда буд. Ҳанӯз дар ибтидои моҳи феврали соли 1925 ҷамъият барномаи кории худро таҳия сохта, вазифаҳоеро, ки он бояд ба сомон мерасонид, муайян намуд. Барномаи мазкур доманадору хеле васеъ буда, он тадқиқи мардумшиносӣ, таърихию филологӣ, физикию ҷуғрофӣ ва иқтисодиро дарбар мегирифт. Дар шароити ҷумҳурӣ барои ноил шудан ба пешрафи хоҷагии халқ таҳқиқ ва пешниҳодҳои илмӣ зарур буд. Барои истифодаи оқилонаи захираҳои табиию моддии сарзаминамон тадқиқу кашфиётҳои илмиро тақозо менамуд. Аз тарафи дигар, роҳбарони ҳукумат, ҷонфидоёни миллат талош менамуданд, ки дар баробари барқарорӣ ва пешрафти ҳаёти иқтисодию мадании ҷумҳурӣ, нишон диҳанд, ки тоҷикон дар ҳақиқат таъриху фарҳаги кӯҳан дошта, ворисони ин марзу буманд ва аз ин рӯ, тоҷикон ҳуқуқи комил доранд соҳиби сарзамини аҷдодӣ ва давлати мустақили худ бошанд.

Бояд қайд кард, ки ҷамъияти номбурда дар як муддати кӯтоҳ корҳои муҳиму пурарзишро ба анҷом расонид. Масалан, ҷамъияти номбурда дар нахустин рӯзҳои фаъолияташ тасмим гирифта буд, ки пеш аз ҳама, аввалин маҷмӯаи илмии олимони худро бо унвони «Тоҷикистон» ба табъ расонад. Ҳукумати Тоҷикистон-Кумитаи инқилобӣ ин иқдоми ҷамъиятро дастгирӣ намуда, фаврӣ барои чопи ин маҷмӯаи илмӣ маблағи муайянеро ҷудо кард. Дар як мудати кӯтоҳ ин маҷмӯа омода гардида, ҳамон сол ба табъ расид, ки он 13 очеркҳои олимон-фаъолони ҷамъиятро, ки дар бораи таърих, урфу одат, табиат, роҳҳо ва иқтисодиёти Тоҷикистон бахшида шуда буданд, дар бар мегирифт ( ниг. 11,- 291 с. ). Академик В. В. Бартолд ба ин маҷмӯа бо унвони «Тоҷикон: Очерки таърихӣ» мақолаи махсуси илмии худро ирсол намуда буд. Вай дар мақолаи худ бори аввал аз таърихи дую нимҳазорсолаи тоҷикон маълумот дода, қайд менамояд, ки: « … суғдиҳою хоразмиҳо, ки аҷдодони тоҷиконанд, то омадани арабҳо хату фарҳанги пешқадами худро доштанд. Забони тоҷикӣ аз замони Сомониён дар тамоми тӯли таърих манзалати забони давлатӣ будани худро аз даст надод. Тоҷикон- менависад -В. В.Бартолд,- дар тӯли ҳазорсолаҳо барои нигоҳ доштани ҳуқуқҳои соҳибистиқлолӣ мубориза бурдаанд. Тоҷикон-яке аз халқҳои муқимии Осиёи Миёна ба шумор мераванд» (ниг. 14, 15).

Бо ташабуси ҷамъияти мазкур бо мақсади омӯзиши Тоҷикистон моҳи июни соли 1925 аз Тошканд ду гурӯҳи экспедитсионӣ равон намуд, ки яке экспедитсияи таърихӣ-мардумшиносӣ бо роҳбарии олими бузург М. С. Андреев ва дигаре барои омӯзиши кӯҳу прияххо бо роҳбарии олими муҳаққиқ, географ ва сайёҳ Н. Л. Корженев буданд. Ҳайати экспедитсияи таъриху мардумшиносӣ бо роҳбарии М. С. Андреев ба водии Зарафшон, Ҳисор, Қаротегину Дарвоз сафар намуда, бисёр маълумотҳои фаровони таърихӣ, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ ҷамъ оварданд. Аз ҷумла бори аввал кандакории хати куфӣ дар ҷӯб, ки бо санъати замони шукуфоии давлатдории Сомониён ҳаккокӣ шуда буд, дарёфт гардиданд. Материалҳои экспедитсия соли 1927 дар китоби «Дар Тоҷикистон« (По Таджикистану) чоп шуданд. Инчунин ҷамъияти номбурда маълумотҳои фаровоне оид ба таърих, мардумшиносӣ, бостоншиносӣ, антропология, иқтисодиёт ва ғайра гирдоварӣ намуданд, ки он маълумотҳо дар маҷмӯаи илмӣ бо унвони «В.В. Бартольду туркестанские друзья, ученики и почитатели» соли 1927 ба табъ расиданд ( ниг. 7,- 554 с. )

Гурӯҳи экспедитсионӣ бо роҳбарии Н. Л. Корженев бошад, ба воситаи шаҳри Ош ба Помир сафар намуда, чандин кӯҳу прияххоро кашф ва тадқиқ намуд. Вай дар баробари ин сафари худ баъдтар се бори дигар - солҳои 1926, 1928 ва 1933 ба Тоҷикистон сафарҳои илмӣ намуда, дар тадқиқи кӯҳу прияххои сарзаминамон кашфиётҳои нодирро ба анҷом расонидааст. Вай натиҷаи сафарҳои илмӣ-тадқиқотии худро дар китоби «Номгӯи прияххои Осиёи Миёна» ба табъ расонидааст (ниг.10, - 200 с ).

Махсусан, дар он солҳо тадқиқотҳои бисёр муҳим дар Помир дар соҳаи ботаника гузаронида шуданд. Тобистони соли 1927 ҷамъият барои омӯзиши растаниҳои ҷумҳурӣ экспедитсияи махсуси ботаникиро бо роҳбарии дотсенти Донишкадаи давлатии Осиёи Миёна П. А. Баранов ба Дарвоз равона месозад. Натиҷаи тадқиқоти экспедитсияро баъдтар ҳайати экспедитсия ба шакли китоб борҳо ба табъ расонидаанд.

Моҳи апрели соли 1925 дар ҷаласаи ҷамъият масъалаи ташкили хизмати обу ҳавосанҷӣ дар Тоҷикистон муҳокима карда шуда буд. Олимон-аъзоёни ҷамъият иброз доштанд, ки дар айни замон бе ташкили чунин муассисаи бисёр муҳиму зарур, дар асоси илмӣ таъмин намудани пешрафти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мушкилотҳои зиёдеро пеш хоҳад овард. Бо қарори ҳукумати Тоҷикистон аз 26 декабри соли 1925 бо ташаббус ва пешниҳоди олимони ҷамъият бори аввал дар таърихи ҷумҳурӣ 4 стансияҳои обу ҳавосанҷӣ: дар Душанбе, Кӯлоб, Ҷиликӯл ва Ғарм ташкил карда шуда буданд, ки тадқиқотҳои илмии онҳо ба пешрафти хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ мусоидат намуданд ( 3, 29).

Зикр кардан зарур аст, ки ҷамъият муддати кӯтоҳ корҳои зиёди илмию тадқиқотиро ба анҷом расонидааст, корҳои он на танҳо дар дохили ҷумҳуриҳои шӯравӣ, балки берун аз он мавриди эътироф ва таваҷҷӯҳи олимону мутахассисон мегарданд. Солҳои 1924-1929 14 маҷмӯаи корҳои илмииолимони Ҷамъият ба табъ мерасанд, ки оид ба масъалаҳои таъриху мардумшиносӣ, фалсафа, бостоншиносӣ ва антропология, ботаникаю география, геология ва иқтисодиёти Тоҷикистон ва тоҷикон бахшида шудаанд, ки онҳо ба хазинаи тиллоии илмӣ ҷумҳурӣ дохил шудаанд. Соли 1929 китоби олим Усатенко- Червонный «Тоҷикистони мухтор» (ниг. 13, - 29 с.) ба табъ расид, ки он дар бораи ҳаёти таърихию ҷуғрофӣ, ташаккули ҳуқуқи давлатдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳои хеле бебаҳо медиҳад. Маълумотҳои он то ба имрӯз қимати баланди илмию омӯзишии худро гум накардаанд. Аз ибтидои оғози фаъолияташ - аз соли 1925 то соли 1929 ҷамъият ба 47 донишкадаю муассисаҳои илмию тадқиқотӣ алоқаҳои илмӣ барқарор намуда буд. Ба фаъолияти он бузургтарин муассисаҳои илмии на танҳо собиқи Иттиҳоди шӯравӣ, балки хориҷ низ таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд. Бояд қайд кард, ки ҷамъият бевосита дар зери сарпарастии Ҳукумати Тоҷикистон ва роҳбарияти он қарор дошт. Маъхазҳо нишон медиҳанд, ки ҷамъият бевосита дар зери таваҷҷуҳу сарпарастии роҳбарияти ҷумҳурӣ қарор дошта, аз ҷиҳати моддию маънавӣ дастгирӣ медид. Дар Бойгонии марказиии ҷумҳурӣ тахти захираи рақами 17, рӯйхати 1, делои 303 протоколҳои ҷаласаҳои ҷамъият ва дигар ҳуҷҷатҳои ба он алоқаманд маҳфузанд, ки аз фаъолияти ин муассисаи аввалини ҷумҳурӣ ҳикоят менамоянд. Тадқиқи ин ҳуҷҷатҳо ва дигар

санадҳои ба он вобаста нишон медиҳанд, ки фаъолияти он барои мардуму ҳукумати вақтии Тоҷикистон бисёр заруру муҳим ба шумор рафта, таҳлили кору фаъолияти он, дар сатҳи олии ҳукумати Тоҷикистон қарор дошт. Масалан, дар таърихи 12 январи соли 1926 Кумитаи инқилобӣ сметаи ҷамъиятро барои гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ тасдиқ намуда, 6 феврал ҳамон сол бошад, аз захираи эҳтиётии ҳукумат иловатан 12 ҳазор рубл барои хубтару ҷоннок намудани фаъолияти ин муассиса маблағ ҷудо менамояд. Дигар як далели бисёр муҳим ин буд, ки Кумитаи инқилобӣ дар ҷаласаи худ қарор менамояд, ки мақсаднок аст, ки ба Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Шӯравии Сотисиалистии Узбекистон муроҷиат намуда, дархост мекунад, ки китобҳои ба забони тоҷикӣ таҳия гардидаро, ки ба захираи китобхонаҳои Кумитаи халқии маорифи Ӯзбекистон тааллуқ доштанд, ба ҳисоби ҷамъияти номбурда ирсол намоянд (2, 46).

Бевосита раиси фахрии ҷамъият интихоб гардидани Сарвари Ҳукумати Тоҷикистон -Нусратулло Махсум, таваҷҷӯҳи хосаи он ба кору пайкори он, таҳлилу баҳоҳои ҳукумат ба фаъолияти ин муассисаи илмию ҷамъиятӣ, борҳо иштирок ва баромадҳои Раиси Шӯрои Комиссарони Халқи ҷумҳурӣ А. Муҳиддинов дар ҷалаҳои ҷамъият ва ғайра гувоҳи гуфтаҳои болост. Дар протоколи №33 ҷаласаи ҷамъият аз 3 июли соли 1928, ки дар он масъалаи «Чопи брошюраҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳони растаниҳои Тоҷикистон» муҳокима мегардид, яке аз роҳбарони ҳукумати Тоҷикистон А. Муҳиддинов иштирок ва баромад намудааст. Ҷаноби А. Муҳиддинов дар баромади худ ба кори ҷамъияти номбурда баҳои баланд дода, қайд менамояд, ки Ҳукумати Тоҷикистон ба фаъолияи пурсамари ҷамъият таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, ҳама гуна кори аз дасташ омадаро барои муҳайё сохтани шароити хуби кор ба аъзоёни ҷамъият ба амал мебарорад. Мухидинов ба Знаменск- ба муассис ва раиси Ҷамъият барои бо сабаби ба кори дигар гузашта, Осиёи Марказиро тарк карданаш дар корҳои ояндаи олим муваффақият хоста, ба корҳои пурмаҳсулаш дар таъсису инкишофи ин муассиса ва корҳои бузурге, ки дар омӯзиши Тоҷикистону эроншиносӣ намудааст, миннатдории бепоёнро аз номи ҳукумати Тоҷикистон ба ӯ мерасонад. Илова бар ин, дар ҷаласаҳои ҳукумат кору фаъолияти ҷамъият борҳо мавриди муҳокима қарор гирифта, қарорҳои дахлдор қабул гардидаанд. Фаъолони ҷамъият вакилони фахрӣ ва иштирокчиёни фаъоли Анҷуманҳои якум (соли 1926 , дуюму сеюми (соли 1929) Шӯроҳҳои Тоҷикистон ба шумор рафта, тадқиқоту пешниҳодҳои онҳо на танҳо ба пешрафти ҳаёти ҷумҳурӣ мусоидат намуданд, балки ба ҷумҳурии мустақили Тоҷикистони шӯравӣ сабзида расидани он ҳиссаи бузург гузоштанд.

Ҳанӯз дар солҳои аввали ташкилёбии ҷумҳурӣ кофтуковҳои геологӣ дар дурдасттарин ноҳияҳои ҷумҳурӣ оғоз гардида буданд, ки ташаббускори онҳо роҳбарияти ҷумҳурӣ ва фаъолони ин муассисаҳои илмӣ ба шумор мерафтанд. Дар Бойгонии марказии давлатии ҷумҳурӣ ду мактуби Роҳбари Ҳукумати Тоҷикистон Нусратулло Махсум - Лутфуллоев аз 13 сентябри соли 1928 маҳфузанд. Роҳбари Ҳукумати Тоҷикистон мактуби аввалро ба Анҷумани умумииттифоқии геологҳо, ки дар шаҳри Тошканд баргузор гардида буд, равон намуда, мактуби дуюмро бошад, ба яке аз олимони машҳури соҳаи геология - вакили ҳамин Анҷуман Мушков ирсол намудааст. Аз мазмуну моҳияти мактубҳо бармеояд, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ба кашфи захираҳои табиию зеризаминии кишвар ва ҷалби олимону мутахассисон ба ин масъала таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир менамуд. Нусратулло Махсум аз номи Ҳукумати Тоҷикистон ба вакилони Анҷуман муроҷиат намуда, тақозо менамояд, ки онҳо ба захираҳои бою кашфногардидаи кишвари Тоҷикистон низ таваҷҷӯҳ намоянд. Мактуби ба олим Машков ирсол гардида бисёр риққатангез аст. Дар он омадааст: «Профессори азиз! Ҳукумати Тоҷикистон ташрифи Шуморо ба Осиёи Миёна, ки дар ин кишвар Шумо корҳои бобаракатеро анҷом додаед, хайра мақдам менамояд. Мо умедвор ҳастем, ки омӯзиши кишвари тоҷикон аз нигоҳу таваҷҷӯҳи Шумо берун намемонад.

Бо эҳтиром, Раиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум» (6, 135-136)._

Баъди аз ҳайати ҷумҳурии Ӯзбекистон баромада, ҷуҳурии мустақили шӯравӣ табдил ёфтани Тоҷикистон соли 1929, ҷамъияти номбурда ҳамчун сектори Донишкадаи илмӣ- тадқиқотии АИ ИҶШС боқӣ мемонад.

Дигар муассисаи илмие, ки дар рӯзҳои аввалини таъсисёбии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуда буд, Ҷамъияти илмии тиббии духтурон ба шумор мерафт. Соли 1925 дар ҷумҳурӣ Ҷамъияти илмии тиббии духтурон ташкил карда шуд. Аввалин тадқиқотҳои илмии тиббӣ, ки дар ҷумҳурӣ гузаронида шуданд, ба ҳамон солҳо рост меоянд. Онҳо пеш аз ҳама хусусиятҳои илмӣ-амалӣ доштанд. Бо сабаби хеле банд будани духтурон ба корҳои табобатӣ тадқиқотҳои илмӣ характери эпизотӣ доштанд. Аз ин рӯ ҷамъияти илмии тиббии Тоҷикистон соли 1927 ба маҳфили илмӣ табдил дода шуд. Бо мақсади мубориза бар зидди касалиҳои гузаранда ба мисли домана, тиф ва ғайра ба ноҳияҳои Ромит, Ҳисор, Янги Бозор ва дигар маҳалҳои аҳолинишин экспедитсияи Осиёимиёнагии паразитологӣ бо роҳбарии академик Е. Н. Павлов фиристода шуда буд. Ҳайати экспедитсия оид ба касалиҳои гуногуни паразитологӣ тадқиқотҳоро анҷом доданд. Натиҷаҳои экспедитсия дар китоби «Животные-паразиты и другие паразитарные болезни человека в Таджикистане» ба табъ расонида шуданд. Соли 1928 дар ҷумҳурӣ бо ташаббуси маҳфили илмии тиббӣ стансияи домана кушода шуд, ки он дар байни аҳолӣ кор бурда, манбаъҳои сар задании доманаро ба таври илмӣ ошкор менамуд.

Ба ҳамин тариқ, дар солҳои 1924-1929, аз давраи таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, то ташкилёбии ҷумҳурии мустақили Шӯравӣ – ҶШС Тоҷикистон аввалин заминаҳои ташкили муассисаҳои илмӣ –тадқиқотӣ гузошта шуданд. Ин муассисаҳо дар ҳолати бисёр сахту вазнини ҷамъиятӣ- сиёсӣ амал менамуданд. Саҳми ин муассисаҳо, тадқиқотҳои онҳо дар пешрафти илми ҷумҳурӣ беназир буд. Кору амали онҳо дар он солҳо дар ҳақиқат қаҳрамонӣ ба шумор мерафт. Дар ҳамин муассисаю идораҳои хурди илмӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ аввалин дастовардҳои илмии олимон табъу нашр гардиданд ва дар ҳамин муассисаҳо олимони ҷавони тоҷик ба воя расида, баътар дар инкишофи илмӣ ҷумҳурӣ саҳми босазо гузоштанд.

Ҳамаи ин далелҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки роҳбарони хирадманду дурбини ҳукумати ҷавони Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ ба ташкилу ривоҷи муассисаҳои илмӣ, илмию тадқиқотӣ чун омили муҳими пойдорӣ ва пешрафти ҳаёти ҷумҳурӣ диққату таваҷҷӯҳ ва ғамхории махсус зоҳир менамуданд. Бар замми он, ҳукумат дар амалисозии фаъолияти ин муассисаҳо, пешрафти кори онҳо тамоми шароити аз дасташон омадаро муҳаё сохтанд, онҳоро аз ҷиҳати моддию маънавӣ дастгирӣ намуданд.

Инчунин соли 1932 дар ҷумҳурӣ Базаи тоҷикистонии АИ ИҶШС ташкил ёфт, ки он соли 1941 ба филиали АИ ИҶШС табдил дода шуд. Сарвари аввалини ин филиал, академики машҳури рус Е. Н. Павлов буд. Соли 1951дар Тоҷикистон АИ ташкил мeёбад, ки аввалин Президенти он Қаҳрамони Тоҷикистон, олим ва муҳаққиқи барҷаста С. Айнӣ интихоб мегардад. Ин дастоварди бузурги халқи тоҷик ба шумор мерафт ва минбаъд ин муассисаи илмӣ дар нашъунамо ва пешрафти ҳамаҷонибаи ҷумҳурӣ саҳми беназир гузоштааст.

Мо имрӯзҳо ба ин саҳифаҳои таърихи заррини поягузорони аввалин муассиаҳои илмию фарҳангии Ватани азизамон нигариста, дарк менамоем, ки падарону бобоҳои барӯманди ҷоннисорамон барои мо - ворсонашон чӣ хотираҳои нек ва арзишҳои бузургеро ба ёдгор мондаанд. Ба мо ворисони онҳо зарур аст, ки ин арзишҳоро ҳифз намуда, тақвият бахшем, то дар пешгоҳи тамаддуни башарӣ қарор дошта бошем.

**АДАБИЁТ**

Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - З. 9. - Р. 1. - Д. 70 б.-В.46.
2. Дар ҳамон ҷо. - З. 9. - Р. 1. - Д. 228, - В. 75.
3. Дар ҳамон ҷо. - З. 9. - Р. 2. – Д. 265. - В. 8-14.
4 Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - З. 10. – Р. 2. - Д. 8. - В. 93, 94
5. Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – З. 12. – Р. 1. - Д. 2. - В. 123, 129.
6. Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - З. 17. - Р. 1, - Д. 303. - В.. 135- 136
7. В. В. Бартолду турестанские друзья, ученики и почитатели. Ташкент, 1927. - 554 с.
8. История Таджикской ССР, /Под.ред. Б. А. Антоненко /2-е изд/. - Душанбе : Маориф, 1983.- 400 с.
9. Каширина Т. В.. Народное образование в Таджикистане 1924-1932 гг.Душанбе. (Источниковедческий анализ документальных материалов). Душанбе: Дониш, 1986. - 156с

10. Корженевский Н. Л. Каталог ледников Средней Азии. - Ташкент, 1930. - 200
11. Таджикистан /сб. статей/. - Ташкент, 1925. - 291 с.
12. Таджикская советская социалистическая республика. - Душанбе, 1983. - 504 13. Усатенко-Черновый Б., Автономный Таджикистан. - Ташкент: Таджгосиздат,1929. - 29 с.
14. Шагалов Е. С., Первое научное общество Таджикистана. Душанбе: Дониш, 1966. - 32 с.

**МЕРОПРИЯТИЯ МОЛОДОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА В СОЗДАНИИ ПЕРВЫХ НАУЧНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ И ИХ РАЗВИТИЕ В РЕСПУБЛИКЕ**

В статье рассмотрены темные страницы науки и культуры таджиков в двадцатые годы XX века, широкие исторические проблемы, требующие исследования на основе новейших архивных материалов. Впервые созданные организации как Научно-государственный Совет, Общество по изучению Таджикистана и иранских народов за его пределами и много других научно-исследовательских кружков того времени свидетельствуют о начале созидательной работы в этом направлении.

**Ключевые слова:** Научно-государственный совет, сообщество по приобретению знаний о Таджикистане, революционный комитет, историка - гуманитарная экспедиция таджикское введение.

**MEASUREMENTS OF NEWLY ESTABLISHED GOVERNMENT OF TAJIKISTAN IN ORGANIZATION AND DEVELOPMENT OF THE FIRST SCIENTIFIC INSTITUTIONS IN THE REPUBLIC**

In this article are considered the unknown investigated pages of science and culture of the newly established republic of Tajik in the 20th years of the XX century, on the base of new and archive materials, wide historical information from the main sources. The association about study of Tajikistan and other Iranian people out of and several scientific give evidence of the beginning of great works in this direction. The scientific and research workers of these institution are as the first founders of science and research works of Tajikistan.

**Key words:** The state scientific union, the community on learning about Tajikistan, revolutionary committee, historical- humanitarian expedition the Tajik introduction.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Аюб Давлатов*** - старший преподаватель кафедры гуманитарных наук Института усовершенствования квалификации и переподготовки кадров сферы образования Республики Таджикистан. Телефон: **919 19 93 62**

# ҶОЙГОҲИ ДОНИШМАНДОН ВА АДИБОН ДАР АСРИ СОМОНӢ: АДАБДУСТӢ ВА АДАБПАРВАРИИ АМИРОН, ВАЗИРОН ВА ХОНАДОНҲОИ МАҲАЛЛИИ СОМОНИЁН

***Фараҳнози Куҳан***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа,ҳуқуқ ва сиёсатшиносии АИ ҶТ**

Аз баррасии манобеъ чунин бармеояд, ки амирони Сомонӣ ва вазирони ин хонадон ва ҳатто ҳокимони ҳукуматҳои маҳаллии тобеи онҳо (назири Хоразмшоҳиён, яъне Оли Ироқ, Оли Маъмун, Фариқуниён ва Оли Муҳтоҷ) дар басти дониш ва тарбияти донишмандон ва аҳли адаб мекӯшиданд ва худашон низ шоир ва нависанда буданд ва ё ба назм ва ё насри форсӣ ва тарвиҷи улум алоқа доштанд. Онон мушавиқи илм ва ҳомии олимон буданд. Ва ҳамвора шахсияти иҷтимоӣ ва илмии ононро пос медоштанд ва ба улуму тарбияти донишмандон таваҷҷуҳ ва илтифоти хосе доштаанд ва дар айни ҳол, ки ба нашри фарҳанги муосир ва қадим эҳтимом доштанд, таваҷҷуҳи хосе ба забон ва адаби форсиро сарлавҳаи афкори худ ва азҳони умумии ҷомеа қарор дода, ба ваҳдати сиёсии кишвар сабаб шуданд. Таваҷҷуҳ ба забон ва адаби форсӣ яке аз муҳимтарин хадамоти шоҳони Сомонӣ буд. Ин таваҷҷуҳ сабаб шуд, ки адабиёти форсӣ, ки аз аҳди Тоҳириён ва Сафавиён ба вуҷуд омада бо суръати аҷиб ба тарафи комил шудан пеш равад ва ба истиқлоли адабиёти Эрон сабаб мешавад, ки акл гирифтани забони форсӣ ва тақвияти он, адюни ҳиммат ва алоқаи амирони хонадони сомонӣ аст. Зеро онон шоиронро ҳимоят мекарданд ва ҷоиза мебахшиданд ва барои тарҷума ва тадвини китобҳои насри форсӣ чун «Таърихи Балъамӣ» ва тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» фармон содир мекарданд. Сомониён асос ва шолудаи муносиби фарҳангиро тавре гузоштанд, ки барои рушд ва инкишофи фарҳанг ва маднияти ҳукуматҳоли баъдӣ (Ғазнавиён ва

Ғуриён) сарчашмаи моддӣ ва маънавӣ мебошад. Дар ҳақиқат кори фарҳангии ҳукуматҳои баъд аз Сомониён, идомаи мерос ва мактаби Сомониён мебошад.

Амирони сомонӣ дар парвариши донишмандон, шоирон ва нависандагон намуна буданд ва ин гурӯҳро чандон гироми медоштанд, ки аз заминусӣ ва таъзим муоф буданд. Ва албатта, ин ҳама бар асари истиқрори назм, қудрат, ҳокимият, устуворӣ ва оромиши мамлакат ба даст меояд.

Муқаддасӣ амирони Сомониро хушрафтортарин ва бофарҳангтарини шоҳон медонад. Забеуллоҳи Сафо мутаъвақид аст, ки ҳамаи амирон ва шоҳони мушаввақ дар ин аҳд нисбат ба гӯяндагони порсизабон ва нависандагон ва шуарои тозагӯйи Эрон риояти камоли эҳтиромро мекарданд. Ва он қадар ба онон ҳадя медоданд, киононро ба дароҷоти баланде аз сарват ва осоиш мерасонид. Он чи Саолабӣ дар бораи вазъи илми Бухоро ва теъдоди донишмандони бузурги сокини ин шаҳр гуфтааст, баёнгари ҷойгоҳи илмии пойтахти Сомониён аст. Бухоро дар ин даврон аз шаҳрҳои муҳим ба шумор мерафт ва дар рӯзгори Сомониён ба унвони шаҳри ҷаҳонӣ, ки дар дуртарин навоҳии ҷаҳон аз Испания то Чин машҳур буд, матраҳ гардид.

**Адабдӯстӣ ва донишмадпарварии амирони Сомонӣ.** Амирони сомонӣ чун аз як хонадони асил буданд, ба миллияти худ алоқаи бисёре доштанд ва ба ҳамин сабаб, муҳимтарин ҳалқаи пайванд дар ҷомеаи он асрро тарвиҷи фарҳанг ва адаби эронӣ дониста, бисёре аз расмҳо ва одоби қадимро, ки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр монда буд, ҳифз карда ва бо баҳо додан ба улуми мухталиф, аз ҷумла забон ва адаби форсӣ адибон ва олимонро ҳамвора мавриди эҳтиром қарор медоданд ва ин амр мойяи ҷовидонгаии бисёре аз расмҳои қадим ва тавсеаи адабиёти форсӣ шуд. Яке аз муҳимтарин авомил дар суръати интишор ва касрати бисёрии тарҷума ва тадвини китобҳои илмӣ дар Эрон, бахусус Хуросон ташвиқи амирони Сомонӣ ва хонадонҳои таҳти султаи онҳост. Дар зер ба таври мухтасар амирони Сомонӣ ва донишмандони қаламрави онҳо, таълифот ва ташвиқоте, ки тавассути эшон сурат гирифта буд, омадааст.

**Амир Исмоили Сомонӣ.** Амир Исмоили Сомонӣ дар ривоёт омада, ки вай донишмандонро дӯст медошт ва эшонро гиромӣ дошт ва ба баракати ҳамин буд, ки подшоҳӣ дар хонадони вай бимонд ва шаҳриёрӣ дар хонадони вай дер кашид. Амир Исмоил, ки бо баҳрагирӣ аз мақом ва бузургон дар басти дониш ва тарбияти донишмандон мекӯшид, номи ӯ дар аҳодис зикр шудааст. Ӯ Хоҷаабулқосими Самарқандиро ба таълифи китоби «ал-Савод-ул-аъзам» ташвиқ намуд. Ангезааш ин буд, ки дар канори хавос, авом низ аз он баҳраманд гарданд. Вай ҳамчунин, Хоҷаимом Абӯҳафз, ки мазҳаби ҳанафӣ дошт дар Бухоро бартарӣ бахшид ва ба Бухоро ҷалб кард.

Рӯдакӣ ки эҳтимолан дар авосити қарни саввум мутаваллид шуда буд, бидуни тардид дар даврони Амир Исмоили Сомонӣ ба унвони шоири гаронқадр шуҳрат ва эътибор ёфта буд. Вай дар шеъре, ки ба ёди рӯзгори ҷавонии хеш супурдааст аз суханварии хеш ва ҳимояти амирони Сомонӣ ёд кардааст.

**Амир Аҳмад ибни Исмоил.** Вай яке аз олимони асри худ буда, ҳадис ривоят мекард ва бародаронаш Абулҳасан ва Абуяқуби Исҳоқ (ҳокими Бухоро) низ аҳли адаб буданд. Масъуди Марвазӣ яке аз шоирони дарбори вай нахустин касе аст, ки шурӯъ ба назми ривоёти таърихӣ ва ҳамосии Эрон карда, «Шоҳнома»-и манзуме падид овардааст.

**Наср ибни Аҳмад.** Вай давраи шукуфоии илм, дониш ва фарҳанги форсӣ будааст. Алоқаи вай ба забон ва шеъри форсӣ аз тариқи ҳамнишинӣ ва ҳамроҳӣ бо шоирон ва комилон равшан аст. Дар замони ҳукумати вай китобҳои арабӣ ва форсии бисёре дар Бухоро ва дигар сарзаминҳои қаламрави Сомониён таълиф ёфтааст. Аз сӯйи дигар амирон ва ҳокимони адабпарварӣ вилоятҳои тобеи Сомониён низ нақши муҳиме дар бениёзии фарҳанги қаламрави Сомонӣ доштанд. Чунонки мадрасаи Маъмун дар Хоразм дар ҳангоми аморати Оли маъмун маркази фаъолиятҳои илмӣ ва адабии Хоразм буд. Дар бораи наср низ ҳамеша маҳалли адибон, шоирон, ҳунармандон ва донишмандон буд. Ба гунае, ки Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абулҳусайни Муродӣ, Робиаи Қуздорӣ, Абӯнасри Форобӣ ва Ибни Сино дар чунин муҳите парвариш ёфтаанд. Дар аҳди Амин Наср овоза ва шуҳрати Рӯдакӣ фарогир шуд амир ӯро ба наздикии даргоҳи худ махсус гардонид ва кори ӯ боло гирифт,

сарват ва неъмати ӯ ба ҳадди камол расид. Рӯдакӣ, ки шоири мадеҳсаро набуд ва дар ҳеҷ куҷое сурудаҳояш асаре аз мадҳ ва тамаллуқи ҳеҷ амире нест, дар таъфрифи Амир Наср чунин гуфтааст:

Мирӣ ба маҳкам шуду, шоҳӣ ба ту хуррам,
Бар хира надоданд туро мирию шоҳӣ.

Ғайр аз амири Сомонӣ вазири ӯ низ Абулфазли Балъамӣ аз ҳомиёни Рудакӣ буд. Вай ақида дошт, ки Рӯдакӣ дар Араб ва Аҷам назире надошт. Ҳамчунин аз қасидае, ки Рӯдакӣ дар бораи Мусъабии вазир гуфта буд маълум аст, ки он вазир низ Рӯдакиро мавриди лутф қарор дода буд. Бо исрори Балъамӣ ва бо дастури Амир Наср буд, ки Рӯдакӣ «Калила ва димна»-ро ба назм даровард. Дар ҳамин давра шоирони бисёре ба арабӣ шеър месуруданд, ки аз он ҷумла Абулҳасани Муродӣ ва Шаҳиди Балхӣ буданд. Дар ин замон файласуфон ва мутакалимини бузург монанди Абӯзайд Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ, ки мавриди ҳимоят Ҷайҳонӣ-вазири Наср ибни Аҳмади Сомонӣ буд, зуҳр карданд ва китобҳои бисёре ба арабӣ навиштанд. Мисли «Ҳудуд-ул-фалсафа» «Ахлоқ-ул-уман». Яке аз иқдомоти ҷолиби Амир Наср эъзоми Абӯдулаф ба сафорати Чин буд. Ӯ пас аз бозгашт аз Чин гузориши пурарзише аз сафараш ба Амир Наср ироа намуд, ки иттилооти бисёр судманде дар мавриди одоб ва русуми он сарзамин дар бар дошт.

**Нӯҳ ибни Наср.** Яке дигар аз подшоҳони илмпарвар ва адабдӯсти Сомонӣ аст вай вориси сайри пуршитоби таҳаввулоти фикрӣ ва дастовардҳои гаронбаҳо шуд. Ба ҳамин ҷиҳат осори васеи онро метавон дар рӯзгори ӯ мушоҳида кард. Дар китоби «Лубоб-ул-албоб» қитъаи шеъри зебо ба забони форсӣ аз Амир Нӯҳ ибни Наср нақл шудааст, ки ин нишон медиҳад, ки Амри Наср амири адабдӯст ва шоир будааст ва барои донишмандон ва олимон эҳтироми хосе қоил будааст. Абӯшакури Балхӣ маснавии «Офариннома»-ашро ба номи Нуҳ ибни Сомонӣ ба риштаи назм кашида, дар бораи вай мегӯяд:

Худованди мо Нӯҳи фаррухнажод,
Ки бар шаҳри Эрон бигустард дод.

**Абдулмалик ибни Нӯҳ.** Монанди соири амирони Сомонӣ ҳомии илм ва дониш буд ва вазираш Абӯалии Балъамӣ писари Абулфазли Балъамӣ марди донишманд буд ва ба адаби форсӣ алоқаи шадиде дошт, ки дар давраи ҳукумати Мансур ибни Нуҳ тафсири бузурги Табариро тарҷума кард.

**Мансур ибни Нӯҳ бародари Абдумалик.** Ӯ аз ҳомиёни илму адаб буд. Аз навиштаҳои арзишманде, ки дар қаламрави Мансур ибни Нӯҳ аз забони арабӣ ба форсӣ тарҷума шуд «Таърихи табарӣ» аст, ки ба амир Мансур ибни Нӯҳ ба василаи Абуалӣ Муҳаммад ибни Балъамӣ дар соли 352 қамарӣ анҷом шуд ва пас аз ихтисор ба номи «Худойнома» ба он афзуд. Ин асар то ҳудуде бо асри Табарӣ мутафовит аст ва бо «Таърихи Балъамӣ» маъруф аст. Агарчи шеър ва адаб дар асри ҳар як амирони Сомонӣ равнақи босазое дошт, лекин дар миёни онҳо Нӯҳ ибни Мансур аз амироне аст, ки дар ҷовидонагии шеър ва шоирӣ гомҳои баланде бардошта, онро ба интиҳои дараҷаи тараққӣ расондааст. Ва ин яке аз ифтихороти ҳукумати давраи ӯст, ки санги бунёдини азамат ва мафохири миллии порсӣ, яъне «Шоҳнома» дар он давра гузошта шуд. Бояд гуфт дар доираи Бухоро на танҳо аз уламо, балки аз шуаро ва достонпардозон низ ба гармӣ истиқбол мекарданд.

Сомониён дар назар доштанд, ки достони гузаштагон ва ниёгони худро ба назм дароваранд ва дар дастраси мардум қарор диҳанд ва дар замони Нуҳ ибни Мансур овозаи Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмади дақиқӣ ҳама ҷо мунташир гардида буд. Абӯмансур Дақиқиро ба Бухоро фаро хонд ва ӯро маъмур кард, то таърихи ҳамосии Эрони қабл аз ислом ва одоб ва русуми бостониро, ки фақат дар таронаҳои қисагӯён боқӣ монда буд ба риштаи назм дароварад. Дақиқӣ ҳудуди 20 ҳазор байт шеър суруд ва аз дунё рафт ва пас аз Дақиқӣ устод Абулқосими Фирдавсӣ кори вайро идома дод ва ба тадвини «Шоҳнома» бузургтарин ҳамосаи миллии Эрон тавфиқ ёфт.

**Абӯҳориси Мансур.** Ӯ аз охирин амирони Сомонӣ аст. Дар замони ҳукумати ӯ агар аз қудрати Сомонӣ коста шуд ва даврони нобудии Сомониён буд, вале вай низ ба илму дониш аҳамияти хосе қоил буд ва ҳамвора ҳомии олимон ва донишмандон буд. Касоии Марвазӣ, ки дар вопасин рӯзҳои қудрати Сомониён мезист ба даврони зиндагии ӯ ҳамзамон бо хомӯшии ҳукумати ин хонадон буд, ки даврони дурахшони

ҳукумати Сомониёнро дарк накарда буд. Баъд аз рӯйи кор омадани Ғазнавиён ва сукути Сомониён бо муқоисаи авзо дар замони ҳукумати подшоҳони Сомонӣ ва Ғазнавӣ мегӯяд:

Ба вақти давлати Сомониёну Балъамииён,
Чунин набуд ҷаҳон бо ниҳоду сомон буд.

**Амир Мунтасир Исмоил ибни Нӯҳ ибни Мансур.** Бародари Абдулмалик ва Мансур ибни Нӯҳ, охирин амири Сомонӣ буд, ки талош карда қудрати аздастрафтаи хонадонашро эҳё намояд. Ҷавони адиб ва соҳибзавқ буд. Ӯ ашъори фасеҳ ва балеғ дар ниҳояти зарофат ва латофат сурудааст.

**Абуабдулло Муҳаммади Ҷайҳонӣ.** Мураббӣ ва вазири ботадбири Наср ибни Аҳмад буд, ки мақоми вазорат дошт. Гардезӣ дар бораи Ҷайҳонӣ менависад: Абӯабдулло Ҷайҳонӣ марди доно буд ва сахт ҳушёр, фозил ва андар ҳама чизҳо басират дошд. Ва ӯро таълифҳои бисёр аст андар ҳар фанею илме ва ба раъй ва тадбири Ҷайҳонӣ ҳама кори мамлакат низом гирифт. Вай адиби тавоно ва гаронмоя буд, ки дар тарвиҷи илму адаб дар сарзамини Сомониён талоши чашмгир дошт. Дар сояи кӯшиши ин родмандон буд, ки Бухоро дар асри Амир Наср маркази муҳими фарҳанг ва дониш шуд ва дар ин рӯзгор рӯй овардани шуаро ва донишмандон аз соири нуқот ба суйи Бухоро, ки аз аҳди Амир Исмоил оғоз шуда буд, ҳамчунон истимрор дошт.

**Абулфазл Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Балъамӣ.** Вазирии Амир Наср, Амир Исмоил ва Абумансур ибни Исмоили Сомониро бар ӯҳда дошт. Ӯ низ ҳомии бисёре аз донишмандон ва удабо буд ва худ низ марди дониш ва фарҳанг буд. Ва сиёсати вазири қаблиро дар робита бо фарҳанг ва адаб дар пеш гирифт. Ӯ китоби «Калила ва Димна»-ро аз арабӣ ба форсӣ тарҷума кард. Балъамиён дар давраи Сомониён хадамоти шоистае анҷом додаанд. Дар таърихи Эрон пас аз хонадони номии Бармакиён ҳеҷ хонаводае ба маъруфияти Балъамиён нест. Дар таърихи адабиёти форсӣ бештари мабоҳис номи Бармакӣ ва Балъамиро дар канори ҳам зикр кардаанд.

Яке аз ҳаводиси бузурги хонадони бузурги Балъамиён парвариш ва интишори забони форсӣ будааст. Эшонро метавон нахустин вазирони эронӣ донист, ки ба ин иқдоми бисёр муҳим ва меҳанӣ даст заданд. Ва ҳамин равишро баъд аз ду вазири бузург дар замони салтанати Султонмаҳмуд ва Хоҷаамидулмулк пеш гирифтанд. Абулфазли Балъамӣ ва Абӯалӣ Муҳаммади Балъамӣ дар замони вазорати хеш ҳамвора забони форсиро бар забони тозӣ бартарӣ гузоштаанд ва кӯшидаанд, ки забони форсӣ интишор ёбад. Ин нукта дар зинда нигоҳ доштани Эрон ва раҳонидани кишвар аз хатари тоза шудан ва аз миён рафтани истиқлоли Эрон дорои аҳамияти бисёр аст, ки онро метавон аз назари аҳамият дар раъси тамоми ҷунбишҳои миллии Эрон донист.

**Абӯтайб Муҳаммад ибни Ҳотами Мусаъбӣ.** Фарди дигаре аст, ки муддате соҳиби девони рисолати Наср ибни Аҳмад, буд, ки пас аз азли Балъамӣ ба вазорат мансуб шуд. Шоири чирадаст буд, ки ашъоре ба форсӣ ва арабӣ дошт. Абулфазли Байҳақӣ дар китоби таърихи худ қасидае аз ӯ овардааст, ки бо матлаи зер шурӯъ мешавад:

Ҷаҳоно ҳамоно фусусию бозӣ,
Ки бо кас напойию бо кас насозӣ.

**Адабдӯстӣ ва донишмандпарварии хонадонҳои маҳаллӣ.** Смониён қисматҳои бузурги Мовароуннахр, Хуросон ва навоҳии дигарро дар ихтиёр доштанд ҳукуматҳо ва амироне ҳам дар сояи инояти онон мустақилан, дар Машриқ ба сар мебурданд. Монанди амирони Чағониён, Хоразмшоҳиён, Маъмуния ва ғайра, ки алоқаи хешро ба илму адаб ошкор ва хадамоти муҳиме ба илму адаби форсӣ намуданд. Ин ҳукуматҳои дастнишондеҳ, ки вобаста ба Сомониён буданд дар ҷараёноти фарҳангӣ бетаъсир набудам ва дар сиёсатҳои дохилӣ ва хориҷии худ таҳти таъсири Оли Сомон буданд.

**Оли Муҳтоҷ.** Яке аз хонадонҳои машҳур ва бонуфузи асри Сомон Оли Муҳтоҷ аст, ки ҷадди бузурги онон Муҳтоҷ ибни Аҳмад буд. Ба ин сабаб ба онон амирони Чағонӣ гуфта мешавад, ки бар сарзамини Чағониён ва ҷойҳои дигар ҳокимият доштанд. Аз ин хонадон афроди донишманд ва шоирдусти зиёде бархостанд, онон мардумони бағоят фозил ва ҳунарпарвар буданд. Ба худ шеър мегуфтанд ва шоиронро дӯст медоштанд.

**Маъмуниён.** Маъмуниён ҳамон подшоҳоне ҳастанд, ки дар бораи онҳо маҷмаи бузургтарин олимон ва ҳакимони эронӣ монанди Абурайҳон, Абунасри Ироқ, Абӯсаҳоли Масеҳӣ ва Абӯалӣ Сино будааст ва дар шуубӣ будани ин уламо махсусан Абӯрайҳони Берунӣ тардиде нест. Онон дар оростагӣ ба фазоили илмӣ, ахлоқӣ ва талошу кӯшиш ва иноят дар тартбият ва парвариши олимон ва фозилон ва ҳакимон на фақат дасти каме аз Оли Ироқ надоштаанд, балки аз баъзе ҷиҳатҳо бар онон бартар буданд.

**Оли Зиёр.** Қобус ибни Вошунгир яке аз амирони Оли Зиё шахси хеле донишманд ва дар назму наср бниазир буд ва ба суҳбати олимон ва донишмандон иштиёқи бисёр дошт. Аз ҷумла донишмандони дарбори вай Абӯрайҳони Берунӣ буд, ки китоби «Осор-ул-боқия»-ро ба номи ӯ таълиф кард. Унсурулмаолӣ соҳиби китоби «Қобуснома» низ аз дигар бузургони Оли Зиё аст, ки дар улум ва фузуни мухталиф аз ҷумла шоирӣ маҳорати зиёде дошт.

**Оли Ироқ.** Оли Ироқ аз силсилаҳои қадими эронинажоди асли Хоразм буданд ва нисбати худро ба подшоҳони қадими Эрон мерасонанд. Маркази ҳукумронӣ ва пойтахти давлати эшон шаҳри Кос дар самти шарқии рӯди Ҷайҳун буд. Ин силсила дар қисмате аз давраи Сомониён дар Хоразм ҳукумат мекарданд. Яке аз амирзодагони донишманди бузурги хонадони Оли Ироқ Абӯнаср аст, ки мақоми устодӣ бар Абӯрайҳонро дошт. Дар фанни риёзӣ, махсусан мусалласоти куравӣ ягонаи асри худ буд. Бештари бузургони ин хонадон худ аҳли илм ва адаб ва мурмабӣ ва мушаввиқи ин тоифа буданд.

**Оли Ҳамдон.** Сайфуддавла ибни Ҳамдон адиб, шоир ва дӯстдори шоирон буд. Ва маъруф аст, ки агар Соҳиб ибни Убод дар ин қарн набуданд шеъри арабӣ рӯ ба танозул мерафт.

Муассиси ин силсила Фариқуниён Аҳмад Ибни Фариқун аст. Хонадони Фариқуниён дар муддати ҳукумати Сомониён бар вилояти Ҷузҷон ҳукумат мекарданд. Пойтахти эшон шаҳри Яхудия буд.

**Хонадони Синҷурӣ**. Ироа аз хонадонҳои бузурги давраи Сомониён хонадони Синҷурӣ аст. Оли Синҷур ба шеър, адаб ва ҷараёноти фарҳангӣ таваҷҷуҳи бештаре доштанд ва аз ҷумлаи шоирони маъруфи даврони онон Абулфараҷи Сагзӣ аст, ки барзе ӯро устод ва пешвои Унсурӣ медонанд.

Яке аз мушавиқони Фирдасӣ назми «Шоҳнома» Абӯалии Синҷур буд. Агар ташвиқи амирони Тус ва вилоёти Синҷури Хуросон намебуд ва Фирдавсӣ аз 20 сол пеш, яъне аз аҳди Сомониён ба сурудани «Шоҳнома» даст намезад ва мо аз доштани он китоб маҳрум будем.

Дастоварди азими ҳимоят аз адибон ва донишмандон, таъсис ва густариши маҷлисҳои баҳс ва таҳқиқ буд. Барои мактуб шудани баҳс ин маҷлисҳо ва ҳифзу нигаҳодории онҳо маконе лозим буд. Ба ҳамин манзур дорулҳикмаҳо ва хазинаи ҳикматҳо ба вуҷуд омаданд ва густариш ёфтанд.

Сомониён забон ва адаби форсиро сарлавҳаи афкори худ ва азҳони умумии ҷомеа қарор доданд ва аз сӯйи ваҳдати сиёсии кишвар сабаб шуданд. Амирони рӯшанраъйи Сомонӣ ва вазирони ботадбири онҳо барои инсиҷим ва истинрори ин ваҳдат ба зарурати эҷоди як низоми девони мутамарказ пай бурда, бо омӯзиши суннатҳои идории Эрон ва мабонии адабӣ ва шариати исломӣ ба таъсиси он чунон ташкилоти пешрафта ва коромаде муваффақ шуданд, ки ба қудрати марказии Сомонӣ султаи ғайри ҷобиронӣ ва тамомии қаламрави таҳти иқтидораш мебахшид.

**АДАБИЁТ**


1. Баҳор Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ. –Теҳрон: Амири Кабир, 1373.
2. Баҳманёр Аҳмад. Сабки нигориш ва таълиф. –Теҳрон: Яғмо, 1355.
3. Байҳақи Муҳаммад ибни Ҳусейн. Таърихи Байҳақӣ. –Машҳад: Донишгоҳи фирдавс,1356.
4. Ибни Асир Али ибни Муҳаммад. Таърихи комил. Тарчумаи Аббоси Халилӣ. –Теҳрон: Илмӣ, 1350.
5. Ибни Надим Муҳаммад ибни Исҳоқ. ал-Фехрест. Бо кӯшиши Ризро Таҷаддуд. –Теҳрон: Ибни Сино, 1346.

**ПОЛОЖЕНИЕ УЧЕНЫХ И ЛИТЕРАТОРОВ В ВЕК САМАНИДОВ: ВЫСОКООБРАЗОВАННОСТЬ И ЛЮБОВЬ К ЛИТЕРАТУРЕ ЭМИРОВ, ВЕЗИРЕЙ И МЕСТНОГО ДВОРЯНСТВА**

В данной статье автор на основе исторических источников изучает место и роль ученых и литераторов в период правления династии Саманидов.

**Ключевые слова:** Саманиды, период правления Саманидов, ученые, литераторы, литература, наука и искусство в эпоху Саманидов.

**POSITION OF SCIENTISTS AND WRITERS IN A CENTURY SAMANIDOV: HIGH-EDUCATION AND LOVE TO LITERATURE OF EMIRS, VIZIERS AND LOCAL NOBILITY**

In this article the author on the basis of historical sources studies a place and a role of scientists and writers in the period of dynasty board Samanidov.

**Key words:** Samanida, the board period Samanidov, scientists, writers, literature, science and art during an era Samanidov.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Фарахноз Кухан*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# ОТАШКАДАИ ОЗАРБАРЗИНИ МЕҲР ГАВҲАРИ ТОБНОК БАР ФАРОЗИ ҚУЛЛАҲОИ МЕЪМОРИИ АҲДИ СОСОНӢ

***Сайид Муҳаммад Ризо Мухтории Ҳусейнӣ***
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ**

Сосониён мардумоне аз иёлоти Порс буданд. Ин иёлот дар дасти шоҳзодагони маҳаллӣ буд, ки аз аҷдоди хонадони Ҳахоманишӣ ҳастанд ва худро нигаҳбон ва ворисн суннатҳои силсилаи мазкур медонистанд. Ардашери аввал-бунёдгузори силсилаи Сосонӣ, ду сол пас аз куштани шоҳи ашконӣ Тисфун рафт ва бо тоҷгузории худ дар соли 226 мелодӣ, ин силсиларо бунёд гузошт. Падарбузугрги ӯ Сосон, маъмури нигаҳбонии маъбади бисёр машҳури иззати Оноҳито дар Истахр ва падараш Бобак, яке аз шоҳони маҳаллӣ буд.

Ҳунари Сосонӣ асосан бо ҷаҳонбинии мазҳабӣ ҳамроҳ аст ва ҳарчанд идомаи ҳунарҳои қадими Ирон ва Ҳахоманишӣ ва Портӣ аст ва таҳти таъсири ҷараёнҳои мухталифе, ки аз самти Шарқ ва Ғарб ба сӯи ин ҳунар сарозер буд, шакл гирфтааст, дар ин ҳол вижагии хоси худро дорад. Аз даврони ҳукумати баландмуддати Сосониён (224–642 милодӣ), осори ҳунарӣ ва биноҳои бисёр барҷо мондааст, аз ҷумла: зеваролот, нақшҳои барҷаста, биноҳо ва шаҳрҳо, оташкадаҳо ва соири ҳунарҳои вобаста ба меъморӣ ва ғайра.

Оташкадаҳо ва парастишгоҳҳои Сосонӣ, ки оин ва суннати чандинҳазорсола дошт, дар саросари Ирон ва подшоҳии Сосонӣ пароканда буд. Бархе дар маърази дид воқеъ буд ва ба парастиши ҳамагонӣ ихтисос дошт ва бархе дигар танҳо дар дастраси мӯъбадон қарор дошт ва барои нигаҳдории оташи муқаддас ба кор мерафт.

Оташкада, ки маҳали анҷоми ташрифоти умумии парастиши оташ будааст, барои аввалин бор дар таи қарни II мелодӣ тавассути «Пузонёс» мавриди баҳс қарор гирифтааст. Дар он замон дар Ирон оташкадаҳое вуҷуд дошта ва биноҳои мазҳабии дигаре, ки ваҷҳи иштирок бо парасти оташ надоштанд. Маъбади Канговад яке аз онҳо будааст, ки ихтисос ба илоҳии Оноҳито доштааст.

В отдельных составах преступлений против правосудия и порядка управления насилие (физическое) выражено в таких статьях, как «посягательство на жизнь прокурора, следователя, лица, производящего дознание, а равно их близких в связи с производством предварительного расследования» (ст. 295); «угроза убийством, причинением вреда здоровью, уничтожением или повреждением имущества в отношении прокурора, следователя, лица, производящего дознание, а равно их близких в связи с производством предварительного расследования, совершенные с применением насилия, опасного для жизни или здоровья» (ч. 4 ст. 296); «посягательство на жизнь сотрудника правоохранительного органа, военнослужащего, а равно их близких в целях воспрепятствования законной деятельности указанных лиц по охране общественного порядка и обеспечению общественной безопасности либо из мести за такую деятельность» (ст. 317); применение насилия в отношении представителя власти (ст. 318).

По мнению Г.В. Овчинниковой, общими чертами этих преступлений …. являются: насилие связанное, как правило, с общеопасным способом действия; причинение физического вреда (уничтожение людей, причинение вреда их здоровью) или применение психического насилия в отношении определенного круга лиц, в том числе случайных, «невинных» жертв; причинение материального вреда объектам не как самоцель (чтобы вывести их из строя, как при диверсии), а как средство воздействия на людей (население) или на власть (государство) в тех же целях[л 27 ].

Само сопротивление выступает как специфическая форма насилия, как использование психологического воздействия и физической силы для того, чтобы лишить способность или фактической возможности потерпевшего оказывать какое-либо противодействие членам организованных преступных формирований. «Помимо причинения непосредственного ущерба жертве, сопротивление также рассчитано на определенный эффект – посеять страх, создать угрозу широкому кругу лиц, вызвать общественный резонанс, панику, т.е. именно терроризировать. Эффект от акции создает в обществе ощущение всемогущества террористов, беззащитности населения и бессилия властей перед ними»[Л 28 ]. И не секрет, что страх перед сопротивлением уголовному преследованию за террористическую деятельность в Северо-Кавказском федеральном округе широко распространился в обществе. В ходе выборочного опроса на вопрос: «испытывают ли они тревогу в местах нахождения лиц, осуществляющих уголовное преследование, сотрудников правоохранительных органов и военнослужащих», утвердительно ответили 90%. Характерно, что доля мужчин среди них составила 80%. Это подтверждает то, что перечисленные лица - это потенциальные жертвы преступлений.

На основании вышеизложенного, сопротивление уголовному преследованию за террористическую деятельность этимологически выражается в насилии, которое проявляется в виде умышленного, противоправного физического и психического воздействия с целью причинения ущерба лицам, осуществляющим уголовное преследование.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Дворецкий И.Х. Латинско-русский словарь. 5-е изд., стер. –М.: Изд. Русский язык., 1998. С.667.
2. Абрамов Н. Словарь русских синонимов и сходных по смыслу выражений. М. 2006. С.565.
3. Ожегов С.И. Словарь русского языка. Около 53000 слов. Изд. 7-е, стереотип. М.: «Сов. Энциклопедия», 1968. С.738.
4. Долгова А.И. Криминологические оценки организованной преступности и коррупции, правовые баталии и национальная безопасность. М., РКА, 2011. С.524.
5. Лопатин В.В., Лопатина Л.Е. Русский толковый словарь. –М.: Изд-во Эксмо, 2004. С.47.
6. Ожегов С.И. Словарь русского языка. Около 53000 слов. Изд. 7-е, стереотип. М.: «Сов. Энциклопедия», 1968. С.616.
7. Ожегов С.И. Указ соч. С.617.
8. Ожегов С.И. Указ. соч. С.374.
9. Бэрон Р., Ричардсон Д. Агрессия. СПб., 2000. С.53.
10. Антонян Ю.М. Общий очерк о преступном насилии. Человек против человека. Преступное насилие: Сб.ст. СПб.1994. С.8.
11. Берковиц Л. Агрессия: причины, последствия и контроль. СПб., 2001. С.23-286.
12. Ожегов С.И. Словарь русского языка. М., 1984. С.334.
13. Таганцев Н.С Уголовное уложение 22 марта 1903г. СПб. С-Петербург. 1904. С.187.
14. Даль В. Толковый словарь. М., 1956. С.469.
15. Базаров Р.А. Уголовно-правовая характеристика насилия // Проблемы обеспечения личной безопасности граждан. Труды Академии. Издательство: Акад. МВД России. М., 1995. С. 39-45.
16. Гаухман Л.Д. Борьба с насильственными посягательствами. С.6.
17. Ляхов Е.Г. Терроризм и межгосударственные отношения. М., 1991. С.43.
18. Белогриц-Котляровский Л.С. Учебник русского уголовного права. Общие и особенные части. М.: Южно-русское книгоиздательство Ф.А. Иогансона, 1903. С. 376.
19. Костюк М. Насилие в местах лишения свободы (социально-правовой аспект). Законность. № 12. М., 1998. С. 43.
20. Шарапов Р.Д. Физическое насилие в уголовном праве. СПб. 2001. С.12.
21. Долгова А.И. Криминологические оценки организованной преступности и коррупции, правовые баталии и национальная безопасность. М., РКА, 2011. С.205.
22. Меркурьев В.В. Защита безопасности человека и его жизнедеятельности. М., РКА, 2005. С.115.
23. Грибунов О.П. Уголовная ответственность за применение насилия в отношении представителя власти. дис. канд. юрид. наук. Санкт-Петербург. 2003. С.29.
24. Красиков Ю.А., Апакаев А.М. Понятие преступления. Множественность преступлений. М.,1996. С.21.
25. Коростылев О. Угроза в уголовном праве: понятие, виды, значение. Уголовное право. М., 2006.№3 С.37.
26. Волынский А.Ф., Лавров В.П. Организованное противодействие раскрытию и расследованию преступлений (проблемы теории и практики)// Организованное противодействие раскрытию и расследованию преступлений и меры по его нейтрализации: Материалы к проведению круглого стола (29-30 октября 1996 года, г. Руза). М.: ЮИ МВД России, 1996. С.6.
27. Овчинникова Г.В. Терроризм: Серия «современные стандарты в уголовном праве и уголовном процессе»/Науч. Редактор проф. Б.В. Волженкин. СПб., 1998. С.15-16.
28. Ревин В.П., Магомедов А.А., Сайгитов У.Т. Терроризм: реальная угроза населению России и мировому сообществу: Монография. М.: Изд-во СГУ, 2010. С.51.
29.URL:http:// slovari.yandex.ru/сопротивление/Толковый словарь Даля/СОПРОТИВ (дата обращения: 14.05.2011).
30.URL:http://www.onlinedics.ru/slovar/lawyer/s/soprotivlenie.html (дата обращения: 15.05.2011).


## ПРОБЛЕМНЫЕ ВОПРОСЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ПОНЯТИЯ СОПРОТИВЛЕНИЯ УГОЛОВНОМУ ПРЕСЛЕДОВАНИЮ ЗА ТЕРРОРИСТИЧЕСКУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ

***(по материалам Северного Кавказа)***


В данной работе раскрывается само понятие «сопротивление» уголовному преследованию за террористическую деятельность с этимологической стороны. Рассматривается, как сопротивление оказывает на лиц, осуществляющих уголовное преследование, физическое и психическое воздействие с целью причинения им ущерба за служебную деятельность, а также дается авторское определение этому негативному явлению.



**Ключевые слова:** террористическая деятельность, уголовное преследование, «сопротивление» уголовному преследованию, физическое и психическое воздействие, служебная деятельность.

PROBLEM QUESTIONS OF THE DEFINITION OF RESISTANCE TO CRIMINAL PROSECUTION FOR TERRORIST ACTIVITIES *(based on the North Caucasus)*

In this work the notion of "resistance" to prosecution for terrorist activities with the etymological side. Considered as the resistance has on persons engaged in criminal prosecution, physical and mental effects to cause damage to them for performance and gives the author's definition of this negative phenomenon.

**Key words:** terrorist activity, criminal prosecution, "resistance" to criminal prosecution, physical and mental impact, office activity.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Г.А. Гадаборшев*** – аспирант Академии Генеральной прокуратуры РФ. E-mail.: **gadaborshev72@mail.ru**

## ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ДИЯ ВА ТАНОСУБИ ОН БО ЗАРАР

***Муҳаммад Юсуф Муҳаммад Яқуб***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Шартномаи хизматрасонии тиббӣ бо мақсади иҷро намудани амалиётҳои муайяни тиббӣ ва қонеъ намудани талаботҳои тарафи дигар ба ин хизматҳо баста мешавад. Бинобар ин тарафҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ин ки ин шартнома ба тарзи дахлдор иҷро гардад. Мутаассифона дар ҷараёни иҷро намудани уҳдадориҳои шартномавӣ имконияти расонидани зарар ба мизоҷ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, дар қонунгузории кишварҳои мухталиф ва аз ҷумла дар қонунгузории ҶИА чораҳои ҳуқуқие андешида шудаанд, ки барои пешгирӣ намудани ин гуна ҳуқуқвайронкуниҳо равона карда шудаанд. Дар байни ин чораҳои ҳуқуқӣ, ки на танҳо хусусияти шартномавӣ, балки хусусияти умумии ҳуқуқӣниз доранд, дия мебошад.

Дия миқдори пуле ҳаст, ки ба унвони хисорот аз сӯи қотил ба касе, ки муртакиби зарб, ҷарҳ ва шатм шуда, ба касе, ки садама дида ва ё ворисини касе, ки кушта шуда, пардохт мешавад. Яке аз масоили бисёр муҳим ва мавриди таваҷҷуҳи имрӯзаи фиқҳӣ дар кишварҳои исломӣ аст. Дар бисёр маврид миқдори дия ба унвони хисороти ҳадди ақалӣ дар назар гирифта мешавад. Дар ҳоле ки зиёнҳои ворида ва ё осори он барои зиёндида бисёр дарднок ва мондагор аст,ба наҳве ки мумкин аст чандин баробари хисороти молӣ ва шуғлӣ ба зиёндида ворид ояд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки миқдор ва андозаи дия дар фиқҳи исломӣ муайян аст, саволи аслӣ ин аст, ки оё ин гуна хисорот қобилияти мутолибаро доранд ё на? Барои равшан шудани баҳс лозим аст, ки ба намунаҳои айнии зайл таваҷҷуҳ шавад. Масалан, корманд ҳангомииҷрои кор ба далели кӯтоҳии корфармо дар риояти усули қоидаҳои кор дучори ҳодиса гардида, узви муҳиме чун даст аз кафи даст қатъ мешавад. Пас аз ахси дия аз корфармо бо фарзи ин, ки масорифи табобати вай беш аз ҳадди дия мавриди ҳукм бошад, оё метавонад ин масорифро ҷудогона мутолиба кунад ва ё ӯ метавонад бо тақдим намудани ариза хисороти айёми бекории худро ё ба иборои дигар тақвияти қувваи кории худро талаб намояд? Бо таваҷҷуҳ ба ин ки ӯ дар оянда низ наметавонад кори муносиб биёбад, оё метавонад хисороти эҳтимолӣ аз ин бобат талаб намояд? Дар мисоли дигар санъатгаре аз сӯи шахсе қасдан мавриди зарар қарор гирифта, ҳар ду дасти худро аз даст медиҳад, дар натиҷа шахси мазкур қувваи кории худро аз даст медиҳад. Оё фард метавонад мутолибаи зарар ва зиён намояд? Ва ё маризе аз сӯи табиб қасдан ва ё аз рӯйи хато ва ғафлат яке аз аъзои бадани худро аз даст диҳад ва ё фавт кунад, метавонад зарари воридаро талаб кунад? Мисолҳои мазкур ва садҳо мисоли монанди он мумкин аст зеҳни афродро машғул кунад, ки оё ҳуқуқи исломӣ посухе барои ин саволҳо дорад? Он чӣ мусаллам аст ин, ки мавзӯъ баҳси ихтилофӣ аст. Иддае ақида доранд, ҳар чӣ ҳаст ҳамон дия аст, ки дини Ислом ва Қуръон ба ҷуз дия чизе пешбинӣ накардааст ва ба ин тартиб ба саволҳои тарҳшуда ҷавоби манфӣ медиҳанд. Аммо назари мухолифе вуҷуд дорад, ки барои баррасии беҳтари он аввалан лозим аст ба таърифи дия ва моҳияти ҳуқуқии он пардохта шавад, аммо нахуст як нигоҳи кӯтоҳ ба таърихи дия дар миёни миллатҳои гуногун ба таври фишурда мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад.

Дия дар маҷмӯаи қавонини Ҳомуробӣ зимни ковишҳои бостонӣ, ки дар минтақаи Шуш байни солҳои 1899 то 1902 анҷом шуд, як гурӯҳи фаронсавиҳо

муваффақ ба кашфи яке аз пурарзиштарин манбаи таъриху ҳуқуқ, яъне маҷмӯаи қавонини Ҳомуробӣ шуданд. Ин маҷмӯаи қавонин дар санге ба тӯли 2,5 ва арзи 1,5 метр нақш шуда буд, ки қадимитарин ва комилтарин қавонини марбут ба ҳудуди чор ҳазор сол пеш аз имрӯз мебошад[1].

Низоми қасос ва пардохти дия дар ин маҷмӯа бар асоси имтиёзоти табақотӣ аст. Яъне бо муҷримин дар мавриди пардохти ба таври яксон бархӯрд намешавад. Мутобиқи ин маҷмӯа қавонин қасос вақте қобили татбиқ аст, ки муртакиб қасдан дигареро ба қатл расонида бошад ва ё узве аз аъзои бадани ӯро шикаста, ӯро маҷрӯҳ карда бошад. Маҷрӯҳ кардани ғайри қасдӣ бар асоси мундариҷоти моддаи 206-и ин маҷмӯа фақат сабаби пардохти масрафи табобати шахси маҷрӯҳ мешуд ва зараррасонда маҷбур ба пардохти он будааст. Дар зарб ва ҷарҳи ғайриқасдӣ, ки ҳатто зарбдида фавт шавад ҳам, ба далели ғайриқасдӣ буданаш ба қасос маҳкум намекунанд. Аммо бояд ним «моно нуқра» ба унвони дия ба авлиёи мақтул мепардохтааст.

Дия дар ҳуқуқи Рум, ки аз қадимтарин ва муҳимтарин ҳуқуқҳои қазоӣ ба шумор меояд ва метавон аз он ба унвони манбаи таърихи бештари қавонини имрӯзи кишварҳои Ғарбӣ ном бурд, вуҷуд доштааст. Ба ин маъно, ки шахси мавриди таҷовуз ҳақ дошта дар бораи поён додани даъво бо шахси таҷовузкунанда тавофуқ кунад ва ё дар сурати адами тавофуқ қасос намояд. Албатта, бояд таваҷҷуҳ дошт, ки дар ҳуқуқи Рум дар мавриди маҷрӯҳ шудани аъзо (чашм дар баробари чашм будааст.)

Ҷойгузинии муқаррароти дия бо низоми қасос дар назди румиҳо пас аз тайи мароҳили такомулӣ бо гирифтани ризоияти хонаводаи мақтул ва ёхуди зиёндида сурат мегирифт. Миқдори маблағе, ки пардохт мешуд, ин ҳамон низоми дия дар қонуни мазкур аст. Аз ҷумла ҷазоҳое, ки маҳкамаи

Рум алайҳи ҷинояткорон содир мекард, метавон ба дор овехтан ва пардохти дияро ном бурд.

Дар аввалин маҷмӯаи Қонуни Англосаксон дар Англия дар асри 7 мелодӣ навишта шуда, системаи комили ҷуброни хисороти баданӣ баён шуда, ки дар ҷомеаи Англия ба сурати як урф пазируфта шуд, ки ин ҳамон дия мебошад. Бинобар ин маҷмӯи қавонин миқдори дияи нафс бо тавофуқи байни ду тарафи даъво таъйин шудааст. Яъне, тарафайни даъвоихтиёр доштанд, ки мизони зарарро таъйин кунанд. Дар он замон дияи мақтул ба се ҷузъ тақсим мешуд. Як ҷузъи он ба далели аз даст рафтани яке аз раияти подшоҳ ба подшоҳ дода мешуд ва ҷузъи дигари он ба молик (феодал) ба далели аз даст яке аз афроди худ бармедошт ва ҷузъи сеюм байни ворисони зиёндида тақсим мешуд. Дар дини муқаддаси Ислом дар Қуръони шариф дар сураи Нисо, ояи 91-92 роҷеъ ба дия сареҳан ба таври возеҳ баён гардидааст: «Ҳеҷ мусалмон ҳақ надорад, ки мусалмонеро ба қатл бирасонад, магар ба хато ва касе, ки мусалмонеро ба қатл мерасонад, бояд, ки як ғуломи мусалмонро озод кунадва ба ворисони шахси кушташуда дия бипардозад, магар он, ки онҳо ин дияро ба қотил бибахшанд. Агар шахси кушташуда аз қавме, ки душманони шумоанд, яъне ғайри мусалмон бошад ва қотил мусалмон бошад дия надиҳад, бояд як ғуломи мусалмон озод карда шавад ва агар шахси кушташуда аз мардуме бошад, ки дар миёни шумо ва онҳо паймон вуҷуд дошта бошад, пас бояд ба хонавода дия пардохта шавад ва як ғуломи мусалмон озод карда шавад. Касе, ки имкони озод кардани ғуломро надорад, ду моҳ пай дар пай рӯза бигирад ва ба хотири Худо тавба кунад ва Худованд олими боҳикмат аст[2]».

Усулан ҷиноят бар се навъ аст: а) ҷинояти қасди маҳз; б) ҷинояти хатои маҳз; в) ҷинояти шабеҳи қасд.

Ҷинояти қасд он аст, ки касе аз рӯйи қасд мехоҳад касеро бикушад ва ё амалеро дар ҳаққи зиёндида анҷом диҳад, ки навъан кушанда аст.

Ҷинояти хатои маҳз он аст, ки қатлкунанда дар феъл ва қасди худ хато кунад, монанди ин, ки тиреро ба сӯйи ҳайвоне раҳо карда бошад, вале ба инсон бархӯрад.

Ҷинояти шабеҳи қасд он аст, ки феъл аз рӯи қасд анҷом бигирад, вале қасд чизи дигаре бошад. Масалан, кӯдакеро ба унвони танбеҳ бизанад, вале кӯдак бимирад. Дар сурати иртикоби қасдии ҷиноят аам аз қатл ё ҷарҳа кардани қотил қасос мешавад. Магар ин, кибо зиёндида ё ворисони ӯ бар пардохти иваз моле тавофуқ шавад. Дия дар мавриди ҷинояти хатоӣ ва ҷинояти шабеҳи қасд аст, ки дарояи ёдкардашуда ҳукми он баён гардидааст.

Дини муқаддаси ислом дар низоми дия равиши ҷадиде бино накард, балки онро ба ҳамон мафҳуми уруфӣ ва ақлонӣ, ки ривоҷдошт, пазируфт. Албатта, ин ба он маъно нест, ки ислом барои низоми дия тавсияе қоил нашуд, балки ислом бо қарор додани муқарраротии махсус қонуни дияро мустаҳкам сохт, то аз ба кор бурдани хостаҳои шахсӣ ва суннатҳои қабилаӣ мамонеат ба амал оварад. Ба таври мисол, дар даврони қабл аз ислом ҳасаб ва насаби ашхос муҷиби афзоиши миқдори дия буд, вале ислом дар бораи дияи нафс, дияи ҷароҳот ва дияи аъзо нисбат ба ҳама ба таври яксон қонун вазъкард ва ин маъноро ба шакли имзоӣ ва шакли қазияи ҳақиқӣ татбиқ намуд. Қонуни муҷозоти исломии Эрон дияро чунин таъриф намудааст: «Дия моле аст, ки аз тарафи шореъ барои ҷиноят таъйин шудааст[3]».

Дия ниҳоди ҳуқуқӣ дар низоми ислом аст, ки аз сӯйи ин дин имзо шудааст, ки имрӯз тамоми кишварҳои исломӣ дар матнҳои қонунӣ, ки аз аҳкоми шариат гирифта шуда, дохил гардида ва иҷро мешавад. Дар китобҳои фиқҳии Афғонистон, ки мероси аслии аҳкоми динӣ, бахусус дар мавриди аҳкоми дия ба шумор меояд, дар мавриди чигунагии дия ба сурати муъҷаз пардохта нашудааст, балки ба сурати умумӣ масоил ва мавзӯоти марбути дия ва аҳкоми он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Чунончи дар моддаи 3-юми Қонуни асосӣ омада аст: «Дар Афғонистон ҳеҷ қонуне наметавонад мухолифи муътақидот ва аҳкоми дини муқаддаси Ислом бошад»[4].Ва ҳамчунон дар моддаи 29-и Қонуни мазкур омадааст: «Азият ва озори инсон мамнуъ аст, ҳеҷ шахс наметавонад ҳатто ба мақсади кашфи ҳақоиқ аз шахси дигар агарчи таҳти таъқиб гирифтори ё тавқиф ва ё маҳкум ба ҷозо бошад, ба таъзиби ӯ иқдом кунад ё амр намояд, таъйини ҷазое, ки мухолифи кароматы инсонӣ бошад, мамнуъ аст»[5]. Бо таваҷҷуҳ ба густариши рӯзафзуни мавзӯоти ҳуқуқӣ ва тарҳ шудани масоили ҷадид аз ҷумла хисороти изофӣ бар дия ва равшан кардани моҳияти ҳуқуқии он бисёр дорои аҳмият мебошад. Дар бисёри мавридҳо миқдори дия ба унвони хисороти ҳадди ақалӣ дар назар гирифта мешавад. Дар ҳоле ки мумкин аст ба зиёндида хисороти чандин баробари дия ворид ояд.Навъи масъулият ва тааҳҳуд ва моҳияти ҳуқуқии дия мусалламан, ақди қарордодӣ маҳсуб намешавад, аммо дар бораи ин ки чунин масъулият масъулияти ҷазоӣ дошта бошад ё маданӣ ва ё ҳар дуихтилофи назарҳо вуҷуд дорад. Ба таври куллӣ се дидгоҳ дар мавриди моҳияти ҳуқуқии низоми дия ироа шудааст:

1. Дия муҷозот аст, зеро хусусиятҳои масъулияти ҷазоиро дорад. Аз ҷумла, шадид шудани он дар моҳҳои ҳаром ва ин ки давлат онро таъйин менамояд, таҳдиди шаръӣ ё қонунӣ ва маблағ онро ранги масъулияти ҷазоӣ медиҳад. Зеро хисорот бар асари масъулиятҳои хориҷи қарордод шумурдашуда нест, дар ҳоле ки дия ба сурати мушаххас ва таъйиншуда мебошад. Ва қонунгузор онро дар радифи муҷозотҳо овардааст. Чунончи дар моддаи 229-и Қонуни муҷозоти исломӣ омадааст, ки «ҳар гоҳ касе, ки муртакиби қатли муҷиби қасос шудааст, бимирад, қасос ва дия соқит мешавад»[6].

Дар қавонини миллатҳои гузашта низ дия барои сарзаниш кардани муҷрим ва дилҷӯи аз зиёндида матраҳ будааст ва ба унвони ҷазо ба ҳисоб гирифта мешудааст. Аз ин рӯ, дар дини ислом низ дияро дар миёни мабоҳиси ҷазоӣ ҷой додаанд. Урф низ дияро навъи муҷозот мешуморад[7]. Агар дия хисорот набошад, баҳои ҷони инсони озод қобили харид ва фурӯш нест. Арзиши як инсон бисёр болотар аз он аст, ки бо пул қимматгузорӣ шавад.

2. Дия масъулияти маданӣ аст. Абулқосими Гурҷӣ менависад: «Ба назар меояд, ки дияро бояд аз қабл пардохти хисорот ва ҷуброни зарар ва зиён ба шумор овард, ки ҷанбаи ҳуқуқӣ ва молӣ дорад, на ҷазоӣ»[8]. Аз ҷумлаи далоил дар маврид ин аст, ки муҷозоти исломӣ маъмулан, дар баробари маъсият ва гуноҳ мебошад, дар ҳоле ки дия аксаран ва дар асл дар баробари афъол ва аъмоли хатоӣ ва шибҳи қасдӣ қарор мегирад. Чӣ гуна дия муҷозот аст? Дар ҳоле, ки кӯдак ва девона бо надоштани шароити аввалияи таклиф, агар муртакиби ҷинояте шаванд, дия аз ҷониби хешовандони онҳо пардохт мешавад. Дар ҳоле ки гуноҳ ва ҷурм аз сӯйи инсони мукаллаф бо эҷоди шароит ва унсурҳои ҷурм собит мешавад. Унсури маънавӣ ва унсури қонунӣ дар ин маврид вуҷуд надорад, пас роҳе намемонад ҷуз ин ки бигӯем дия аз масъулиятҳои молӣ ва маданӣ аст. Дар истилоҳи уламои фиқҳ барои қисматҳое аз дияҳо вожаи эрш(товон)-ро ба кор бурдаанд. Пас дия ҷуброни хисорот ва масъулияти ғайри қарордодӣ ҳисоб карда мешавад[9].

3. Дия ҳам ҷанбаи масъулияти маданӣ дорад ва ҳам ҷанбаи масъулияти ҷазоӣ. Гоҳе ба далели вуҷуди бархе аз хусусият ва осори масъулияти ҷазоӣ ва маданӣ дар дия чунин ба назар мерасад, ки моҳияти ҳуқуқии дия омехта аз ҳар ду масъулият бошад, шакл мегирад. Ба таври мисол вуруди зарар, феъли зиёнбор ва вуҷуди робитаи сабабият байни феъли воридкунандаизиён ва зиёни ворида аз рукнҳои масъулияти маданӣ аст. Аз сӯйи дигар як теъдод далоили дигар вуҷуд дорад, ки дияро аз масъулияти маданӣ дур сохта, ба он ҷанбаи ҷазоӣ медиҳанд, монанди ин китарки феъл сабаби тазмини дия намешавад, дар ҳоле ки дар масъулияти маданӣ гоҳ тарки феъл низ сабаби масъулият аст. Дар масъулияти мадании ғайри қарордодӣ хисороти аз пеш таъйиншуда надорем, балки баъдан таъйин мешавад. Аммо дияро шариат ва қонунгузор аз қабл таъйин кардааст ва ба сурати маҳдудшуда мебошад.

Дар асри қабл аз ислом аз тариқи низоми дия ҳам дар фикри он буданд, ки хисороти воридаро ҷуброн кунанд ва ҳам қотилро ба ҷазои аъмол бирасонад. Дар дини муқаддаси ислом низ ин дидгоҳ бо имзои ҳукми дия то ҳудуде маъмул гардид. Бад ин маъно, ки дар фиқҳи исломӣ тафкик ва марзбандии мушаххас миёни аҳкоми ҷазоӣ ва маданӣ нашудааст, то дар мавриди дия ва моҳияти он низ равшан шуда бошад. Ин назар бештар дар фуқаҳои имомия дида мешавад. Аз назари онҳо манзур аз дия моле аст, ки ба хотири ҷиноят бар нафс ё аъзои инсон воҷиб мегардад, чи мизони мушаххас барои он бошад ва чи набошад. Дар ин маврид бештар ҷанбаи молии қазия барҷаста аст. «Дия дайн аст, бо марги мадиюн соқит намешавад»[10]. Дар ин назар гузашта аз ҷанбаи ҷазоӣ бар унсури маданӣ будани дия таъкид шудааст, ки бо марги мадиюн соқит намешавад.

Дар миёни фуқаҳои мозоҳиби чоргона, Шофеия ва Ҳанбалия ақида доранд, ки диёт ҷамъи дия аст ва он иборат аст аз моле, ки бар асари ҷинояти ворида бар зиёндида ё варасаи шахс дар сурати қатли нафс ва ё бар худи зиёндида дар сурати зарб ва ҷарҳ пардохт мегардад. Фуқаҳои ҳанафия ақида доранд, дия аз адо сарчашма гирифтааст ва иборат аз молест, ки дар муқобили талаф шудани нафс адо мегардад[11].

Назари фуқаҳои Моликия ин аст, ки дия иборат аст аз чизе, ки дар муқобили қатли нафс ба унвони хунбаҳо (Bloodmony) ба валии шахс адо мегардад. Он чи ки аз маҷмӯи мазоҳиби чоргона ба даст меояд ин аст, ки дия зуҳур дар ҷуброни хисорот дорадва қаҳран ҷанбаи ҷазои ҳамчун муҷозотро надорад. Бинобар ин, дия ба унвони моле дар муқобили ҷиноят ба зиёндида пардохт мешавад. Тавре ки мулоҳиза мегардад, дия шабоҳатҳои бисёр ба масъулияти маданиро доро буда, ҷанбаи ҷазоӣ низ дар он қуввати бештар дорад ва наметавон аз ин хусусияти он ба роҳатӣ даст бардошт. Аз баррасии мавзӯи фавқ чунин ба назар мерасад, ки дия барои ҷуброни хисорот вазъ шудааст. Дар муқобили ҷинояти қатл, зарб ва ҷарҳ. Худованд дар Қуръони карим аз дия возеҳан ном бурдааст, ки ҷойи шак ва тардид дар он роҳ надорад. Худованди олам илова бар таваҷҷуҳ ба шахсияти инсон барои бадани он низ арзишва аҳамияти хос қоил аст. Чунончи худ мефармояд: «Ҳар касе фардеробидуни ҳақ ва ё бе он ки фасод ва фитнае дар рӯйи замин анҷом диҳад, ба қатл расонад, мисли он аст, ки ҳамаи мардумро ба қатл расонда, ҳар касе нафсе ё фардеро ҳаёт бахшад ва аз марг наҷот бахшад, мисли он аст, ки ҳамаи мардумро ҳаёт бахшида аст»[12].

Дия худ бахши азиме аз фуқаҳоро ташкил медиҳад ва дар бораи ҷузъиёти бадани инсон баҳс мекунад ва бо баррасии ҳамаҷонибаи бадани инсон барои ҳар қисмат ҳукми хос дорад. Аз назари баъзе фуқаҳо дия хунбаҳои инсони ба қатлрасида аст. Аз дидгоҳи уламои исломӣ дия барои ҳурмати инсони зиёндида вазъ шуда, ки худ навъе аз башардӯстиро дар байни инсонҳо нишон медиҳад. Дия муҷозоте аст, ки барои ҷилавгирӣ ва такрори аъмоли ҷиноятбор ва миқдори моле аст, ки баъд аз марги зиёндида ба хотири дилҷӯи варасаи шахси мақтул на ба унвони оромиши нафс дода мешавад.

Бинобар ин имконияти татбиқи дия дар ҳолати расонидани зарар ҳангоми иҷро намудани хизматҳои тиббӣ вуҷуд дорад, гарчанде рӯёнидани он боиси аз байн рафтани талофии товони зарар намегардад. Аз ин ҷо, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки мазмуну моҳияти зарар нисбат ба дия ба иҷбор аст.

## АДАБИЁТ


1. Алипошоҳ, Солеҳ. Саргузашти қонун. Нашрияи муассисаи Ҳуқуқи татбиқӣ Теҳрон, 1382(1990)-С. 2-32.
2. Қуръони шариф, сураи Нисо ояи 91-92.
3. Қонуни муҷозоти Исломӣ Теҳрон С.1370.
4. Қонуни асосии Афғонистон,14.10.1382.
5. Қонуни асосии Афғонистон
6. Қонуни муҷозоти исломӣ.
7. Куҳӣ, Козим. Моҳияти ҳуқуқии дия, маҷаллаи Гуфтумони ҳуқуқӣ № 4 ва 5 С.82.
8. Гурҷӣ Абулқосим, Диёнат. Ҷ.1 Теҳрон с.1380.(2002 м.) саҳ. 51
9. Маръашӣ, Оятуллоҳ Муҳаммадҳасан. Дидгоҳҳои нур дар ҳуқуқи ҷазои Ислом. Ҷ.2. Теҳрон соли 1376.саҳ. 189.
10. Лангароӣ, Оятуллоҳ Фозил. Ҷомеъ-ул-масоил. Ҷ.1. С.558. Соли 1379.
11. Сарахсӣ, Муҳаммад бини Аҳмад бини Абӯбакр. Ал-масбут. Ҷ.26, С.51. Соли 1382.
12. Қурони шариф, сураи Ал-моида ояи 31.


### ПРАВОВАЯ ПРИРОДА МАТЕРИАЛЬНОГО ВОЗМЕЩЕНИЯ ВРЕДА, ПРИЧИНЕННОГО ПРЕСТУПЛЕНИЕМ ПРОТИВ ЖИЗНИ И ЗДОРОВЬЯ И ЕЕ СООТВЕТСТВИЕ С ПРИЧЕННЫМ ВРЕДОМ


В данной статье автором рассматривается правовая природа материального возмещения вреда, причиненного преступлением против жизни и здоровья и ее соответствие с приченным вредом.Большинство стран, в которых государственной религией является ислам, основывают уголовную ответственность на принципах мусульманского права. В соответствии с уголовным законом возмездие представляет собой наказание, назначаемое виновному лицу за преступление против жизни и здоровья и равноценное вреду, причиненному этим преступлением. Возмещение предоставляется потерпевшему либо его законному представителю, либо лицу, обладающему правом на возмездие. Его размер устанавливает, судя в соответствии с исламским религиозным законом.



**Ключевые слова:** преступление против жизни и здоровья, исламские религиозные законы, приченненный вред, материальное возмещение вреда, право на возмездие.


### MATERIAL COMPENSAT'S LEGAL NATURE OF THE HARM DONE BY THE CRIME AGAINST LIFE AND HEALTH AND ITS COMPLIANCE WITH CAUSAL HARM


In this article the author considers the legal nature of a material compensate of the harm done by a crime against life and health and its compliance with causal harm. The majority of the countries in which the state religion is Islam, base criminal liability on the principles of the Muslim right. According to the criminal law punishment represents the punishment appointed to the perpetrator for a crime against life and health and equivalent harm, done by this crime. Compensation is provided to the victim or his lawful representative, or the person possessing the right to punishment. Its size establishes, judging according to the Islamic religious law.



**Key words:** crime against life and health, the Islamic religious laws, harmed a material compensate of harm, the right to punishment.



СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: *Мухаммад Юсуф Мухаммад Яъкуб* – соискатель ТНУ


# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ САБТИ ШИРКАТҲОИ ХОРИҶӢ ОИД БА САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ВА ТАРТИБИ ВУРУД, ИҚОМАТ, ХУРУҶ ВА КОРИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН


***Ризо Нусуҳиён***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


***Тавсифи қонунгузории Эрон аз назари силсиламаротиб.*** Ба таври куллӣ маҷмӯаи муқаррароте, ки дар Ҷумҳурии Исломии Эрон (ҶИЭ) вазъ ва навишта мешавад, бар асоси марҷаи вазъ дорои силсиламаротиб ва дараҷоте мебошад. Сарқонуни ҳар кишвар ҳамеша ба унвони чорчӯбаи қонунгузорӣ мавриди таваҷҷуҳи ниҳодҳои қонунгузор аст ва қонунҳои оддӣ, тасвибномаҳо, оинномаҳо, бахшномаҳо ва дастурамалҳо ҳамеша ҳангоми тадвин бо сарқонун татбиқ дода мешаванд. Дар ҳолати мутобиқ набудани ҳар кадом аз онҳо бо сарқонун, имкони рад шудани он аз

тарафи мақомоти салоҳиятдор вуҷуд дорад. Дар аксари ҳукуматҳои озод барои нигаҳдории асоси ҳукумат ва пешгирӣ аз таҷовузи давлатҳо барои сарқонун эҳтиром ва ҳайсияти махсус қоиланд ва онҳоро аз қавонини дигар мумтоз сохтаанд [1].

Дар мартабаи дигар қонунҳои оддӣ қарор гирифтаанд. Муқаррароте, ки бо шароити дарҷшуда дар сарқонун аз тасвиби Маҷлиси Шӯрои Исломӣ гузарад, қонуни оддӣ аст[2]. Лекин истиқрор ва иҷрои он аз Шӯрои Нигаҳбон вобаста мебошад[3] . Дарвоқеъ Шӯрои Нигаҳбон вазифаи татбиқи қонунҳои оддиро бо мавозини шаръи ислом ва сарқонун анҷом медиҳад ва дар сурати надоштани мухолифат, қонуни тасвибнамудаи маҷлисро таъйид мекунад. Дар сурате ки Шӯрои Нигаҳбон мусаввабаи маҷлисро аз назари дар боло гуфташуда таъйид накунад ва маҷлис барои вазъу тасвиби он исрор кунад, барои аз байн бурдани ихтилоф мавзӯъ ба маҷмаи ташхиси маслиҳати низом меравад, то дар ин марҷаъ тасмими ниҳоӣ дар хусуси қабул ё ради он гирифта шавад[4]. Албатта, марҷаи ташхиси маслиҳати низом дар мавориде бинобар зарурати кишвар, худ иқдом ба тадвини муқаррарот менамояд, ки бештари ин мусаввабот дар хусуси сиёсатҳои куллӣ ва асосӣ мебошад. Тадвини сиёсатҳои куллии моддаи 44 Сарқонун ва тадвини чашмандози бистсолаи тавсеаи кишвар аз ҷумлаи ин мавориданд, ки низоми иқтисодии ҶИЭ бар пояи се бахши давлатӣ таовунӣ ва хусусии бо барномарезии саҳеҳ ва муназзам устувор аст.

Илова бар он аҳдномаҳое, ки бар тибқи мавозини Сарқонун байни давлати Эрон ва дигар давлатҳо баста шуда бошад, бо тасвиби Маҷлиси Шӯрои Исломӣ дар ҳукми қонун аст[5]. Аҳднома як навъ тавофуқи байналмилалӣ мебошад, ки байни ду ё чанд давлат бо якдигар ва ё байни давлат ва созмон, ё созмонҳои байналмилалӣ баста мешавад ва масъулияту вазоифи ҳуқуқӣ барои тарафҳо эҷод мекунад, ки шомили мувофиқатҳои дуҷониба ва чандҷонибаи байналмилалӣ ва конвенсияҳо мешавад[6]. Аз ҷумлаи мувофиқатномаҳои байни Эрон ва Тоҷикистон транзити ҳавоӣ, транзити заминӣ ва роҳи оҳан, ҳамкориҳои фарҳангӣ, дар заминаи гумрукӣ, мувофиқатнома дар хусуси муҳити зист ва ҳамкориҳои заминшиносӣ ва иктишофи маъдан мебошад, ки дар қолаби қонун ба иҷро даромадааст. Дар ниҳоят қонун пас аз тасвиб бо имзои Раиси ҷумҳур, дар зарфи понздаҳ рӯз пас аз нашр дар рӯзномаи расмии кишвар ба ҳукми иҷро медарояд[7].

Дар мартабаи севвум тасвибномаҳо ва оинномаҳои давлатӣ қарор дорад. Бо таваҷҷуҳ ба он, ки тадвин ва пешбинии тамоми ҷузъиёти марбут ба иҷрои қонунҳо ва танзими умури идорӣ аз уҳдаи маҷлис хориҷ аст, танзими ин муқаррарот ба салоҳияти ҳайати вазирон ё вазоратхонаи дахлдор вогузор гардидааст. Албатта, салоҳияти давлат дар вазъи оинномаҳо ва тасвибномаҳо ба мавридҳое маҳдуд нест, ки дар қонунҳои оддӣ муқаррар шудааст ва давлат ба унвони иҷрокунандаи қонунҳои оддӣ метавонад барои беҳтар анҷом гардидани таклифҳояш, муқараротеро, ки лозим медонад тасвиб намояд. Бо ин вуҷуд тасмимоти давлат то ҷое муътабар аст, ки бо қонунҳои оддӣ мухолиф набошад ва дар ғайри ин сурат имкони (ибтол) беасар намудани он аз тарафи мақомоти салоҳиятдор (Девони Адолати Идорӣ) вуҷуд дорад. Дар поёни ин баҳс зикри ин нуқта зарурист, ки дар раванди тағйиру таҳаввул дар қонунҳо, рад ё тағйири қонун танҳо аз тариқи мақоме имконпазир аст, ки он қонунро вазъ карда, ё дар табақабандии қонунҳо марҷаъ (мақом)-и олитар дорад. Аз ин рӯ қонунҳои оддӣ ҳеҷ гоҳ мухолиф бо Сарқонун буда наметавонанд ва тасвибномаҳову оинномаҳо низ наметавонанд қонунҳои оддиро лағв созанд, лекин баръакси он имкон дорад, ба таври дигар қонунҳое, ки тавассути маҷлиси қонунгузорӣ ба тасвиб мерасад метавонад қонунҳои қабл аз худ ва муқаррароти поёнтарро ислоҳ ё рад намояд.

***Танзими ҳуқуқии вуруд, иқомат, хуруҷ ва кори шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶИЭ.*** *Вуруди шаҳрвандони хориҷӣ.* Имрӯза аз назари ҳуқуқи байналмилал салоҳияти давлатҳо дар мавриди додани раводид ё иҷозаи вуруд ба шаҳрвандони хориҷӣ салоҳият ихтиёрист. Яъне давлат барои додан ё надодани иҷоза соҳибихтиёр аст. Бинобар ин агар давлате вуруди шаҳрвандони хориҷиро ба кишвари худ зараровар ташхис диҳад, метавонад аз содир намудани раводид барои онҳо худдорӣ намояд.

Ин дар ҳолест, ки салоҳияти давлат дар содир намудани гузарнома ё иҷозаи вуруд ва хуруҷ ба шаҳрвандони худаш салоҳияти таклифӣ мебошад. Бинобар ин, шаҳрвандони эронӣ ҳаққи вуруд ва иқомати доим дар кишвари худро даранд, вале дигарон дар марҳилаи аввал чунин ҳаққеро надоранд ва бояд аз давлати Эрон иҷозат

гиранд[8]. Ба назар мерасад ихтиёрӣ будани салоҳияти давлат дар додани иҷозаи вуруд ба шаҳрвандони хориҷӣ ба ду ҷиҳат аст. Аввалан барои ҳифзи масъалаи амниятии кишвар ва пешгирӣ аз вуруди ашхоси номатлуб ва сониян барои ҳифз ва таъмини амният дар қонунҳои Эрон дар мавриди вуруди шаҳрвандони хориҷӣ шарти хосе муқаррар нашудааст ва танҳо ҳаммонанди дигар кишварҳо иҷозаи маъмурони салоҳиятдор дар консулии Эрон дар кишвари матбуи шаҳрванди хориҷӣ ё маъмурони марзӣ барои вуруд лозим дониста шудааст[9]. Ҳарчанд дар мавридҳое маъмурон дар танҳоӣ ҳаққи додани иҷозаи вуруд ба шаҳрвандони хориҷиро надоранд, ҳатто агар пас аз судури гузарнома маълум шавад, ки шаҳрванди хориҷӣ шомили мавориди мамнӯъият будааст, гузарномаи вай ибтол ва ӯ бекор шуда, аз кишвар ихроҷ мешавад. Дар мавриди вуруди шаҳрвандони хориҷӣ ба минтақаҳои озод, қонунгузор муқаррароти осонтареро гузоштааст[10]. Бар асоси ин қонунҳо барои вуруди бевосита ба минтақаҳои озоди тиҷорӣ-санъатӣ (саноатӣ), гирифтан ва дарёфти раводид лозим нест. Албатта, дар минтақаҳои озоде, ки имкони вуруди бевосита ба онҳо имконпазир набошад, бояд аз намояндагии Эрон дар хориҷ аз кишвар иҷоза гирифта шавад[11].

*Тартиби иқомат ва убуру мурури шаҳрвандони хориҷӣ.* Қонунгузори Эрон ду намуд иқомат барои шаҳрвандони хориҷӣ ба назар гирифтааст: иқомати доим ва иқомати муваққат. Иқомати доим дар суратест, ки шаҳрванди хориҷӣ дар хоки Эрон иқомати қонунӣ[12] ихтиёр намуда бошад ва дар ғайри ин сурат иқомати ӯ муваққат хоҳад буд. (Ба ибораи дигар иқомати доимӣ ба идомаи тавақуфи бегонае дар хоки кишвари дигар бидуни қасди баргашт ба кишвари худ мегӯянд ва агар тавақуфи бегона дар хоки кишвар ба таври муваққат бошад, онро иқомати муваққат меноманд)[13].

Шаҳрванди хориҷӣ пас аз гирифтани иҷозаи вуруд ва ба муқтазои он ҳаққи иқомати муваққат низ хоҳад дошт. Дар асоси моддаи 2 қонуни роҷеъ ба вуруд ва иқомати шаҳрванди хориҷӣ дар Эрон мусавваби 19.02.1310, ки маъмурони Эрон дар хориҷ ба бегонагон медиҳанд, илова бар ҳаққи вуруд ҳаққи навад рӯз иқомат дар Эронро низ ба доранда медиҳад. Ҳамчунин қонунгузор ин имконро ба шаҳрвандони хориҷӣ медиҳад, то дар сурате ки бо судури иҷозаи иқомати онҳо мухолифат ба амал ояд, эътирози худро ба вазорати кишвар пешкаш ва хостори таҷдиди назар шавад.

*Тарбиби хуруҷи шаҳрвандони хориҷӣ.* Ҳар бегонае, ки ба Эрон ворид мешавад ин ҳақро хоҳад дошт, ки ҳар замоне ки хоҳад аз кишвар хориҷ мешавад. Лекин касоне, ки дорои иқомати доим ё муваққат дар Эрон ҳастанд барои хуруҷ бояд ташрифотеро мувофиқи қонун риоят намоянд. Мувофиқи моддаи 10 қонуни вуруд, иқомат ва хуруҷи шаҳрвандони бегона «…иҷозаи хуруҷ аз Эрон ба бегонагон аз тарафи маъмурони шаҳрбонии маҳалли иқомати доимӣ ё муваққатии онҳо дода хоҳад шуд». Ҳамчунин бар асоси ҳамин модда «бегонагоне, ки ба Эрон ворид мешаванд ва муддати таваққуфи онҳо аз навад рӯз нагузарад эҳтиёҷ ба раводиди хуруҷ надоранд, вале мувазаф мебошанд, ки барои хуруҷ аз Эрон эъломияи хуруҷро такмил ва ба маъмурони гумрукии марзи хуруҷӣ бидиҳанд».

*Танзими фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ.* Қонунгузор дар хусуси шуғли шаҳрвандони хориҷӣ дар Эрон низ дар қонуни кори ҶИЭ мусавваби 29.08.1369 қоидаҳоеро пешбинӣ кардааст[14]. Қонунгузорӣ дар ин хусус барои он буд, ки Эрон дар миёни кишварҳои ҳамсоя бахусус кишварҳои ҷангзада, кишвари муҳоҷирпазир шинохта мешуд. Ҳамакнун бисёре аз шаҳрвандони бегона бахусус шаҳрвандони кишварҳои Афғонистон, Ироқ, Малайзия ва Чин дар Эрон дар шуғлҳои гуногун, бахусус истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва корхонаҳои хиштсозӣ, санг, сохтмонсозӣ ва кишоварзиву санъатӣ машғул ба кор ҳастанд.

Бар асоси қонуни кор аз ҷумлаи шароити шуғли шаҳрвандони хориҷӣ доштани раводид бо ҳаққи кор ва дарёфти иҷозаи кор аз вазорати кор ва умури иҷтимоӣ мебошад, ки вазоратхонаи марбут тавассути ҳайати фаннии шуғл шароити дархосткунандаи хориҷиро баррасӣ ва дар сурати таъйид барои як сол парвонаи кор содир мекунад. Пас аз як сол низ имкони тамдид ва таҷдиди парвонаи кор вуҷуд дорад. Албатта, дар хусуси шуғли ашхоси ҳуқуқӣ (ширкатҳо), ки дар Эрон ба сабт мерасанд маҳдудияти замонӣ вуҷуд надорад.

Дар хусуси имкони ба кор қабул шудани нерӯи мутахассиси хориҷӣ низ қонунгузори эронӣ шароитеро пешбинӣ кардааст, ки бо расидан ба шароити қонунӣ

ва тасвиби Маҷлиси Шӯрои Исломӣ иҷозаи кор барои қабул ба кори коршиносони хориҷӣ аз тарафи вазорати кор ва умури иҷтимоӣ содир хоҳад шуд. Ҳамчунин бар асоси қонуни Эрон судури иҷозаи хуруҷ, иқомат ва шуғл барои шаҳрвандони хориҷӣ бар уҳдаи таахҳуди катбии корфармои эронии тарафи қарордод аст[15].

Барои кори шаҳрвандони хориҷӣ дар минтақаҳои озод риояти муқаррароти марбут ба шуғли нерӯи инсонӣ, бима ва таъмини иҷтимоӣ дар минтақаҳои озод зарур мебошад[16].

**Раванди сабти ширкатҳои хориҷӣ дар қонунҳои Эрон**. Ба ҳадафи сабукӣ дар сармоягузории хориҷӣ дар Эрон, бахусус дар минтақаҳои озод ва шаҳракҳои санъатӣ қонунгузор қоидаҳоеро барои сабти ширкатҳо тавассути хориҷиён вазъ намудааст.

Барои равшаниандозӣ ба моҳияти масъала зарур аст, ки аввало мухтасаре ба таърихи мухтасар ва сайри қонунгузорӣ дар ин хусус назар карда, сипас равиши сабти ширкати хориҷӣ дар Эрон ва шуъба ё намояндагии онро бо таваҷҷуҳ ба қавонини Эрон баён кунем.

*Таърихи мухтасари сабти ширкатҳо ва сабти шуъбаҳои ширкатҳои хориҷӣ*. Пеш аз инқилоби исломӣ бар асоси моддаи 3 Қонун дар бораи сабти ширкатҳо мусавваби 11 хурдоди 1311шамсӣ (1932 мелодӣ) манъе барои сабти ширкатҳои хориҷӣ вуҷуд надошт ва ҳамчунин фарқе барои сабти ширкати хориҷӣ ё сабти шуъба ва ё намояндагии он ба таври хос набуд.

Баъд аз инқилоби исломӣ сабти ширкатҳои хориҷӣ ва шуъбаҳову намояндагии онҳо бар хилофи моддаи 81 сарқонуни ҶИЭ ташхис дода шуд. Дар асоси ин модда «Додани имтиёзи ташкили ширкатҳо ва муассисаҳо дар умури тиҷориву санъатӣ, кишоварзиву маъданҳо ва хадамот ба хориҷиён мутлақан мамнӯъ аст». Шӯрои Нигаҳбони сарқонун дар назарияи таърихи 02.02.1360 худ дар тафсири моддаи боло эълон намуд: «Ширкатҳои хориҷӣ, ки бо дастгоҳҳои давлатии Эрон қарордоди қонунӣ бастаанд, метавонанд барои анҷоми умури қонунӣ ва фаъолиятҳои худ дар ҳудуди қарордодҳои басташуда тибқи моддаи 3 қонуни сабти ширкатҳо ба сабти шуъбаҳои худ дар Эрон иқдом намоянд ва ин амр бо асли сарқонун мухолифате надорад».

Баъд аз амалӣ гардидани назарияи Шӯрои Нигаҳбони сарқонун шуъбаҳои ширкатҳои хориҷӣ, ки бо дастгоҳҳои давлатии Эрон (вазоратхонаҳо, идораҳо ва ширкатҳои давлатӣ) дорои қарордод буданд, бо риояти назари Шӯрои Нигаҳбон дар хусуси моддаи 81 сарқонун ва пешниҳоди муаррифиномаи дастгоҳи салоҳиятдор ва қарордоду ҳуҷҷатҳои сабти ширкат, сабт мешуданд.

Бо таваҷҷуҳ ба вазъияти иқтисодӣ дар ҷаҳон ва иштиёқи ширкатҳои хориҷӣ барои хузур дар кишвар дар ниҳояти қонун иҷозати сабти шуъба ё намояндагии ширкати хориҷӣ дар 21-08-1376 ба тасвиби Маҷлиси Шӯрои Исломӣ ва таъйиди Шӯрои Нигаҳбони сарқонун расид[17] ва пас аз он Оинномаи иҷроии қонуни сабти шуъба ё намояндагии ширкатҳои хориҷӣ дар соли 1378 ба тасвиб расид[18]. Дар асоси моддаи 1 ин оиннома, ширкатҳое, ки дар кишвари маҳалли сабти худи ширкат, қонунӣ шинохта мешаванд, метавонад дар Эрон шуъба ё намояндагӣ таъсис кунанд.

*Расмиёти сабти шуъбаи ширкати хориҷӣ*. Бар асоси моддаи 2 оинномаи иҷроии қонуни иҷозаи сабти шуъба ё намояндагии ширкатҳои хориҷӣ, шуъбаи ширкати хориҷии воҳиди маҳаллӣ, тобеи ширкати аслӣ (асосӣ) аст, ки мустақиман аз тариқи намоянда ё намояндагони худ мавзӯъ ва вазифаҳои ширкати аслиро дар маҳал анҷом медиҳанд. Бинобар ин, ҳамаи вазифаҳо ва масъулиятҳои қонуниро ширкати аслӣ дорад ва дар сурати лозим посухгӯ хоҳад буд.

Дар асоси моддаи 3 оинномаи зикршуда, ширкатҳои хориҷии дархосткунандаи сабти шуъба дар Эрон вазифадоранд, ки иттилоот ва ҳуҷҷатҳои зерро бо ҳамроҳи дархости катбии худ ба идораи кулли сабти ширкатҳо ва моликияти манъатӣ барои сабти шуъба пешкаш намоянд: асосномаи ширкат, огоҳии таъсис ва охирин тағйироти сабтшуда дар мақомоти салоҳиятдор, охирин гузориши молии таъйидшудаи ширкат, гузориши тавҷеҳии дорои иттилооти марбут ба фаъолиятҳои ширкат.

Вазифаҳо ва масъулиятҳои шуъбаи ширкатҳои хориҷиро моддаҳои 6-9 оиннома муқаррар намудааст, ки музмуни онҳо ба қарори зайл аст: муталошӣ шудани шуъбаи ширкат дар сурати бекор кардани иҷозатномаи фаъолият аз сӯи мақомоти дахлдор; пешниҳод намудани гузориши солонаи ширкати аслӣ, ки шомили

гузоришҳои молии ҳисобрасӣ шуда тавассути ҳисобрасони мустақили муқим дар кишвари тобеъшуда ба дастгоҳи дахлдор; пешниҳод намудани гузориши фаъолияти шуъба ё намояндагӣ дар Эрон ҳамроҳ бо суратҳои молии ҳисобрасишуда дар тӯли чор моҳ пас аз поёни соли молӣ ба дастгоҳи дахлдор; идораи умури шуъба ё намояндагӣ тавассути як ё чанд шахси ҳақиқии муқими Эрон. (моддаи 9 Оиннома).

*Расмиёти сабти ширкатҳои хориҷӣ.* Мутобиқи моддаи 3 Қонуни сабти ширкатҳои хориҷӣ дар Эрон ба шарти қонунӣ будани онҳо дар кишвари аслии худ ва сабт дар идораи сабти асноди Теҳрон аст. Бинобар ин, аввал идораи сабти асноди Теҳрон бо баррасии ҳуҷҷатҳои лозимӣ, монанди гувоҳии идораи сабти маҳал ва ё гувоҳии дафтари сабти тиҷорати қонунӣ будани ширкатро дар кишвари хориҷӣ таъйид менамояд (ҳарчанд ки дар хусуси мулоҳизаи асноди қонуни сабти ширкатҳо тасреҳ надорад).

Барои сабти ширкатҳои хориҷӣ пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зер ба идораи кулли сабти ширкатҳо ва моликияти санъатӣ зарурист: изҳорномаи сабт; як нусхаи таъйидшуда аз асосномаи ширкат; як нусхаи таъйидшуда аз ихтиёрномаи уҳдаи ширкат дар Эрон ва дар сурате ки ширкат чанд намояндаи мустақил дар Эрон дошта бошад, як нусхаи таъйидшуда аз ихтиёрномаи ҳар як аз онҳо; доштани иҷозатнома (қарордоди қонунӣ) бо яке аз вазоратхонаҳо ё созмонҳои давлатӣ ва ё агар ширкат хориҷӣ бошад шароити амалиёти он бояд бар асоси имтиёзоти дуруст ва муназзаме муқаррар гардида бошад.

Ашхоси хориҷӣ метавонанд бо шарикии шаҳрвандони эронӣ ширкаташонро ба сабт расонанд, лекин агар шарик хориҷӣ бошад, боз ҳам ҳадди аксари мизони саҳми эшон 49% мебошад, магар ин ки идораи сармоягузории шаҳрвандони хориҷӣ бо доштани мизони саҳҳоми беш аз 49% мувофиқат кунад, ки лозимаи ин мувофиқат пас аз сабти ширкати эронӣ ба мизони 49% хориҷӣ ва 51% эронӣ қобили баррасӣ ва иҷро мебошад. Ҳамчунин сармоягузорони хориҷие, ки алоқаманди хариди саҳҳоми ширкатҳои пазируфташуда дар бурс метавонанд пеш аз харид, назари мусоиди созмони сармоягузориро барои бархурдорӣ аз пӯшиши қонуни сармоягузории хориҷӣ ахз ва сипас иқдом ба хариди саҳом дар бурс намоянд.

*Расмиёти сабти намоянда ё намояндагии ширкати хориҷӣ.* Бар асоси моддаи 4 оинномаи иҷроии қонуни иҷозаи сабти шуъба ё намояндагии ширкати хориҷӣ, шахси ҳақиқӣ ё ҳуқуқӣ аст, бар асоси қарордоди намояндагӣ, анҷоми бахше аз мавзӯъ ва вазифаҳои ширкати тарафи намояндагиро дар маҳал бар уҳда гирифтааст.

Дар асоси моддаи 5 оинномаи зикршуда, ашхоси воқеии эронӣ ё ашхоси ҳуқуқие, ки дархосткунандаи сабти намояндагии ширкати хориҷӣ дар Эрон ҳастанд, вазифадоранд, тарҷумаи форсии санадҳо, асли ҳуҷҷат ва иттилооти зерро ҳамроҳ бо дархости катбии худ ба идораи кулли сабти ширкатҳо ва моликияти санъатӣ пешниҳод намоянд: тасвири таъйидшудаи қарордоди мавзӯи моддаи 4 ин оиннома; ҳуҷҷатҳои шиносоии шахси дархосткунанда, барои шахсони ҳақиқӣ (воқеӣ), тасвири шиноснома ва нишонии иқоматгоҳи қонунӣ барои шахсони ҳуқуқӣ, шиносномаи ширкат ва огаҳии таъсис ва охирин тағйироти сабтшудаи он назди мақомоти дахлдор; пешниҳоди собиқаи кории шахси дархосткунандаи сабти намояндагӣ. Асосномаи ширкати хориҷии тарафи намояндагӣ, огаҳии таъсис ва охирин тағйироти сабтшудаи он назди мақомоти дахлдор; гузориши фаъолиятҳои ширкатҳои хориҷии тарафи намояндагӣ ва баёни далелҳо ва зарурати дарёфти намояндагӣ; охирин гузориши молии таъйидшудаи ширкати хориҷии тарафи намояндагӣ ва муаррифии вазоратхонаи дахлдор.

**Ҳаққи моликиятии шаҳрвандони хориҷӣ дар қонунҳои Эрон.** Ҳаққи моликиятӣ яке аз ҳуқуқи молии ҳар шахс мебошад. Мавзӯи ин ҳақ гоҳ амволи ғайриманқул ва дар бархе маворид амволи манқул аст. Аз тарафе замин ба унвони муҳимтарин намунаи амволи ғайриманқул аз муаллифаҳои қудрати давлат ба шумор меравад. Маъмулан давлатҳо дар хусуси соҳибии замин тавассути шаҳрвандони хориҷӣ маҳдудиятҳоеро вазъ менамоянд.

Аз ин рӯ қонунгузор амволи ғайриманқулеро, ки шаҳрвандони хориҷӣ дар Эрон тибқи аҳд соҳиб шудаанд ё мешаванд, аз ҳар ҷиҳат тобеи қонунҳои Эрон донистааст[19]. Мабнои қабули ин назар аз тарафи қонунгузори Эрон дар бораи маҳдуд кардани моликияти бегонагон нисбат ба амволи ғайриманқул ин аст, ки дар даврае шаҳрвандони бегона муваффақ шуда буданд, ки амволи ғайриманқул ва

заминҳои зиёдеро аз худ кунанд ва ин масъала боиси заиф шудани ҳукумати марказӣ мегардид. Бинобар ин, қонунгузор дар соли 1310 қонуне дар бораи амволи ғайриманқули шаҳрвандони хориҷӣ дар дувоздаҳ модда ва як шарҳ вазъ намуд, ки бар асоси он шаҳрвандони хориҷӣ мукаллаф ба фурӯши заминҳои худ шуданд. Ба иборати дигар ин қонун нозир ба пас гирифтани соҳибии заминҳои шаҳрвандони бегона шуд[20]. Лекин дар солҳои баъд қонунгузор бо таъдили мавзеи худ, бо вазъи муқаррароте имкони моликияти шаҳвандони хориҷиро фароҳам сохт, ки ин имкон дар ду вазъият қобили баррасӣ аст: а) шаҳрвандони хориҷие, ки иҷозаи иқомати доимӣ гирифтаанд. б) шаҳрвандоне, ки бе доштани парвонаи иқомати доимӣ ба хотири саёҳат ва ё истифодаи таътилоти тобистон ба Эрон сафар кардаанд.

Ба вазъи ҳуқуқии гурӯҳи якум ашхосе шомил мешаванд, ки чи ҳақиқӣ ва чи ҳуқуқӣ метавонанд барои маҳалли сукунат, санъат ё кори худ дархости истимлок аз идораи сабти маҳалли вуқуи мулк намоянд, ки идораи кулли сабт дар сурате бо ин дархост мувофиқат хоҳад кард, ки дархосткунанда тааҳҳуд намояд, то дар сурати тағйири иқомати доимии худ мулкро ба як шаҳрванди эронӣ ё хориҷие, ки иҷозаи соҳибмулк шуданро гирифтааст, мунтақил намояд.

Ба вазъи ҳуқуқии гурӯҳи дуюм хориҷие, ки бе доштани парвонаи иқомати доимӣ ба хотири саёҳат ва ё истифодаи таътилоти тобистон дар солҳои гуногун ба Эрон сафар мекунанд, дохил мешаванд. Ин афрод низ иҷозаи хариди амволи ғайриманқул барои маҳалли сукунати шахсиро доранд. Албатта, ба шарти ин ки арзиши ниҳоии хариди манзил аз арзи воридшуда тавассути шаҳрванди хориҷӣ пардохт шавад.

Дар ҳамаи мавридҳо шаҳрвандони хориҷӣ ҳаммонанди шаҳрвандони эронӣ мавриди ҳимояти қонунгузор ҳастанд. Ба ҳамин далел аст, ки хориҷиён ба таври муштарак бо шаҳрвандони эронӣ метавонанд дар Эрон иқдом ба сабти ширкати эронӣ намоянд ва ба таври номаҳдуд ба мубодилоти тиҷорӣ ва сармоягузорӣ иқдом намоянд. Шаҳрвандони хориҷӣ ва ё ширкатҳои хориҷӣ метавонанд иқдом ба хариди саҳҳоми арзашуда ва бурс намоянд.

Имрӯза қонунгузор бо тасвиби қонунҳое барои ташвиқ ва ҳимояи сармоягузории хориҷӣ, гомҳои муассиреро дар ҳимоят аз ҳаққи моликиятии сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ бардоштааст ва дар мавориде, ки сармоя ба нафъи умумимиллӣ мешавад ё аз моликҳо моликияташон гирифта мешавад, давлатро вазифадор намудааст, ки дар дараҷаи аввал замонати ин гуна сармояҳоро уҳдадор шуда, хисороти воридгардидаро ҷуброн намояд[21] ва дар ин хусус ҳукмкунандагон раъй бар маҳкумияти давлат, пардохти арзиши амволу амлок ва хисороти ворида ба сармоягузор медиҳанд. Дар минтақаҳои озоди тиҷорӣ-санъатӣ низ қонунгузор сабукиҳоеро ба ҳадафи иҷораи биноҳо барои хориҷиён мавриди назар қарор додааст.

## АДАБИЁТ


1. Котузиён Носир. Муқаддимаи илми ҳуқуқ: Ширкати саҳомии интишор, чопи чилу ҳафтум, соли 1385, с 122. (2007).
2. Ҳамон ҷо.
3. Ниг. ба моддаи 94 Сарқонуни Ҷумҳурии Исломии Эрон.
4. Ниг. ба моддаи 112 Сарқонуни Ҷумҳурии Исломии Эрон.
5. Ниг. ба моддаи 77 Сарқонуни Ҷумҳурии Исломии Эрон ва моддаи 9 Қонуни маданӣ.
6. Барои мулоҳизаи мувофиқатномаҳое, ки давлати ҶИЭ бо дигар кишварҳо дар заминаи сармоягузорӣ қабул шудааст.
7. Ниг. ба моддаи 2 Қонуни мадании ислоҳӣ 08. 09. 1349./ 29-11-1970.
8. Ниг. ба Таботабоӣ Мӯътаминӣ, Манучеҳр. Озодиҳои умумӣ ва ҳуқуқи башар. Гуфтори дуввум, чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1370, с. 33./ 1991.
9. Ниг. ба моддаи 2 Қонуни роҷеъ ба вуруд ва иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар Эрон. Аз мусавваби 19.02.1310./ 10-05-1931
10. Тасвибномаи вуруд ва иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар минтақаҳои озоди тиҷорӣ – санъатии ҶИЭ 41571- т 92- к, таърихи 21.08.1373./12-11-1994 ва 43060- т, 15041-к таърихи 1374- 28.02.1380./18-05-2001.
11. Визае (Раводиде), ки тавассути Эрон барои шаҳрвандони хориҷӣ содир мешавад, анвои гуногуне дорад, ки иборатанд аз: раводиди зиёратӣ, в раводиди убур, раводиди вуруд, раводиди таҳсилӣ, раводиди вуруд бо ҳаққи кор, раводиди ҷаҳонгардӣ ва раводиди матбуотӣ.

12. Мутобиқи моддаи 1002 Қонуни маданӣ «иқоматгоҳи ҳар шахсе иборат аз маҳаллест, ки шахс дар он ҷо сокин бошад ва маркази муҳими умурӣ ӯ бошад».
13. Ниг ба Ҷаъфарӣ Лангарудӣ, Муҳаммад Ҷаъфар, Терминалогияи ҳуқуқ, чопи ёздаҳум. Теҳрон: «Ганчи дониш», 1370, с 68./1989-1991.
14. Моддаҳои 121-129 Қонуни кори ҶИЭ мусавваби 29.08.1369./20-11-1990. Маҷмаи Ташхиси Маслиҳати Низом.
15. Моддаи 89, Қонуни молиётҳои мустақим, мусавваби 13.12.1366 /03-03-1988 ва ислоҳоти баъдӣ.
16. Ниг. ба Тасвибномаи шуғли нерӯи инсонӣ, бима ва таъмини иҷтимоӣ дар минтақаҳои озоди тиҷорӣ – санъатии ҶИЭ рақами 33433-т 25 мусавваби 16.03.1373. /06-06-1994.
17. Қонуни иҷозаи сабти шӯъба ё намояндагии ширкатҳои хориҷӣ мусавваби 21-08-1376./1998.
18. Оинномаи иҷроии қонуни сабти шуъба ё намояндагии ширкатҳои хориҷӣ (тасвибномаи 13-02-1378) т. 78,930 ҳайати вазирон. 03-05-1999.
19. Оинномаи соҳибмулк шудани шаҳрвандони хориҷӣ мусавваби 1328./1940.
20. Моддаи 1, Қонун дар бораи амволи ғайриманқули шаҳрвандони хориҷӣ мусавваби 16.03.1310./1932.
21. Моддаи 9, Қонуни ташвиқ ва ҳимояти сармоягузории хориҷӣ, мусавваби 1381./2003.

**ПРАВОВАЯ СИСТЕМА РЕГИСТРАЦИИ ЗАРУБЕЖНЫХ ИНВЕСТИЦИОННЫХ КОМПАНИЙ И ПОРЯДОК ПРИБЫТИЯ, ПРОЖИВАНИЯ И ТРУДОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ИНОСТРАННЫХ ГРАЖДАН В ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ ИРАН**

В данной статье автором подвергнута изучению и рассмотрению правовая система регистрации зарубежных инвестиционных компаний и порядок прибытия, проживания и трудовой деятельности иностранных граждан в Исламской Республике Иран.

**Ключевые слова:** зарубежные инвестиционные компании, инвестиции в экономику Ирана, регистрация зарубежных инвестиционных компаний, иностранные граждане, законодательство Исламской Республики Иран.

**LEGAL SYSTEM OF REGISTRATION OF FOREIGN INVESTMENT COMPANIES AND THE ORDER OF ARRIVAL, ACCOMMODATION AND LABOUR ACTIVITY OF FOREIGN CITIZENS IN THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN**

In this article the author subjected to studying and consideration legal system of registration of foreign investment companies and an order of arrival, accommodation and labor activity of foreign citizens in the Islamic Republic of Iran.

**Key words:** foreign investment companies, investments into economy of Iran, registration of foreign investment companies, foreign citizens, legislation of the Islamic Republic of Iran.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ризо Нухусиён*** – соискатель Таджикского национального университета

# БАРРАСИИ ҲУҚУҚИИ МАНБАЪҲОИ ТИҶОРАТИ БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ

***Алӣ Тоҳидӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**«Ташкилоти ғайриҳукуматӣ» (ТҒҲ)** – ин мафҳум камбудӣ аз нигоҳи сиёсию ҳуқуқӣ дар маънои «ғайриҳукуматӣ» дорад. Яъне мафҳуми «ғайриҳукуматӣ» на фақат сохторҳои ҷамъиятӣ, балки сохторҳои давлатиро низ дар худ таҷассум мекунад. Масалан, корхонаву муассисаҳое, ки шакли моликияташон ҷамъиятӣ нест, аз қабили Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаи алюминии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳо, ки дар асл «ғайриҳукуматӣ» ҳастанд. Ин корхонаву муассисаҳо дар ҳайати ҳукумат нестанд, ҳарчанд онҳо сохтор ва ё ташкилотҳои давлатианд. Лекин ин сохторҳо дар асл ғайриҳукуматианд, наметавон онҳоро ташкилотҳои ғайридавлатӣ номид. Аз тарафи дигар, мутобиқи қонунгузории имрӯзи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «ғайридавлатӣ» қабул аст. Дар моддаи дуюми боби аввали «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст: «Муассисоти таҳсилоти умумии ғайридавлатӣ барномаҳои таҳсилоти иловагӣ ва таҳсилоти томактабиро дар сурати доштани иҷозатнома (литсензия) амалӣ менамояд»[5], аммо мафҳуми «ғайриҳукуматӣ» вуҷуд надорад, ҳарчанд дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» қабул шудааст, истилоҳи «ғайриҳукуматӣ» мавриди истифода қарор гирифтааст.[6] Пас, бо назардошти ихтилофоти мазкур дар фаҳмиш ва маънидоди ин шакли истилоҳ беҳтараш онро мавриди истифода қарор надиҳем.

**«Ташкилоти ғайритиҷоратӣ» (ТҒТ)** –ин гуна ташкилотҳо ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолиятҳои соҳибкориро надоранд. Худи мафҳуми «ташкилоти ғайритиҷоратӣ» дар ду маъно фаҳмида мешавад. Масалан, ҳама гуна сохторҳои буҷетии давлатӣ низ ғайритиҷоратианд, аз қабили мактаби ҳамагонӣ, боғчаи кӯдакон, Кумитаи андоз, Вазорати тандурустӣ ва ғайра. Ин гуна муассисаҳо низ дар асл ғайри тиҷоратианд, аммо ташкилотҳои ғайридавлатӣ буда наметавонанд. Мутобиқи моддаи 50-уми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, «ташкилотҳои тиҷоратӣ метавонанд дар шакли кооперативҳои матлубот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ ё динӣ, муассисаҳои аз ҷониби молик маблағгузоришаванда, фондҳои хайрия ва фондҳои дигар, инчунин дар дигар шаклҳое, ки қонун муайян кардааст таъсис дода мешаванд. Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ танҳо ба қадре ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда метавонанд, ки барои мақсадҳои оинномавии онҳо зарур аст. Таъсиси ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дар шакли ассотсиатсияҳо ё иттифоқҳо ба роҳ монда мешавад».[7] Пас, танҳо ташкилоти ғайритиҷоратӣ гуфтан ҳанӯз он маъноеро, ки мо дарк мекунем, пурра ифода карда наметавонад.

**«Ташкилоти ҷамъиятӣ» (ТҶ)** – ин ҳамон муассисаҳои хусусӣ ғайридавлатиеро фаро мегирад, ки дар шакли корхонаҳои хурду бузургӣ тиҷоратӣ фаъолият мекунанд. Масалан, масҷид, меҳмонхона ё тарабхонаҳои хусусӣ ҳамчун сохторҳои ҷамъиятӣ шинохта шудаанд, на ташкилоти ҷамъиятӣ. Аз тарафи дигар назар кунем, мебинем, ки унсурҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз қабилӣ ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои сиёсӣ-

ҷамъиятӣ, иттифоқҳои касаба ва ташкилотҳои динӣ ҳамчун созмону ташкилотҳои ҷамъиятиянд, аммо онҳоро ташкилоти ғайридавлатӣ ном бурдан чандон дуруст нест. Аз он хотир, ки самти фаъолияти ҳар кадоми инро қонунҳои алоҳида ба танзим медароранд. Пас, гуфта метавонем, ки мафҳуми ташкилотҳои ҷамъиятӣ васеътар аз истилоҳи мавриди назари мост. Яъне, истилоҳ ташкилоти ғайридавлатӣ истифода нагардад беҳтар аст.

**Ташкилоти ғайритиҷоратии ғайридавлатӣ (ТҒТҒД)** – зери мафҳуми «ташкилоти ғайритиҷоратии ғайридавлатӣ» кулли маъноии истилоҳи «ташкилотҳои ғайридавлатӣ» – ро дар худ таҷассум кардааст. Унсурҳои ниҳоят муҳими мафҳуми «ташкилотҳои ғайридавлатӣ», яъне ғайритиҷоратӣ ва ғайридавлатӣ будан дар он ифода ёфтаанд, ки маъниро барҷастатар ва равшантар месозад. Пас, мо метавонем онро ташкилоти ғайридавлатӣ ном бубарем.

Дар баробари ин мафҳумҳо, мафҳумҳои дигар низ истифода мешаванд, аз қабили: созмон, фонд, бунёди ҷамъиятӣ, ассотсиатсия, иттифоқ ва ғайра. Ин истилоҳҳо ҳаммаънои ин ё он ташкилот фаҳмида мешавад. Аммо дар ин миён мафҳуми ассамблея васеътар аст.

«Ассамблея (аз забони франсавӣ (assemble) гирифта шуда, маънои маҷлисро дорад) – дар маънои васеъ мафҳуми маҷлис барои ташхиси мақсад ва ҳалли вазифаҳо, ки мунтазам ҷамъ омада, масъалаҳоро мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳал менамояд»[8]. Ин мафҳум дар баъзе мамлакатҳо ба сифати мақомоти намояндагӣ истифода мегардад. Масалан, парламенти Португалия Ассамблеяи Ҷумҳурӣ, палатаи поёнии парламенти Франсия Ассамблеяи миллӣ номида мешаванд. Дар Куба номи умумии мақомоти намояндагӣ Ассамблеяи ҳокимияти халқӣ мебошад.

Дар охир ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки ассамблея давлатҳоро низ байни худ муттаҳид сохтааст. Масалан, Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (1992), Ассамблеяи парламентии Шӯрои Аврупо (1949) ва Ассамблеяи Генералии СММ.

Бояд қайд кард, ки бақайдгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ мувофиқи принсипи «равзанаи ягона» бе гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида амалӣ гардонида мешавад. Тартиби бақайдгирии давлатии ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ ва динӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2007 год, №5, мод.363;соли 2008, №3, мод. 202); Садои мардум. 2007, май.
2. Лопатин В.В., Лопатина Л.Е. Русский толковый словарь. –М, 1998. –С.387.
3. Словарь таджикского языка. – М., 1969. Т.1. –С.511.
4. Зокиров Г.Н. Политическая энциклопедия. –Душанбе, 2007. –С.510.
5. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2005.-С. 12-13.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2007 год, №5, мод.363;соли 2008, №3, мод. 202); Садои мардум. 2007, май
7. Гражданский кодекс Республики Таджикистан. Часть первая. (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 1999год, № 6, ст. 153; 2007год, №5, ст.356). статья 50.
8. Зокиров Г.Н. Политическая энциклопедия. – Душанбе, 2007. –С.32
9. Конвенция Совета Европы «Европейская конвенция о признании правосубъективности международных неправительствен-ных организаций»: htpp: //www. coe.int/ T/E/NGO /public/ Convention
10. Конституция Республики Таджикистан. – Душанбе, 2003.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2007 год, №5, мод.363;соли 2008, №3, мод. 202); Садои мардум. 2007, май.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ». 29.12.2010. №669. // Боҷу хироҷ. 2011, янв.
13. Операционное руководство Всемирного Банка «О вовлечении неправительственных организаций в деятельность, поддерживаемую Банком» на сайте: htpp://wbln0018.worldbank.org

14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2011. 20 апр.
15. Словарь таджикского языка. – М., 1969. Т.1.
16. Смилтнекс П. Понятие НПО в международном праве, правовой теории и законодательстве зарубежных стран. – Алматы, 2003.

**ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ НЕПРАВИТЕЛЬСТВЕННЫХ ОРГАНИЗАЦИИ**

Понятии неправительственных организации как новые политического- социального происшествие в рамки политического наук особенна изучается политология. Неправительственных организации образуются на основе интересы и чательного понятии между человечество, социальных группы, наций, союзы, объединений и другие основные организация междуправительство.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: организация, неправительственный, неправительственные организации, некоммерческие организации, общественный организации, некоммерческий неправительственный организации.

**THE TERM AND ESSENSE OF NONGOVERMENTAL ORGANIZATIONS**

The nongovermental organization as a new political- social term is studied on political sciences. Nongermental organizations are based on interests and relationship between human beings, social groups, nation, alliances, associations and other government organization.

**Basic terms:** organization, nongoverment, nongovernmental organizations, nocomercical organizations, social organization, nocomercical nongovernmental organizations.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ**: ***У.У. Исаев*** - аспирант ТНУ. Телефон: **93 519 22 09**

# НАЦИОНАЛЬНОЕ САМОСОЗНАНИЕ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ

***Б.Т. Раджабов***
**Таджикский национальный университет**

Развитие современного человечества представляет собой единый процесс: все народы планеты так или иначе оказываются, связаны общностью судеб. Можно говорить и о том, что субъектом, основой, носителем современной истории является все совокупное человечество. Деятельность человека за последние два столетия и особенно в XX в. приобрела глобальный, т.е. всемирный характер. Между тем всего несколько сот лет назад отдельные народы и человеческие расы зачастую развивались обособленно друг от друга, разделенные в те времена непреодолимыми природными и другими преградами. В истории человечества в то же время были случаи, когда конкретные государства сознательно изолировали себя от внешнего мира, чтобы предотвратить воздействие других народов на собственную историю. С позиций самого передового научного знания жизнь и деятельность людей уже рассматриваются как часть мирового процесса в целом. Перед человеческой мыслью стала проблема в полной мере осознать свое единство с природой и далее с потусторонними силами.

В определенном смысле человечество не является однородным, так как состоит из многообразных социальных групп. Некоторые из этих групп насчитывают сотни миллионов, миллиарды человек. Например, расы. Другие группы включают всего сотни или десятки человек: производственные или школьные коллективы. Все эти группы людей находятся в постоянном взаимодействии друг с другом, в результате чего формируется социальная структура человечества.

Возможность длительного существования нации обусловливается функционированием и постоянным совершенствованием ее внутреннего содержания, находящего выражение в национальном сознании и самосознании, национальных ценностях, интересах, вкусах и самооценках, национальной культуре и языке. Проявление всех этих компонентов составляет жизнь нации.

Каждая нация имеет свое национальное сознание, выражающееся в сложной совокупности социальных, политических, экономических, нравственных, эстетических, философских, религиозных и других взглядов и убеждений, характеризующих определенный уровень духовного развития нации. Оно является продуктом длительного

исторического развития, а его центральным компонентом выступает национальное самосознание. В структуру национального сознания помимо последнего входят и другие элементы. Например, осознание нацией необходимости своего единства, целостности и сплоченности во имя реализации своих интересов, а также понимание важности обеспечения добрососедских отношений с другими этническими общностями и бережливое отношение нации к своим материальным и духовным ценностям и др.

Проблема национального самосознания стала предметом специального исследования только с середины XX в. истоков национального самосознания, необходимо прежде всего иметь в виду что все нити, идущие вглубь к истокам, органически связаны с этничностью. Таджик, например, не будет признавать себя представителем казахской, эстонской, русской и т.д. На вопрос: кто вы по национальности – русский или таджик и во Франции, и в Америке ответит – русский или таджик.

Национальное сознание существует на уровнях как теоретического, так и обыденного сознания. Если теоретическое национальное сознание представляет собой научно оформленную, систематизированную конструкцию, состоящую из идеологических взглядов, идей, программ, норм, ценностей и т. д., выработанных нацией за длительное время ее существования и определяющих стратегию ее развития, то обыденный уровень национального сознания включает в себя потребности, интересы, ценностные ориентации, установки, формирование наций стереотипы, чувства, настроения
экономическими связями.

С точки зрения профессора Г.Н. Зокирова, «Национальное самосознание как культурное самосознание является мошной источниковой моральной силой человека и народов. Именно национальное самосознание выдвигает на историческую сферу как отдельных личностей, так и целых народов стимулирует их на высокие нравственно - культурные достижения»[1].

Каждая нация существует за счет системы устойчивых внутренних связей и отношений составляющих ее людей, которая формируется в процессе этнического развития, регулируется традициями и нормами поведения, принятыми в их среде и совершенствуется по мере становления и развития самобытной национальной культуры, языка и психологии.

Возможность длительного существования нации обусловливается функционированием и постоянным совершенствованием ее внутреннего содержания, находящего выражение в национальном сознании и самосознании, национальных ценностях, интересах, вкусах и самооценках, национальной культуре и языке. Проявление всех этих компонентов составляет жизнь нации.

Каждая нация имеет свое национальное сознание, выражающееся в сложной совокупности социальных, политических, экономических, нравственных, и традиции членов этой общности, проявляющихся в повседневной жизни и деятельности. Можно согласиться с Л. Н. Дробижевой и в обобщенной форме в структуру самосознания по горизонтали включить: осознание принадлежности к этнической группе, образ «мы» и этнические интересы [2]. Все эти компоненты находятся в тесном единстве, они неразрывно взаимосвязаны друг с другом. Следует отметить, что обыденное национальное сознание является главной психологической основой различного рода межнациональных трений и конфликтов, поскольку именно в нем формируются национальные предрассудки, негативные установки, национальная нетерпимость к другим общностям. Национальное самосознание - есть комплекс мнений, оттенков, идеи взаимоотношений по отношению к содержанию, уровню и особенностям восприятию членов сообщества нации и этнических групп к своей истории, современному состоянию и достижениям своего общества [3].

Сознание общества, группы (общественное сознание) состоит из двух взаимосвязанных частей: теоретического уровня и уровня обыденного сознания. Теоретический уровень включает в себя идеологию: обобщенные людьми взгляды на жизнь и общество. Уровень обыденного сознания включает в себя общественную психологию: непосредственные реакции людей на воздействия объективной реальности и жизни в обществе. Формами общественного сознания являются наука, философия, мораль, право, религия, культура.

В целом национальному сознанию присущи следующие характеристики:

- наличие целостной этнической картины мира, представляющей собой совокупность устойчивых, связных представлений и суждений об общественном бытии, жизни и деятельности, присущих членам конкретной этнической общности;
- «правильная» передача из поколения в поколение в процессе нормально выработанной данной этнической общностью социализации;
- детерминирование им всего целостного и многосложного восприятия жизни этнической общности: общественных институтов; системы личностных и групповых (в том числе и профессиональных) отношений, обрядов и ритуалов, идеологии, искусства и фольклора; автостереотипов (т.е. образа представителей своей нации), обусловливающих внутреннюю политику этноса; гетеростереотипов (т.е. образа соседей); системы межэтнических (в частности, и межгосударственных) отношений, т.е. парадигм «внешней политики» этнической общности (правил поведения с представителями «чужих» этнических общностей) и т.д.;
- корреляция с поведенческими стереотипами, свойственными членам данного этноса;
- соответствие социальным условиям жизни этнической общности, стадии ее общественного развития, структуре жизнеобеспечения (материальной базе), а также соотношение этнической картины мира с нормами и ценностями, доминирующими у других народов, что может выражаться как включение себя в некоторое межэтническое культурное единство, либо как обособление, противопоставление себя другим народам .

Национальное самосознание, являясь ядром национального сознания, представляет собой результат осмысления людьми своей принадлежности к определенной этнической общности и положения последней в системе общественных отношений. Оно может выражать интересы как отдельной группы, этноса (западные и восточные буряты, северные и южные удмурты), так и нации в целом (русские, французы). В основе проявления национального самосознания лежит феномен этнической идентификации (этничности), т.е. формирования устойчивых представлений человека о себе, как о члене конкретной этнической группы.

Историческими и культурными детерминантами национального самосознания выступают историческое прошлое и традиции народа, его сложившиеся обычаи и нормы поведения, а также предания, зафиксированные в устной (фольклор) и письменной форме, памятники культуры и искусства. Национальное самосознание практически невозможно без функционирования национального языка, поскольку он служит средством его выражения и формирования.

Национальное самосознание проявляется в идеях, взглядах, мнениях, чувствах, эмоциях, настроениях и выражает содержание, уровень и особенности представлений членов нации о своей определенной идентичности и отличиях от представителей других общностей.Интенсивность проявления национального самосознания у отдельных представителей этнической общности далеко не одинакова. Частично или полностью им не обладают дети. У взрослых членов этноса, как правило, оно ослаблено в тех случаях, когда они не имеют контактов с представителями других народов. В таком положении чаще всего оказываются сельские жители, у которых может преобладать локальное или региональное самосознание.

Национальное самосознание может играть двоякую роль. Оно может носить прогрессивный характер, если не абсолютизирует свою общность, не считает ее особой «сверхценностью», обеспечивает нормальное отношение к другим народам. Национальное самосознание специфически проявляется в отношениях к другим нациям. Там, где между двумя этническими общностями всегда существовали тесные связи и сотрудничество, обычно формировалась положительная установка на взаимное восприятие, предполагающая терпимость к существующим между ними различиям. Если же контакты между народами не затрагивали их жизненных интересов, эти народы могли быть индифферентны друг к другу. Иное дело, когда они длительное время находились в состоянии конфликта и вражды. Тогда вырабатывалась в основном негативная психологическая установка.

Уровень этнической самоотсеки переопределяет реакции человека по отношению как к своему, так другим этносам. Негативно сказываются крайние уровни самооценок как заниженная, так и завышенная. Опасность первой заключается в том, что личность с заниженной национальной самооценкой остается инертной, пассивной, не стремится изменить создавшееся положение и смиряется с ним, становясь безмолвным орудием в

руках нечистоплотных людей.Высокая адекватная самооценка – естественное состояние подавляющего большинства этнических групп и их представителей.

У любой нации всегда присутствуют «харизматические личности», вожди. Они занимают активную позицию, аккумулируют и выражают животрепещущие идеи, настроения, чаяния и надежды своего народа. То есть для того чтобы этнос развивался, эволюционировал и эффективно взаимодействовал с другими этносами, в его «общей массе» должны существовать формальные и неформальные лидеры, более других умеющие предвидеть изменения в жизни **и** направлять жизнь людей адекватно этим изменениям. Им присущи исключительная энергичность, честолюбие, гордость, исключительная целеустремленность, способность к внушению. Далеко не всегда деятельность таких личностей оказывается успешной: они не только лидеры, но и совершенно закономерно становятся первыми жертвами в случаях возникновения неудач и тупиковых ситуаций в развитии этноса.

Межнациональные отношения как продукт национального самосознания. Наиболее сложными и неразрешимыми являются территориальные противоречия. Те из них, которые носят политический характер, например, стремление нации к политическим изменениям, включая самые радикальные — создание независимого государства, являются деструктивным и дестабилизирующим социальным фактором в обществе. Возникающие на основе обострения этих противоречий межнациональные конфликты приобретают затяжную форму, имеют тенденцию перерастать в вооруженное противостояние.

Противоречия между национальным большинством и меньшинством в границах государства разрешаются конституционным путем, законодательным закреплением прав, гарантий, обязанностей граждан. Они в большинстве своем завершаются достижением национального согласия, компромисса. Результатом чего (является создание культурной автономии, появление новой политической, территориально-государственной единицы в государстве. Успешность межнациональных отношений зависит от территории, которая может быть общей или своей лишь для одной из наций. Например, в Таджикистане проживают много народов и все они считают территорию своей республики общей. С другой стороны, есть нации, считающие, что их территория должна принадлежать только им самим.

Большое значение имеет также продолжительность взаимодействия и сотрудничества народов, которые могут быть постоянными, долговременными или кратковременными, например, многочисленные народы, многие столетия проживающие совместно на одной территории. Наконец, эффективность межнациональных отношений зависит от их целей: частоты и глубины контактов; относительного равенства прав; численного соотношения наций и этнических групп; явных различительных характеристик, к которым относятся язык, психология, религия.

Межнациональные отношения могут осложняться в силу наличия различий культурного характера. Разница, как в вербальных, так и невербальных формах общения людей, принадлежащих к разной культуре, ведет к неверному истолкованию чувств, намерений, мотивов партнеров по общению. Культурно обусловленные различия не ограничиваются только областью взаимодействия, распространяются на традиционные интересы, ценности, нормы, правила, стандарты отношений, свойственные представителям конкретных народов.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Душанбе, 2007.С.502-507.
2. Дробижева Л. М., Алкаев А.Р., СолдатоваГ.У. Этносоциология. – М., 1998.С.166.
3. Политическая энциклопедия. М.: Мысль, 1999. Т .2 .С. 36.
4. Политическая энциклопедия: В 2-х т. /Под ред. Г.Ю. Семигина. М.: Мысль,1999. - Т. 2.
5. М. Вебер. Избранные произведения.- М., 1990.
6. Сталин И. Марксизм и национальный вопрос //Сочинения. - Т. 2. М.: ОГИЗ, 1949.
7. Шукуров М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ. – Душанбе, 1999.


## НАЦИОНАЛЬНОЕ САМОСОЗНАНИЕ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ

Проблема национального самосознания стала предметом специального исследования только с середины XX в. Об истоках национального самосознания, необходимо, прежде всего иметь в виду что все

нити, идущие вглубь к истокам, органически связаны с этничностью. Таджики, например, не будет признавать себя представителем казахской, эстонской, русской и т.д. На вопрос: кто вы по национальности – русский или таджик и во Франции, и в Америке ответит – русский или таджик. Национальное сознание существует на уровнях как теоретического, так и обыденного сознания.

**Ключевые слова**: самосознание, национализм, нация, национальный интерес, межнациональные контакты, национальная идея, культура нации.

**NATIONAL IDENTITY AS A FACTOR OF DEVELOPMENT**

The problem of national self-consciousness they became the object of special of experiment only from the middle XX v. the sources of national self-consciousness, it is necessary to, first of all, have in mind that all threads, which go in depth to the sources, they were organically-bound with [etnichnostyu]. Tajiks, for example, it will not recognize itself by the representative of Kazakh, Estonian, Russian and so forth to the question: who you on the nationality - Russian either Tajik both in France and in America it will answer - Russians or Tajik. National consciousness exists at the levels both of [teoreti -cheskogo] and ordinary consciousness.

**Key words**: consciousness, nationalism, nation, national interest, inter-ethnic contacts, national idea, the culture of the nation.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ**: ***Б.Раджабов*** - соискатель Таджикского национального университета.

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТЕРРОРИЗМИ МУОСИР

***Қ.И. Сафиев***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вазъи ҷаҳонишавӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ имрӯз водор менамояд, ки татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар рушду инкишофи ҷомеа нақши муҳим дошта бошад. Дар ин росто пешгирӣ намудани ахбороту амалиётҳои тарғибкорию террористӣ яке аз омилҳои муҳимтарини таъмини амнияти давлат, ҷамъият ва шаҳрвандон ба шумор меравад. Омӯзишу тахлили ин масъала ҳамчун объекта таҳлил дар илмҳои ҷомеашиносӣ, бахусус дар ҷумҳурии мо хеле кам ба назар мерасад. Зеро паҳлӯҳои гуногуни иттилоот ва иттилоотикунонӣ ба дигар ҷабҳаҳои ҳаёти имрӯзаи мо таъсири мухталиф дошта, масъалаҳоеро дарбар мегиранд, ки бештар ба манфиатҳои миллӣ таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ , ба андешаи мо, таҳлили масъалаи мазкур, барои рушду инкишофи фазой иттилоотии кишварамон зарурияти воқеӣ дорад. Масалан,шабакаҳои мухталиф бо мақсадҳои гуногун дар дунё мавриди истифода карор мегиранд. Ҳуман Давлат қайд меамояд,ки « муассисаи «Шабакаи Рушди Оғохон» ё «AKDN» тавассути Оғохон таъсис шудааст, ки яке аз муассисаҳои муҳими чаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ин муассиса агентиҳои мухталифи рушд, муассиса ва созмонҳоеро, ки барои рушди кишварҳои фақири Африқо ва Осиё дар ҳоил фаъолият бударо гирди ҳам меоварад, то ин ки битавонанд бо эҷоди робитаҳои беҳтару хубтар дар кишварҳои рушднаёфтаи ин ду қора фаъолият кунанд. Бо вучуди он, ки Муассисаи «AKDN» ба Оғохон тааллуқ дорад, ин созмон бе дар назаргирифтани дин, нажод ва ҷинсият, барномаҳои башардӯстонаи худро амалӣ месозад»[1]. Шояд чунин ҳам бошад. Аммо маълум аст, ки имрӯз дунёи бозаргони қонуниятҳои худро дорад.Ҳеҷ кас бе ҳеҷ чиз кореро ба анҷом намерасонад.Ҳама мақсаду мароми худро бо ин ё он восита бояд амали гардонад.

Дар баробари ин, технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро бисер ташкилотҳои экстремистию террориста барои истифодаи мақсадҳои ғаразноки худ истифода намуда, ҳолатҳоеро таҳрези менамоянд, ки дар минтақа ва ё радюси муайан метавонанд тамоми технологияи иттилоотиро корношоям намоянд. Инчунин, барои дастрас намудани тамоми намудҳои ахборот, базаҳои компютерй ва дигар захираҳои иттилоотиро азхуд намуда метавонанд. Онҳо бо чунин амалҳояшон қодиранд, ки ба равандҳои сиёсию иқтисодии кишварҳо халал расонида, мақсадҳои нопоки худро амалй гардонанд.

Дар манфиатҷӯии кишварҳои абарқудрати ҷаҳон низ истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мавқеи хоса дорад. Тахминан тамоми инқилобҳои ранго-ранги Украина, Қирғизистон ва дигар ошубу иғво ва инқилобҳои

мамлакатҳои араб ҳам аз технологияҳои иттилоотӣ истифода намуда, фаъолнокии мардум ва тудаи ҷавононро таъмин намудаанд.

Имрӯз дар шароити муборизаи иттилоотӣ ба фаъолияти ташкилотҳои террориста, экстремистӣ ва амалиётҳои тарғибкоронаи онҳо таъсир расонидан хеле мураккаб аст ва ба воситаи идеология ба онҳо ғолиб омадан аз ин ҳам мушкилтар шудааст. Ба ибораи дигар мақсади асосии мо аз он иборат аст, ки мустаҳкамнамоӣ ва нигохдории нерӯҳои қудратӣ дар мубориза бо падидаҳои мушаххаси террориста ба таври умумӣ самаранокии муборизаро ба воситаи идеологии сиёсӣ баланд мебардорад.

Истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ боиси он мегардад, ки роҳҳои воридшавии идеологияро ба шуури ҷомеа то дараҷае наздик намуда, бештари мардум технологияи сиёсиро носанҷидаву нодида қабул менамоянд. Дар инҷо назарияи «туда»-и одамон хусусиятҳои худро роҳандозӣ намуда, лидерҳои зерипардагӣ , ҷавонони зархарид ва пештар омодагӣ дида , гояҳои интернетиро тафсонида, мардумро гумроҳ менамоянд.

Бояд гуфт, ки ба таври самаранок амалӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бе амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур ва инчунин бе сафарбарнамоии сарчашмаҳои интеллектуалӣ ғайриимкон мебошад.

Дар айни ҳол бо туфайли технологияҳои муосир таъсиррасонии ҳадафноки иттилоотӣ бисёр гурӯҳҳои террористию эктремистии ҷаҳон аз диверсияҳо ва амалҳои алоҳидаи иттилоотии дуруғин сар карда ба воситаи дигар тухмату бухтонҳо мавқеи худро рӯз то рӯз дар арсаи байналмилалӣ муайян намуда истодаанд. Онҳо ба воситаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, махсусан истифодаи шабакаҳои интернет корҳоеро ба анҷом мерасонанд, ки таъсирашон ба сиёсати дохилию хориҷии бисёр кишварҳои ҷаҳон мерасад.

Дар баробари ин, маълум аст, ки чӣ қадаре, ки давлат дар соҳаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ имкониятҳои бештаре дошта бошад, ҳамон қадар метавонад барои пешгирӣ намудани хайфу хатарҳои муосир бартариҳои стратеги дошта бошад.

Айни замон террористон дар бисёр кишварҳои ҷаҳон барои сохтани платформаи идеологии фаъолияти худ аз афзалиятҳои идеологияи ислом ва исломгарой пурра истифода менамоянд. Аммо терроризм бо ҳама мураккабии худ, ҳеҷ вақт чеҳраи исломӣ надошт ва надорад. Ҳоло дар дунё бисёр ташкилотҳое мавҷуданд, ки ягон муносибате ба дин ва ё мазҳабе надоранд. Мақсади онҳо куштор, ғабс , ғорат кардан ва ё интиқом гирифтан аст. Оё дуздони баҳрие, ки ҳар сол миллионҳо тонна нефтро ба яғмо мебаранд террористони динӣ ё ин ки мазҳабӣ мебошанд? Албатта не, терроризм ҳамеша боиси маҳкум кардан аст. Зеро ин падидаи номатлуб рӯз то рӯз шакл ва усулҳои кори худро дигар намуда, ба сари мардумони олам бадбахтиҳои зиёдеро меорад.

Инчунин террористон вобаста ба шароит аз як қатор ҷараёнҳои дигари идеологи низ истифода менамоянд, ба монандӣ ҷараёнҳои неофашистӣ, миллию сепаратистӣ, динию мазҳабӣ ва ғ. Аммо ин маънои онро надорад, ки терроризм танҳо дар як шакл ба амал меояд. Махсусан, бо истифода аз намудҳои гуногуни техникаҳои иттилоотӣ ва фаъол гардонидани равияҳои иртиҷоии худ пахлуҳои дигари муносибаташонро ривоҷу равнақ до да, ҳамеша кӯшиши амалӣ намудани мақсадҳои нопокашонро доранд. Терроризм дар ҳама шаклу намудҳояш, барои инсоният бадбахтӣ меорад ва ҳамеша бояд боиси маҳкум кардан гардад.

Аз ин рӯ, мазмун ва мундариҷаи мубориза бо идеологияи террориста дар он ифода меёбад, ки он унсурҳои маҷбурнамоиро аз доираи васеи идеологияҳо ба вуҷуд оварда, барои амалӣ намудани ҳадафҳое, ки дар назди шахсони алоҳида ва ё гуруҳи алоҳида гузошта шудаанд, хизмат менамоянд.Дар ин раванд, васоити ахбори омма низ метавонанд дар фаъолиятҳои зиддитеррористии давлат иштироки фаъол дошта бошанд. Инчунин, васоити ахбори омма метавонад дар масъалаи ҳимояи шаҳрвандони мо аз оқибатҳои терроризм ба воситаи корҳои фаҳмондадиҳӣ саҳми бузург расонад.Барои коркарди идеявӣ ва корҳои ташвиқотӣ дар баробари дигар минтақаҳо, инчунин дар минтақаи Осиёи Марказӣ имрӯз бояд корҳои зиёде ба анҷом расонида шаванд. Эмисарҳои созмонҳои террористӣ, динӣ ва экстремистии хориҷӣ кӯшиш менамоянд, ки дар Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои гирду атрофии он

фаъолиятҳои худро ба таври пинҳонӣ фаъол гардонанд. Бояд гуфт, ки дар минтақаи мазкур фаъолиятҳои «Ҳизб-ут-таҳрир» ва «Ҳаракати исломии Узбекистон», ҷараёни «Ансоруллоҳ» ва ғ. кайҳо ворид гардидаанд.

Аз соли 2006 бошад бо Қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 10 ташкилотҳои гуногуни ифротӣ, аз ҷумла «Ал-Қоида», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Ҳаракати исломии Туркистон» (Ҳаракати исломии Узбекистон), «Толибон», «Бародарони муслимин», «Ташкилоти лашкари Тайба», «Ҷамъияти исломии Покистон», «Ҷамъияти таблиғот», ташкилоти миссионерии динии «Созмони таблиғот», «Тоҷикистони Озод» ва «Ҳаракати салафия» ҳамчун ташкилотҳои террористӣ шинохта шуда, фаъолияти онҳо дар қаламрави Тоҷикистон манъ карда шудааст. Аммо фаъолияти бисере аз ин ташкилотҳо ба воситаи техникаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ то ҳол бо усулҳои гуногун идома меёбанд.

Маълум аст, ки чиқадаре, ки мухолифини давлату Ҳукумати Тоҷикистон майдони фаъолияти хешро васеъ кардан гирад, ҳамон қадар ба дараҷаи иттилоотикунонӣ таъсирӣ манфӣ мерасонад. Аз чунин ҳолат истифода намуда, ҳизбу созмонҳои мухолифи кишвари мо рӯз то рӯз мавқеъ ва андешаҳои хешро ба васоити ахбори омма, махсусан, рӯзномаву маҷалла ва дигар воситаҳо фаъол менамоянд.

Бинобарин, лозим меояд, ки масъалаи истифодаи шабакаи Интернетро васеътар зери таҳлил қарор дод. Амалан ҳамаи созмонҳои террориста ва экстремиста, ки шумораи онҳо айни замон зиёда аз 5000 аст, дорои шабакаҳои интернетии худ ҳастанд. Дар соли 1998 шумораи ин гуна созмонҳо ҳамагӣ аз 8 то 10 ташкил медода бошад, айни замон, чи гунае ки дар боло қайд гардид, шумораи онҳо хеле зиёд гардидаистодааст. Созмонҳои мазкур ба воситаи ин гуна шабакаҳои худ идеологияи терроризм ва экстремизмро ба осонӣ тарғибу ташвиқ менамоянд. Ҳамчунин зарурият ва талаботҳои фаъолияти маҷбурнамоии ин созмонҳо асоснок гардонида шуда, дастурҳои амалӣ, тавсияҳо дар бораи фаъолияти пинҳонии ин созмонҳо, ҷамъоварии маводҳои тарканда, истифодаи усулҳои тактикии терроризм аз он кабил ба шумор мераванд.

Аз ин рӯ, дар бисер кишварҳои пешрафтаи ҷаҳони муосир аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дигар ниҳодҳои ҷамъиятӣ ба масъалаи мубориза иттилоотӣ нисбати терроризм диққати муҳим дода мешавад.

Масъалаи дигар, ҳуҷуми вайронкунандаи хакерӣ мебошад, ки имрӯз сар то сари дунёро фаро гирифтааст. Масалан, дар минтакаи Аврупои Ғарбӣ ҳар сол зиёда аз 300 ҳодисаҳои дохил шудани хакерҳо ба сетҳои ҳарбӣ, давлатӣ ва тиҷоратӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳуҷумҳои маълум ба сетҳои иттилоотии Чин, Тайван, Ҳиндустон, Индонезия ва муқобилияти рӯи роста иттилоотии Пекин ва Тайбея[2],муқобилияти дастаҳои хакаерии Арманистон ва Озарбойҷон[3]ба ин мисол шуда метавонанд. Ё ин ки соли 2000-ум як гурӯҳи хакерҳои покистонӣ бо номи «Мусулмонӣ дар-лайн-синдикат» зиёда аз 500 интернет сайтҳои ҳиндувонро дар муқобили амалиётҳои ҳарбии Кашмир аз кор баровარданд. Ҳамин тавр, кибертерроризмро ҳамчун яроқи мубориза бисер кишварҳо ва террористон низ барои муборизаи идеологи мавриди истифода қарор медиҳанд.

Маълум аст, ки фаъолияти хакерӣ пеш аз ҳама ҷабҳаҳои иқтисодӣ дорад. Амалҳои кибертеррористон пештар он қадар натиҷаи хуб намедоданд. Барои мисол дар соли 1996 гурӯҳи озодихоҳи Тигр, Тамил Илам ҳуҷуми барқӣ алайҳи миссияи дипломатии шири-ланка намуда ба воситаи почтаи электронӣ вируси коппютерӣ сар доданд. Дар чунин ҳолат, сервери сафоратхона пур аз хабарҳои пучу холӣ шуда, як замони муайян гирифтори «иҳотаи виртуалӣ» гардид. Ба ҳар ҳол ин амалиёт хеле зуд бартараф карда шуд ва он ҳеҷ вақт ба амалётҳои террористии классики ҷудоиҳони Шири-ланка ва Кашмир баробар шуда наметавонад.

Дар баробари ин, имрӯз Минтақаи Осиёи Марказиро ҳамчун омили геополитикии нав тахлил намуда, муҷиботи зерини авҷ гирифтани рағбат ба онро зикр кардан лозим аст:

1. Осиёи Марказӣ пули пайвандгари ду ҷаҳон - ҷаҳони исломӣ ва ҷаҳони христианӣ, турки ва славянӣ мебошад;

2.Ин минтақа манбаи махсуси маводи хом, конҳои сӯзишворӣ ва захираи барқӣ аст;

3.Кишварҳои Осиёи Марказӣ ин мавқеъи васатии паҳншавии фундаментализми ислом ба Европа мебошад.

Осиёи Марказӣ минтақаест, ки дар он манфиатҳои Эрон бо дигар давлатҳои фавқуззикр дар дарёфти доираи нуфуз, аз ҷумла бо Россия бархурд доранд. Россия кӯшишҳои Эрон ва Туркияро, ки мехоҳанд дар ин минтақа нақши ҳукмфармо дошта бошанд, мушоҳида дорад, вале ба вусъати ин накш роҳ намедиҳад. Замина барои рақобат байни Россия ва Эрон дар он аст, ки Эрон ин сарзаминро ҳамчун минтақаи нуфузи таърихӣ-фарҳангии худ меҳисобад

Имрӯз вазъи сиёсии Узбекистан начандон хуб аст,вале новобаста ба ин сиёсати пешгирифтаи саркардагони ин ҷумҳурӣ нисбат ба Тоҷикистону Қирғизистон дар баъзе ҳолатҳо аз доираи ахлоку инсоф берун шуда, боиси нигаронист. Давра ба давра бастани роҳи оҳан, қатъ намудани таъминоти сузишвории газ ва тезу тунд намудани муносибатҳои дуҷонибаи байни кишварҳои ҳамҷавор ҳамаи ин дарси ибратест, ки барои рушду инкишофи кишварҳои номбурда заминай дигаргуниҳоеро тақозо менамояд. Дар масъалаи тахдиди бунёдгарони исломӣ ба Қирғизистон, ҳам наметавонад имрӯз ҳамсоягонро бепарво ва бетараф бимонад. Ба Қирғизистон, Тоҷикистон,Узбекистон то ҳол хатари маркази даргириҳои навбатии хунини динӣ гардидан тахдид менамояд[4].

Густариши нуфузи Эрон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷониби Туркияро ҳам ба изтироб овардааст. Халогии геополитики, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омадааст, барои Туркия шароит муҳайё сохт, ки нақши муҳими байналхалқӣ касб намояд. Аҳолии туркзабонҳо, ки аз рӯи вусъати гурӯҳҳои забонӣ дар ҷаҳон ҷои панҷумро ишғол мекунанд, аз сарҳади бахри Адриатӣ то сарҳади собиқ ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ - Туркманистон, Узбекистан, Озарбойҷон ва дигарон сукунат доранд. Чунин вазъи геополитикии минтақа имкон медиҳад, ки ин кишварҳо ҳамаҷониба бояд ба ҳама гуна тахдидҳои муосир омода бошанд.

Ҳамин тавр, барои Тоҷикистон ва ҳамсояҳои наздики он дар Осиёи Марказӣ масъалаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва мониторинга иттилоотии фазой ин кишварҳо рӯз то рӯз тарҳи нав гирифта истодааст. Ин вазъият диққати кишварҳои абарқудрат ва истеҳсолкунандагони технологияҳои иттилоотиро ба худ ҷалб намуда, кӯшиш намуда истодаанд, ки ҳарчи зудтар тиҷорати ин соҳаро афзун намоянд. Дар айни ҳол, баъзе кищварҳои ҳамсоя фазой иттилоотии кишварашонро пурра зери назорати техники гирифта, муносибатҳои хешро бо дигар кишварҳои пешрафта инкишоф дода истодаанд. Ҳамаи инро ба назар гирифта, ташкилотҳои террориста имрӯз кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки вазъи геополитикии ҷаҳонро истифода намуда, бо ҳар роҳу воситаи техники низ таъсиру нуфузи хешро дар доираи байналмилалӣ равнақу ривоҷ диҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Хуман Давлат. Баъзе андешаҳо роҷеъ ба ҷараёни исмоилия дар Афгонистон //Конф.ҷумҳуриявии.каф.сотсиологияи ДМТ. Душанбе 2011 .С.35
2. Модестов С.А. «Незримая война обостряется», Независимое военное обозревание, 2000 г. №3
3. ИТАР-ТАСС 14.02.2000
4. Махмадов А.Н. Митақаи Осиёи Маркази дар масири бозиҳои геополитики. Душанбе 2011.С. 34


**РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В СОВРЕМЕННОМ ТЕРРОРИЗМЕ**


В данной статье автор, анализируя роль информационно-коммуникационной технологии в современном терроризме, также рассматривает различные стороны данного феномена.



**Ключевые слова:** информационно-коммуникационные технологии, терроризм, обеспечение государственной безопасности, экстремизм, геополитический фактор, державы, кибертерроризм.


**THE ROLE OF INFORMATIONAL TECHNOLOGY IN CONTEMPORARY TERRORISM**


In this article author analyzes the role of informational-communicational technology in contemporary terrorism, and also considers different sides of this phenomena.



**Key words:** information and communication technologies, terrorism, ensuring state security, extremism, geopolitical factor, powers, cyber terrorism.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***К.И. Сафиев*** – соискатель Таджикского национального университета

# МУҲОҶИРАТИ ҶАҲОНӢ ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОИЮ СИЁСӢ

*Амонулло Шуҷоӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз гузаштаҳои дур инсонҳо ҳамвора ба дунболи ёфтани мавзеи зист ва амсоли он аз ҷое ба ҷои дигар дар ҳаракат будаанд. Гоҳе ин ҳаракатҳо дар дохили як мамлакат ва ё як мавқеи хос буда ва ҷобаҷоиҳо ба таври мухталиф тағйир меёфтанд. Бо пешрафти илму дониш ва таъйини марзҳои миллӣ, муҳоҷират аз ҳолати қаблӣ, ки ҳаракати озодона дар тамоми нуқоти ҷаҳон буда ва танҳо мавонии табиӣ ва бархӯрдҳои қабилавӣ метавонист, монеае бар сари роҳи онҳо бошад. Ба риояи ҳудуд ва марзҳои кишварҳо ва бархӯрд бо монеаҳои ғайри табиӣ монанди муқаррароти марзӣ ва муҳоҷиратӣ рӯ ба рӯ шуданд. Ниёзҳои фаровон ва орзуҳои гуногуни башар ва набуди имконоти лозим барои посухгӯӣ ба ин ниёзҳо ва орзуҳо дар маҳалли худаш ба вуҷуди имконоти нисбӣ ва ё комили дар нуқоти дигар, боис шуд. Онҳое, ки ангезаи бештар ва қавитаре доштанд, ба сурати инфиродӣ ва ё гурӯҳӣ аз ҷое ба ҷои дигар муҳоҷират менамоянд. Аз ҷанги ҷаҳонии дуввум ва баъди ин раванд афзоиши зиёде ёфт ва кишварҳои тавсеаёфта, ки ба воситаи пешрафтҳои азими санъатӣ ниёзи фаровоне ба коргар доштан иҷозаи вуруд ба сурати гурӯҳиро ба муҳоҷирин медоданд. Вале ба мурур, ки ниёзҳои аввалияи кишварҳои пешрафта ба афроди оддӣ камтар шуд ва ҳузури муҳоҷирон ва паноҳҷӯён натанҳо дигар муфид набуд, балки дар баъзе мавридҳо боиси дардисарҳои аз қабили ҳошиянишинӣ, ноамнӣ, дуздӣ ва ғайра шуда буд. Бо вазъи муқаррарот сайъ кардани муҳоҷиратро ҳадафманд намуда ва ба онҳое, ки лозим доштанд иҷозаи вуруд диҳанд ва аз вуруди онҳое, ки суде барои кишварҳои муҳоҷирпазир надоштанд, ҷилавгирӣ намоянд.

Дар ҳоли ҳозир бештари кишварҳои муҳоҷирпазир чандон таваҷҷӯҳе ба хостаҳои муҳоҷирон надоранд, балки бо вазъи муқаррарот муҳоҷират ва бино ба хостаи худ, афродеро, ки дорои тахассус ва маҳорати лозим буда ва ё таҳсилоти болое дошта ва ё аз равшанфикрон, андешамандон ва сармоядорон бошанд, мепазиранд. Ин мавзӯъ боис шуда бисёре аз ин афрод, ки муҳити зиндагии худро ҷавобгӯи ниёзҳо намебинанд. Бар асоси ҳадафе, ки доранд аз кишвари худ муҳоҷират намуда ва ба ҳар сурат дар як кишвари муҳоҷирпазир сокин мешаванд. Ҳамин амр сабаб шудааст, муҳоҷират аз равиши оддӣ ва муназзам хориҷ ва дар бисёре мавридҳо ҷанбаи ғайримутаориф, номуназзам ва ғайриқонунӣ ба худ бигирад.

Неъмати фаровон дар як нуқта ва набудаи неъмати фаровон дар ҷойи дигар ва низ умеду орзуҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии дигар боиси сарозершудани афроди маҳрум ба нуқоти ғайримаҳрум шуда ва мушкилоти зиёдеро барои худ ва кишвари муҳоҷирпазир ба вуҷуд биоваранд. Чи бисёр инсонҳое, ки ҳамчун истисморшуда дар ин роҳ фурухта шуданд ва чи бисёр инсонҳое, ки ҷони худро аз даст доданд ва ба мақсад нарасиданд, вале ин раванд натанҳо хотима наёфт, балки ҳамчунон идома дорад ва омилҳои монанди сел, зилзила, ҷанг, сунамӣ ва қаҳтсолӣ низ онро дучанд кардааст.

Муҳоҷират мафҳуми густардае дорад ва ҷо ба ҷои дар дохили як вилоят ва ё аз як кишвар ба кишвари дигар ва ё аз мақсаде ба мақсади дигарро шомил мешавад. Вале дар ҳар ҳол маънии тарки як маҳал ва сокин шудан дар маҳалли дигарро медиҳад. Яъне, ки мумкин аст дар зеҳни худ розӣ ба маҳалли худ набошад ва алоқаманд бошад дар ҷои дигаре зиндагӣ кунанд ва барояш муяссар нашавад ва ё он чи орзу дорад ва дар зеҳн парварда онро амалӣ кунад ва амалан муҳоҷират намояд.

Гарчи то кунун дар робита бо муҳоҷирати зеҳнӣ чандон сухане гуфта нашуда ва ё унвони муҳоҷиратро ба худ нагирифтааст, вале ҳақиқат ин аст, ки дағдағаи зеҳн ва андеша аст, ки ҷисмро ба ҳаракат дар меоварад. Мутобиқи таърифи луғавӣ «муҳоҷир» ба шахсе, ки аз ватани худ ҳиҷрат намояд ва онро тарк гӯяд ва дар сарзамини дигаре сокин бишавад, фаҳмида мешавад.[1] Аз дидгоҳи ҷомеашиносӣ муҳоҷират ба мафҳуми зиндагӣ ва пешрафти як ҷамъияти беҳаракат аст.[2]

Дар фарҳанги англисӣ кӯчи дохилӣ ё муҳоҷирати дохилиро Immigration ва бурункучӣ ё муҳоҷирати хориҷиро Emigration мегӯянд.[3] Яъне, Immigration-ро барои мабдаъ муҳоҷират ва Emigration-ро барои мақсади муҳоҷират ба кор мебаранд.[4]

Ду рукни аслии ҳар муҳоҷират, мабдаъ ва мақсади он аст ва ангезаҳо ва илали муҳоҷиратро ғайр аз шароит ва алоиқи фардӣ бояд дар заминаҳои таърихӣ, вижагиҳои ҷуғрофиёӣ ва шароити сиёсии иқтисодӣ ва фарҳангӣ мабдаъ ва мақсади муҳоҷират ҷустуҷӯ кард.[5]

Муҳоҷират навъи рафтори тасодуфӣ нест, балки посухест барои рафъи маҳрумият. Аммо ҳамаи мардум ба навъе ҳамагӣ муҳоҷират намекунанд. Аз ин рӯ, сарфи вуҷуди бархе маҳрумиятҳо мӯҷиби муҳоҷират намешавад. Бинобар ин, шинохти асоси маҳрумиятҳои мавҷуд ва фароянди асаргузории маҳрумият бар тасмим ба муҳоҷират зарурист ва ҳамвора маҳрумият аз ҳадафҳое, ки бо арзиштаранд дар тасмим ба муҳоҷират муассиртаранд ва дар натиҷа муҳоҷират посухи ниҳоӣ ба маҳрумиятҳои нисбӣ мебошад.[6]

Муҳоҷират шакле аз таҳарруки ҷуғрофиёӣ ё маконии ҷамъият аст, ки байни ду воҳиди ҷуғрофиёӣ анҷом мегирад ва ин таҳаррук бояд ба тағйири маҳалли иқомати маъмулии фард аз мабдаъ ё маҳалли иқомати қабл аз муҳоҷирати вай ба мақсад ё маҳалли иқомати навин бианҷомад.[7]

Муҳоҷират иборат аст аз тағйири доимӣ ё ғайридоимии маскан, бидуни ҳеҷ маҳдудияте дар мавриди фосилаи ҳаркат ва моҳияти ихтиёрӣ ва иҷбории муҳоҷират, ҳамчунин бидуни ҳеҷ гуна тамоюзи байни муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ.[8]

Далоил ва ё илали муҳоҷират, умед ва орузуҳоест, ки фарди муҳоҷир ноумед аз ба даст овардани онҳо дар мабдаъ аст ва ҳамин ноумедии муфрад аз як тараф ба орзуи расидан ба аҳдофи баландмуддат аз тарфи дигар, боис мешавад, ки фард ё афроде тарки ватан кунанд ва дар нуқтаи дигар сокин шаванд.

Бо таваҷҷӯҳ ба вусъати заминаҳои муассир бар муҳоҷират монанди гароиш, кашиш ва дониш, умед, маҳрумияти нисбӣ, зарфиятҳое, ки фард дар худ эҳсос мекунад, вале муҳити зиндагиаш посухгӯи он нест ҳама ва ҳама метавонанд далоили қобили қабуле барои муҳоҷират бошанд.

Ерик Фрум мӯътақид аст, ниёзҳои панҷгона (ниёз ба пешрафт, ниёзе ба пайванд, ниёз ба ҳаммонандӣ, ниёз ба руҷӯъ ба асл, ниёз ба восили роҳёбӣ) дар зимни таҳаввул ва такомули таърих зиндагии инсон падидор гаштаанд, вале наҳваи зуҳур ва бурузи онҳо ва чигунагии баровардани онҳо мутаассир аз иҷтимоъ мебошад. Ба назари ӯ дар ҷомеаи саноатӣ ва таҳти равобити тавлиди низоми сармоядорӣ бо он ки ҷомеа қодир ба тағйири саноат аст, аммо дорои тавони лозим дар хусуси намоиши халлоқияти фардӣ ва ирзои ин ниёзҳо намебошад ва инсон нотавон аз таъмини ризоятмандонаи бисёре аз ниёзҳо мебошад.[9]

Манзур аз муҳоҷират тарки муваққат ва ё доимӣ муҳити ҷуғрофиёист, ки фард ё гурӯҳе дар он ҷо мезистанд ва исконд дар муҳит ё сарзамини дигарест, ки ҳамин афрод пас аз тарки муҳити ҷуғрофиёи худ, дар он ҷо сокин мешаванд.

Шояд ҳеҷ гоҳ таърихи башарӣ натавонад аввалин фард ё гурӯҳи муҳоҷирро шиносоӣ ва муаррифӣ намояд ва ё илали муҳоҷират ва ангезаи тарки ватанро, ки доштаанд ба дурусти дарёбад. Вале он чи мусаллам аст, муҳоҷиратро аз ҷое ба ҷои дигар собиқаи ба тӯли таърихи башарият дорад ва ангезаҳои он низ бисёр гуногун ва мутафовит аст. Вале ба таври куллӣ метавон гуфт, далоиле ҳамчун қаҳтсолӣ, зилзила, ҷанг, сел ва истибдод ва диктотурӣ дар мабдаъ ва умед ба беҳрӯзӣ ва раҳои аз тамом ё қисмате аз мушкилот дар мақсад, аз далоили умдаи муҳоҷират будааст.

Тасмим ба муҳоҷират, тарки ватан, хешовандон ва хотироти даврони кӯдакӣ он қадр душвор аст, ки танҳо аз афроди тавонманд, моҷароҷӯ ва хатарпазир бар меояд ва ҳам онҳо ҳастанд, ки роҳро барои соирин ҳамвор менамоянд ва ё дигаронеро ба дунболи худ мекашанд.

Албатта, таърихсозоне низ буданд, ки андешаманд ва озодихоҳ буда ва бо вуҷуди рӯҳияи ҷанговарӣ ва ҷаҳонгирӣ, ки доштаанд, ҳеҷ гоҳ озодиҳои мардумро поймол накарда ва қудраташон бар асоси машруъияти сиёсӣ ва пойгоҳи мардумӣ будааст.

Муҳоҷирати дастаҷамъии ориёиҳо аз сарзамини аввалия то Ҳиндустон ва таъсири зиёде, ки дар таҳрик ва тарғиби мардуми бумӣ барои ташкили давлат доштан ва гурӯҳҳои парокандаро мунсаҷим месохтанд ва низ озодиҳое, ки Куруши Ориёӣ пас аз ҳар пирӯзӣ ба гурӯҳҳои шикастхӯрди медод, боис мешуд мардуми соири мамолик, ки аз дасти таърихсозони бемор ва мустабидини ҳоким дар ранҷу азоб

буданд, натнҳо аз қаламрави ӯ дур нашаванд, балки ба сарзаминҳои таҳти ҳокимияти Куруши Кабир низ муҳоҷират намоянд.

Маъмулан дар бештари вақтҳо афрод замоне муҳоҷират карданд, ки мондан мояи ташвиш ва рафтан мояи оромиш будааст ва ё ҳадди ақал чунин гумон доштаанд. Яъне то замоне, ки аз лиҳози динӣ ва мазҳабӣ, илмӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҷои нигаронӣ нест ва он чи орзу доранд имкони дастёбии ба он вуҷуд дорад камтар муҳоҷират рух медиҳад ва ҳар гоҳ қазия баръакс аст, ҳасаби шиддат ва заъфи ҳар як аз он мавридҳо, онҳое, ки ташвиши бештаре доранд ва имкони ислоҳи умумр дар мабдаъ барояшон муяссар нест, ҳиҷрат мекунанд. Бар асоси савобиқе, ки дар робита бо муҳоҷиратҳои фардӣ ва гурӯҳӣ ҳам аз дохилӣ ё хориҷӣ мавҷуд аст, мумкин аст танҳо замоне муҳоҷиратҳо ба ҳадди ақал расида ва ё мутавоқиф шаванд, ки умед ба зиндагии беҳтаре дар ҳеҷ ҷои дигар намонда бошад. Монанди замоне, ки ҷангҳои тамомаёри байналмилалӣ (ва ҳамагӣ будани он дар саросари ҷаҳон) ва ё вуҷуди ҳолати аз тавозуни ваҳшат гиребонгири ҷомеаи ҷаҳонӣ шуда бошад. Яъне дар ҳақиқат замоне, ки авзоъ бисёр мубҳам аст ва имкони тасмимгирӣ нест ва мардум намедонанд чӣ кунанд, шояд дар ин маврид, таваққуфе карда бошанд. Зеро касоне, ки тасмимоти хатарнок ва вайронгарро мегиранд, таҳти фармони мардум нестанд ва маъмулан дар бурҳае аз замон ғайри қобили контроланд.

Дар ҳолати ҷанг, касоне, ки тасмими хатарноки ҷангро иттихоз мекунанд, маъмулан ҳамон касоне нестанд, ки дар майдони набард меҷанганд ва ба илова ин ки дар ҷанги тамомаёр гоҳ тафкики майдони набард ва ҷабҳаи дохилӣ аз якдигар муяссар нест[10] ва ҳамин матлаб боис мешавад, ки оҳоди мардум дар интизориояндаи равшантар ва барои тасмими беҳтар, каме мутаваққиф шаванд.

Афроди муҳоҷир, ки ба далоили мухталиф иқдом ба тарки шаҳру диёри худ мекунанд ва дар ҷои дигаре сокин мешаванд, маъмулан афроди дигарро, ки ҳамсар, фарзандон, хешон ва ё … ҳастанд низ ба ҳамроҳи худ мебаранд ва ё ба пайравии муҳоҷирати афроди аслӣ, хешони вай низ тарки ватан мекунанд.

Ҷудо намудан байни муҳоҷири аслӣ ва афроде, ки ҳамроҳи вай аз маҳалли иқомати худ ба маҳалли навин азимат мекунанд, зарурӣ аст ва чи басо дар мавридҳое, байни хост ва интихоби ин ду гурӯҳ (гурӯҳи аслӣ ва гурӯҳи пайрав) ҳамсонӣ ва ҳам сӯии комил вуҷуд надошта бошад. Афроде, ки худ тасмимгири аслии муҳоҷират набошанд ва ба дунболи муҳоҷири аслӣ ва ё бар асари муҳоҷирати вай иқдом ба муҳоҷират кунанд (муҳоҷирини пайрав) номида мешаванд.[11]

Дар таҳлили сиёсӣ ва иҷтимоии муҳоҷират бояд ба мавридҳое ҳамчун синну сол, ангеза, тахассус, тӯли муддат ва фосилаи маконии аз мабдаъ то мақсад ва мавридҳои мушобеҳи дигар аз ин қабил таваҷҷӯҳ дошт.

Муҳоҷирин маъмулан касоне ҳастанд, ки ангезаи қавӣ барои он доранд ва бар ҳамин мабно метавон гуфт, ба ҷуз мавридҳои ҳамчун ҳуҷуми афроди бекор, ки аз кишварҳои бисёр фақир ба самти кишварҳои тавсеаёфта дар ҳаракатанд ва низ онҳое, ки бар асари мушкилоти қаҳрӣ муҳоҷират мекунанд, соири муҳоҷирин бавижа онҳое, ки роҳаттар метавонанд пазириш бигиранд, инсонҳои тавонманданд ва холӣ шудани мабдаъ аз ин гуна афрод, ки ҳар кадом мумкин аст тахассус ва маҳорати хосе, ки мавриди ниёзи кишварашон аст дошта бошанд, боис мешавад он ҷомеа аз нерӯи инсонӣ, ки муҳимтарин омили пешрафти тавсеа аст, холӣ шавад ва аз тавсеа ақиб бимонад, аммо ҳамеша ҳам ба ин шакл нест ва муҳоҷирин мумкин аст қасди бозгашт дошта бошанд ва пас аз фарогирии тахассус ва дониши рӯз, ба ҷомеаи худ ё кишвари мабдаъ боз мегарданд ва он чи омӯхтаанд дар ҷиҳати иттилоои он ҷомеа ба кор мебаранд ва ин аз паёмадҳои мусбати муҳоҷират мебошад.

Муҳоҷират ҷараёне аст аз ҳаракати пойдор ва мудовими мардум байни ду нуқтаи маконӣ ва бар ҳасаби навъи муҳоҷират натиҷаҳо ва пайомадҳое дорад, ки мумкин аст, ба суд ва ё ба зиёни мабдаъ бошад. Муҳоҷират мумкин аст доимӣ, муваққат, иҷборӣ, ихтиёрӣ, пайрав, фардӣ, гурӯҳӣ, қонунӣ, ғайриқонунӣ, дохилӣ ва ё хориҷӣ бошад. Муҳоҷирати даврони мутахассисин ва аҳли фан, донишмандон ва равшанфикрон ба хориҷ аз кишвар бешак ба зиёни кишвари мабдаъ аст ва боис мешавад ҳазинаи газофе, ки ҷомеа барои парвариши ин афрод сарф кардааст, дар замони самардиҳӣ аз даст бидиҳад. Ва неруҳои кордон ва арзишманде, ки метавонистанд боиси тавсеа ва тараққӣ шаванд, ба далоили гуногуне аз тавони онҳо маҳрум шуда ва бо дофеае, ки мабдаъ дошта ба роҳатӣ онҳоро аз даст додааст. Вале

агар донишҷӯён ва ё афроди ғайримутахассис барои ёдгирӣ ва андӯхтани дониш ва ё маҳорат ва ба қасди бозгашт ба кишварашон муҳоҷират намоянд ва пас аз расидан ба дараҷаи аз илму дониш, ки битавонанд боиси пешрафт ва тараққи шаванд ба кишвари худ боз гарданд, муҳоҷираташон бисёр муфид хоҳад буд ва паёмадаш мусбат ва боарзиш.

Дар муҳоҷиратҳои дохилӣ низ қазия ба ҳамин минвол аст ва агар рустоҳо ва ё шаҳрҳои кӯчак, сармоядорон ва ё афроди таҳсилкарда ва соири дониши худро таҳти унвони муҳоҷирати доимӣ аз даст бидиҳанд ва он муҳоҷирин дар шаҳрҳо ба пешрафтҳое ноил шаванд ва мушкилоти мутааддиди қаблӣ боиси баргашти онҳо ба мабдаъ нашавад. Соири афроди ҳушманд ва таҳсилкарда низ ба пайравии онҳо ва ба умеди зиндагии беҳтар ба шаҳрҳо муҳоҷират хоҳанд кард ва ин матлаб боис мешавад он рустоҳо ва ё шаҳрҳои кӯчак аз қофилаи пешрафт ва тавсеа ақиб бимонанд ва самараи зиндагии онҳо ва ҳазинаҳоеро, ки сарфи таҳсили фарзандони равшанфикри худ кардаанд, боиси тавсеа ва пешрафти калоншаҳрҳо шавад. Яъне ободии калоншаҳрҳо бо ақибмондагии шаҳрҳои кӯчак ва ободии шаҳрҳои кӯчак бо ақибмодагии рустоҳо сурат хоҳад гирифт. Магар ин ки муҳоҷирин пас аз ҳалли мушкилот ба мабдаи муҳоҷират баргарданд, ки дар баъзе мавридҳо бисёр баид ба назар мерасад.

Агар кишварҳо натавонанд заминаи кор, иштиғол, амният ва озодиро бар асоси ниёзи умуми мардум худ эҷод намоянд, онҳое, ки тавони бештаре доранд аз он кишварҳо хоҳанд рафт ва паёмади он барои мабдаъ ногувор ва барои мақсад судманд хоҳад буд.

Кору фароғат, ки умдаи фаъолиятҳои фикрӣ, илмӣ ва отифии инсонро дар бар мегирад, таҷаллии худ-шукуфоии инсонанд. Ҳамчунин метавон гуфт, кору фароғат ҳавзаи таҳаққуқи истеъдодҳо ва афзоиши тавонмандиҳои фардӣ аст. Пас, ба ҳар мизон, ки фард битавонад ва истеъдодҳо тавонмандиҳояшро муҳаққақ кунад ва бигустаронад ба ҳамон мизон ҳавзаи озодии зиндагиашро густаронидааст.[12]

Фирори доноён ва мутахассисин ва равшанфикрон дар баъзе мавқеъҳо боис мешавад паёмадҳои ногувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои кишвари муҳоҷирфирист ба вуҷуд ояд ва ҳунарҳои вижа ва суннатиро, ки ном ва нишони хоси кишвари воҳидеро доштаанд аз тариқи ҳамин муҳоҷирин ба моликияти кишвари муҳоҷирпазир даромада ва суду фоидаи он низ ба он кишварҳо бирасад.Дар бисёре мавқеъҳо ҳузури андешамандони кишварҳои мухталиф дар як кишвари муҳоҷирпазир метавонад боиси тавсеа ва пешрафти он кишвар шавад ва ё дар мавридҳое мумкин аст он кишварро дар дониши хос саромади ҷомеаи дигар бинамояд.

Аз замони пайдоиши инсони аввали то асри мо, муҳоҷират дар тамоми марҳилаҳои мухталиф такомули одамӣ нақши зиндагисоз ва тамаддунсоз доштааст.[13] Натиҷаҳо ва паёмадҳои муҳоҷират бар ҳасаби навъи он ва афроди муҳоҷир ва бозгашт ё адами бозгашти онҳо ба мабдаъ мутафовит аст ва метавонад бисёр муфид, бисёр хатарнок ва ё ҳолати хунсо(бенатиҷа) дошта бошад.

Ҳамин тариқ, муҳоҷират, ки аввалин гоми он бо тарки ватан ба сурати доим, муваққат, иҷборӣ, ихтиёрӣ, қонунӣ ва ё ғайриқонунист бар асари дофеаи мабдаъ, ҷозибаи мақсад ва ангезаҳои муҳоҷир сурат мегирад. Гарчи таърихи дақиқи аввалин муҳоҷир бар касе маълум нест, локин он чи мушаххас ва ҳувайдост, ангезаи аслии муҳоҷират расидан ба пешрафт, оромиш ва рифоҳ аст.

Ба назар мерасад, муҳоҷират ва тарки диёр ибтидо дар зеҳн ва андешаи афрод сурат мегирад ва баъд аз он мумкин аст, ба амал табдил шавад. Агар ибтидо дар зеҳни инсон, ки ба дунболи умеду орзуҳост, ин дағдаға ба вуҷуд наояд ва ин мушкилро дар зеҳни худ ҳал нанамояд, шояд ҳеҷгоҳ муҳоҷират накунад. Муҳоҷиратро метавон ҳаракати афкор ва андешаҳои мутаззо бо мабдаъ ва созгор бо мақсад донист, ки дар ниҳоят соҳиби андеша ва зеҳнро ба дунболи худ ба сарзамини дигаре мекашонад. Яъне, ин ки аввал зеҳн муҳоҷират менамояд ва баъд ҷисмро ба дунболи худ мекашад. Ва дар ҳақиқат зеҳн мутағайири мустақил ва ҷисм мутағайири вобаста аст ва ба истилоҳ зеҳн муҳоҷири аслӣ ва ҷисм муҳоҷири вобаста ва пайрав аст.

Дар ин мақола сайъ шудааст, ибтидо мафҳуми муҳоҷират баҳс шавад ва пас аз он муҳоҷират аз лиҳози сиёсӣ ва иҷтимоӣ таҳлил ва дар ниҳоят натиҷаҳо ва паёмадҳои он баррасӣ шавад.

Кишварҳое, ки натавонистаанд барои шаҳрвандони худ муҳити амну осуда фароҳам намоянд, хоста ё нохоста маҷбуранд бипазиранд, ки афроде, ки ангезаи қавитаре доранд ва ё барои худ ва хонаводаашон зиндагии беҳтареро хос доранд ва имконоте барояшон фароҳам аст, муҳоҷират намоянд ва дар кишвари муҳоҷирпазире, ки бо ҳадди ақалле аз хостаҳои онҳо татбиқ мекунад, сокин шаванд. Хуруҷи афрод аз кишвар натанҳо сармояи инсонӣ, балки сармояҳои моддӣ ва маънавии дигареро низ ба нуқтаи дигари (кишвари муҳоҷирпазир) мунтақӣ менамояд ва мабдаъро аз доштаҳои худ бенасиб месозад. Дар ин робита ва дар иртибот бо паёмадҳои мусбат ва манфии муҳоҷират барои мабдаъ ва мақсад тафовуте байни муҳоҷиратҳои дохилӣ ва хориҷӣ вуҷуд надорад.

Густариши кишварҳо бидуни вуҷуди инсонҳои густаришёфта ва сармояҳои лозим, тахассус, ва маҳорати кофӣ имконпазир нест ва хуруҷи афроди бо ин мушаххасот ва доштаҳо, ҷомеаи мабдаъро аз дарун тухӣ менамояд ва боиси пешрафт ва тавсеаи мақсад мешавад. Албатта, мумкин аст, муҳоҷирин зиёнҳое аз қабили масоили ноамнӣ ва баҳамрехтагии иҷтимоӣ ва таъсири хурди фарҳангхоро бар ҷомеаи мақсад дошта бошанд, ки ин паёмадҳо барои мақсад ё кишвари муҳоҷирпазир судманд нест ва манфӣ мебошад.

Натиҷа ва паёмади муҳоҷират баста ба навъи он мумкин аст хатаротеро барои кишварҳои муҳоҷирпазир ва фоидаҳоеро барои кишварҳои муҳоҷирхез дар пай дошта бошад. Вале ин натиҷаҳо ва паёмадҳо ба мурури замон ба зарари мабдаъ ва ба ҷуз дар мавридҳои ноамниҳои иҷтимоӣ ва амсоли он ба нафъи мақсад тамом шудааст ва ҳар чи замон мегузарад ва кишварҳои муҳоҷирпазир ҳадафмандтар амал менамоянд, зиёни он барои мабдаъ бештар мешавад. Иллати он ҳам ин аст, ки ҳар рӯз кишварҳои тавсеаёфта ба коргарони маъмулӣ ва сода бениёзтар ва ба равшанфикрон ва донишмандоне, ки тавлидкунандаи илму донишанд, ниёзмандтар мешаванд ва бо рафторҳои ҳисобшуда ва баъзан номаҳсус аз бозгашти онҳо ба кишвари худ низ мамоният менамоянд ва ин амр боис мешавад, арзоварӣ ва интиқоли технологӣ ҳамчун рӯъёи таъбирношудани боқӣ бимонад ва кишвари мабдаъ мутазаррар шавад.

Кишварҳои Амрико, Канада, Австралия ва Испания бештар ва Англия, Италия ва Олмон камтар муҳоҷирпазиранд, вале он чи барои ҳамаи онҳо муҳим аст, манофеи миллист ва на суд ва ё хостаи муҳоҷирон. Дар натиҷа теъдод, тахассус, маҳорат, таҳсилот ва доим ва ё муваққат буданро онҳо (кишварҳои муҳоҷирпазир) мушаххас менамоянд ва кӯшиши созмонҳои байналмилалӣ муртабит бо муҳоҷират, таъсири зиёде дар тағйири назароти онҳо надорад.

Густариши деҳкадаи ҷаҳонӣ бидуни пазириши муҳоҷирин ба унвони шаҳрванди аслӣ дар кишварҳои муҳоҷирпазир, комилан бе маъно ва рӯъёи аст дастноёфтанӣ. То замоне ки қавонини созмонҳои байналмилалӣ ба вижа қавонин ва муқаррарот марбут ба ҳуқуқи башар дар ҳамаи кишварҳо дар мавариди муҳоҷирин ба гунае корсоз нашавад, ки муҳоҷирин низ аз ҳамаи ҳуқуқи шаҳрвандӣ дар кишвари меҳмон бархӯрдор бошанд, ба унвони шаҳрвандони дараҷаи ду ва ё ба қавли арабҳои садри Ислом, маволи(шаҳрванди дараҷаи ду) хоҳанд буд ва ин худ навъи таҳқири инсоният ва нақзи ҳуқуқи башар аст.

Дар натиҷа агар кишварҳои муҳоҷирпазир муҳите эҷод нанамоянд, ки муҳоҷирин дар он кишварҳо эҳсоси оромиш ва амният намоянд, бешак ба амнияти худ осеб расонданд, задаанд, зеро дар муҳити ноамн ва ошуфта, созгории иҷтимоӣ рух нахоҳад дод ва агар созгорӣ дар заминаҳои мухталифи фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғайра анҷом нашавад, мушорикати умуми дар созандагӣ, ки асли аввалияи амнияти иҷтимоӣ ва пешрафта аст, ба даст нахоҳад омад.

**АДАБИЁТ**


1. Деҳхудо Алиакбар. Луғатномаи форсӣ. Теҳрон, интишороти донишкадаи адабиёти Теҳрон, 1338, ҷилди 46. с.159.
2. Ле Орд. Як назарияи муҳоҷират. Тарҷумаи Бежани Зореъ, Абдулалии Лиҳесоизода. Назариёти муҳоҷират. Шероз, интишороти Навид, 1368. с.70.

3. Наврӯзии Хиёбон Маҳдӣ. Фарҳанги ҷомеи луғот ва истилоҳоти сиёсии англисӣ-форсӣ. Чопи 5. Теҳрон, 1388, с.159.
4. Ҳамон ҷо. с.228.
5. Фарҳонии Мунфарид Маҳдӣ. Муҳоҷирати уламои шиа аз ҷабали омиле ба Эрон дар асри Сафавӣ. Муассисаи интишороти Амиркабир. Теҳрон, 1388, чопи 2. с.89.
6. Ҷаъфарии Муаттар Фаридун. Муҳоҷирати нухбагон. Теҳрон. муассисаи таҳқиқот ва тавсеаи улуми инсонӣ, 1387, с.40.
7. Амонӣ Маҳдӣ ва дигарон. Луғатномаи ҷамъиятшиносӣ. Теҳрон. Донишгоҳи Теҳрон,1376, с.27.
8. Ҷаъфарии Муаттар Фариддун. Муҳоҷирати нухбагон. Теҳрон. муассисаи таҳқиқот ва тавсеаи улуми инсонӣ, 1387, с.60.
9. Сиёсӣ Алиакбар. Назарияҳои марбут ба шахсият. Теҳрон. донишгоҳи Теҳрон, 1354, с.150-152.
10. Дуети Ҷеймз, Фолдзграф Роберт. Тарҷумаи Алиризо Табиб. Воҳиди бузургӣ. Чопи аввал. Нашри Қумис, Теҳрон, 1372,ҷили 2. с. 421.
11. Акбарии Хунҷи Низом. Муҳоҷират ва созгорӣ. Интишороти Навид. Шероз. Чопи аввал, 1382, с.9.
12.

**МИРОВАЯ МИГРАЦИЯ КАК СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИЙ ФЕНОМЕН**

В данной статье автор анализирует разные аспекты мировий миграции, которое сегодня является одной из важнейших проблем. По отношению к данному феномену существуют различные споры и дисскусии, которые рассматриваютя в данной статье.

**Ключевые слова:** миграция, мировая миграция, проживание, географическое движение, мигрант, внутренняя миграция, побег интеллегенции.

**THE GLOBAL MIGRATION AS A SOCIO-POLITICAL PHENOMENON**

In this article the author, considering miravuyu migration as a socio-political phenomenon, analyze the different aspects migartsii. The problem of migration for countries of the world today is one of the major issues and in relation to this phenomenon there is a different disskusy.

**Key words:** Migration, World Migration, Accommodation, geographical movement, migrants, internal migration, escape intellegentsy.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Амонулло Шуджои-*** аспирант Таджикского национального университета

# МУКОЛАМАИ СИЁСӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ МАХСУСИ МУКОЛАМАИ ФАРҲАНГӢ

***Маҳмуд Шаҳбандӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баъди пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Исломии Эрон имкон пайдо намуд, ки муносибатҳои худро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври озод ташаккул диҳад. Зеро дар давраи ҳукумати Шӯравӣ минтақаи мазкур ва умуман тамоми муносибатҳои хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҷониби раёсати марказӣ ва мақомотҳои дахлдори равобити хориҷии ИҶШС дар зери назорати қатъӣ қарор дода шуда буд. Бояд гуфт, ки баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ фазои холии дар Осиёи Марказӣ бавуҷудомадаро на танҳо Эрон, балки нерӯҳои дигари хориҷӣ низ мехостанд ишғол намоянд ва мавқеъҳои худро дар минтақаи мазкур мустаҳкам намоянд. Аммо Ҷумҳурии Исломии Эрон новобаста аз он ки бо минтақаи Осиёи Марказӣ ҳаммарз нест, тавонист муносибатҳои худро дар тамоми ҷабҳаҳо хеле хуб ба роҳ монад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки минтақаи Осиёи Марказӣ на танҳо дар мавқеи геополитикӣ ҷойгир шуда дорои манбаҳои манфиатовар ва таъсиррасонӣ, канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ, махсусан гази табиӣ ва нафт мебошад, балки манбаи таҳдидҳои имконпазир чи барои амнияти минтақавӣ ва чи барои амнияти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Ҳанӯз аз замонҳои қадим гуногунқавмии таркиби аҳолӣ яке аз хусусиятҳои муҳими минтақаи мазкурро ташкил менамуд. Осиёи Марказӣ макone ба шумор мерафт, ки дар он бархӯрди халқиятҳои гуногун мушоҳида гардида, мубодилаи фарҳанг ва анъанаҳо ба амал меомад. Тӯли асрҳои зиёд инчунин дар минтақаи мазкур динҳо ва мазҳабҳои мухталиф аз мавҷудияти худ дарак дода,

арзишҳои худро тарғибу ташвиқ ва дар байни аҳолии он паҳн менамуданд. Кам нестанд ҳолатҳое, ки дар онҳо кӯшиши ба давлатҳои исломӣ табдил додани кишварҳои Осиёи Марказиро намудаанд ва ин аст, ки дар минтақаи мазкур манбаъҳои муҳими экстремизми исломиро низ мушоҳида намудан мумкин аст. Ғайр аз ин дар минтақаи мазкур масъалаҳои дигар низ мавҷуданд, ки аҳамияти стратегӣ доранд. Масалан, ҳолати экологии баҳри Каспий барои минтақаи Осиёи Марказӣ ташвишовар буда, на танҳо ба навоҳии гирду атрофии он, балки ба муҳити экологии ҷаҳонӣ низ таъсирпазир аст.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ шиддати иҷтимоӣ тезу тунд гардид, ки дар натиҷа то дараҷаи муайян ноустувор гардидани вазъияти иқтисодии кишварҳои минтақаи мазкурро мушоҳида намудан мумкин буд. Ба вуҷуд омадани низоъҳои этникӣ, миллӣ ва конфессионалӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти минтақа аз эҳтимол дур набуд. Дар чунин ҳолат Эрон бо низоъҳои этникии дохилӣ алоқамандии худро нишон медод ва агар дар кишварҳои Осиёи Марказӣ масъалаи ноором сохтани минтақа ба миён меомад, ҳар лаҳза масъалаҳои дохилии он метавонистанд аз зери назорат ва танзим берун бароянд. Чунин вазъияти сиёсӣ Эронро ором гузошта наметавонист ва аз ин рӯ, минтақаи Осиёи Марказӣ объекти муҳим ва дар маркази диққати Эрон қарор дода шуда, ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии он табдил ёфт. Имрӯз низ арбобони сиёсии мақомоти олии Эрон чунин муносибати худро ошкоро иброз медоранд. Мутаассифона, Эрон бо ҳамсоядавлатҳои худ муносибати хеле мураккаб дорад. Масалан, дар минтақаи Шарқи Наздик ва Миёна ва Халиҷи Форс вай маҷбур мегардад, ки бо вазъияти баамаломада, ки бо иқдоми кишварҳои араб ва ИМА ташкил карда шудааст, ба созиш ояд. Ҳамаи ин ба Эрон имкон намедиҳанд, ки дар сиёсати хориҷии худ нисбати минтақаҳои мазкур нақши фаъол дошта бошад. Минтақаи Осиёи Марказӣ бошад, баръакс ба Эрон имкониятҳои хеле хубро дастрас гардонидааст. Масалан, вазъият ва баҳсҳое, ки дар атрофи баҳри Каспий сурат гирифта истодааст, метавонад манфиатҳои Эронро низ ифода намояд. Зеро таъмин намудани музофотҳои шимолии Эрон бо энергияи барқ ва гази табиӣ, махсусан қонеъ намудани талаботи аҳолӣ барои вай масъалаи хеле ҷиддӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои Эрон таъмин намудани музофоти шимолии мамлакат бо газу барқ, ки дар ҷануби кишвар тавлид мегардад, аз минтақаи баҳри Каспий дастрас намудани он арзонтару авлотар мебошад.

Дар давраи ҷанги сард масъалаҳои амниятӣ бо масъалаҳои шадиди сиёсӣ ва ҳарбӣ алоқаи зич дошт. Аммо дар тӯли даҳсолаи охир манбаъҳои амниятӣ ба воситаи меъёрҳои нав баҳогузорӣ шуда, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва ҳарбӣ асоси онро ташкил менамоянд. Бинобар ин, чунин омилҳо, ба монанди технология, идеология, миллатгароӣ, шакли муосири миллатгароӣ, баланд гардидани дараҷаи вобастагии давлат дар шароити ҷаҳонишавӣ, масъалаи ҳифзи муҳити зист, алоқаҳои иқтисодию сиёсии Шимол бо Ҷануб ҳамчун омили устуворкунанда ва вайронкунандаи амният маҳсуб меёбад.

Субъектҳои сиёсии ҳокимият дар натиҷаи нотавонии идораи давлатӣ, ки қудрати қонеъ сохтани талабот ва интизориҳои мардуми худро надорад, бо сабаби шиддатнокии иҷтимоӣ гунаҳкор дониста шуда, боиси ба вуҷуд омадани бетартибҳо ва таҳдидҳои дохили давлат мегардад. Аммо дар ҳолати баръакс, агар қудрат ва ҳокимияти режимҳои сиёсӣ дар дараҷаи муайян қарор дошта бошанд, пас омили беҳтар сохтани бехатарии ҷомеа ба вуҷуд меояд. Бояд гуфт, ки ҳамин гуна қудрат ва ҳокимият дар замони муосир тариқи васоити техникӣ, илмӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва фаҳмондадиҳӣ таъмин карда мешаванд.

Аз ҷониби дигар, Осиёи Марказӣ бо тасаввуротҳои худ нисбати амнияти стратегӣ Русияро дар ташвиш меандозад. Масалан, Тоҷикистон, Туркменистон ва Ӯзбекистон бо Ҷумҳурии Афғонистон ҳамсарҳад мебошанд, ки ин барои онҳо таҳдиди стратегӣ маҳсуб меёбад. Махсусан чунин омил барои Тоҷикистон, ки дар давраи солҳои 1993 то 1997 ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид ва аз нуқтаи назари сиёсӣ то ҳанӯз хисоротҳои онро эҳсос менамояд, аҳамияти махсус дорад.

Бояд гуфт, ки Русия бо ҳамроҳии Ӯзбекистон аз ибтидои ҷанги шаҳрвандӣ Тоҷикистонро кумак намуданд ва ба сари ҳокимият омадани Э.Раҳмонро дастгирӣ карданд. Дар моҳи июни соли 1997 баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ Русия дар Тоҷикистон таъсири худро нигоҳ дошта, онро боз ҳам мустаҳкамтар

намуд. Россия дар ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон иштироки фаъол дошт. Зеро дивизияи тирандози 201-ум, ки ба Русия мутааллиқ буд, дар арафаи ҷанги шаҳрвандӣ нерӯи сулҳофар эълон гардида буд. Амалиётҳои минбаъдаи қувваҳои мусаллаҳи Русия дар Тоҷикистон ҳамчун қувваҳои зидди экстремизми диннӣ ва терроризми байналхалқӣ муаррифӣ мегардиданд.

Як қатор таҳлилгарон қайд менамоянд, ки дар натиҷаи пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва аз байн рафтани ҷаҳони дуқутба таъсири Эронро ба масъалаи мазкур суст намуд. Чунин ҳам шуморида мешуд, ки Эрон каме дертар баъди ба вуқӯъ омадани чунин вазъият мавқеъ ва қобилияти рақобатпазирии худро дар минтақаи мазкур наметавонад муайян кунад. Аммо ояндабинии мазкур натиҷаи баръакс дод. Дар ҳақиқат, ба вуҷуд омадани минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Қавқоз ҳамчун ҳавзаҳои муҳими стратегӣ, ки дорои захираҳои азими газу нефт мебошанд, нақш ва мавқеи Эронро дар минтақаҳои мазкур афзоиш дод. Эрон дар байни минтақаҳои муҳими стратегӣ, яъне Халиҷи Форс ва Осиёи Марказию Қавқоз қарор гирифта, ҳамчун қувваи бузурги геополитикӣ таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуд. Дар ҳақиқат маҷмӯи шароитҳое, ки дар ҳавзаи ҷанубии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омад имкон медод, ки Эрон дар амалиётҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ нақши худро ҳамчун бозингари сиёсӣ нишон диҳад. Ғайр аз ин бояд дар назар дошт, ки давлатҳои тозаистиқлол ба баҳрҳои иртиботӣ дастрасӣ надоштанд, ки чунин ҳолат имкониятҳои онҳоро барои ҳамкориҳои иқтисоди хориҷӣ маҳдуд месозад. Аммо Эрон барои расидан ба ҳадафҳои худ чунин амалҳои афзалиятнокро қобили қабул медонист:ба таври васеъ ба роҳ мондани ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии минтақавӣ;бо мақсади пайваст намудани минтақаи Осиёи Марказӣ бо Халиҷи Форс васеъ намудани шабакаи алоқаҳои байналхалқӣ ба воситаи сохтани роҳҳои оҳани ба талаботи муосир ҷавобгӯ;иштироки фаъол доштан дар ҳалли мусолиҳатомези низоъҳои дохилидавлатӣ, моҷароҳои этникӣ ва мухолифатҳои конфессионалӣ, ки аз ҷониби аксари сарварони давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷонибдорӣ гардида буд [1].

Муколамаи сиёсии Эрон ва Росия ва инчунин кӯшишҳои дуҷонибаи онҳо бахри нигоҳдории устувории сиёсӣ ва таъмини амният дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз боиси васеъ гардидани боварҳои тарафайн гардид. Россия бар он бовар буд, ки Эрон дар муқоиса бо дигар абарқудратҳои ҷаҳони муосир дар минтақаи мазкур кафолати устуворӣ ба шумор меравад. Эрон дар низоъҳои байни Озарбойҷон ва Арманистон нақши миёнаравро иҷро намуда, як қатор муколамаҳои сиёсӣ гузаронид ва то дараҷаи муайян вазъияти буҳрониро аз миён бардошт. Ин омил боиси он гардид, ки обрӯ ва нуфузи ӯ дар минтақа боз ҳам боло равад.

Дар ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон, ки миёни нерӯҳои исломӣ ва миллии кишвар сурат гирифт, Эрон барои ба ҳам наздик сохтани мавқеҳои ҷонибҳои мухолиф кӯшишҳои зиёд намуд ва дар раванди ба даст овардани созишномаи сулҳи байни мухолифини тоҷик ва ҳокимияти расмӣ иштироки фаъол намуд. Чунин кӯшишҳо ва гузаронидани муколамаҳои сиёсӣ, ки барои нигоҳ доштан ва таъмин намудани сулҳу оромии минтақа равона гардида буданд, самарабахш арзёбӣ гардид.

Эрон аз ҷониби баҳри Каспий бо чунин давлатҳо, аз қабили Арманистон, Озарбойҷон ва Туркманистон ҳамсарҳад аст. Аз ҷониби дигар бо чунин кишварҳои ноором, аз қабили Карабоғ, Гурҷистон, Чеченистон ва Тоҷикистон ҳамсоягии геополитикӣ дорад.

Ин давлатҳо амнияти Эронро бавосита ва бевосита зери хатар қарор медиҳанд. Зеро низоъҳои ҳарбие, ки дар ин кишварҳо ба вуқӯъ омадаанд, сабаби норомии Эрон низ маҳсуб мегарданд. Гузашта аз ин, ҷангҳои дохилии Афғонистон дар соли 1993 ба амнияти Эрон таҳдиди ҷиддӣ эҷод намуда буд ва ҷангҳои Қарабоғ бошад худи ҳамон сол то ба сарҳади Эрон наздик шуда буд. Ҳамзамон Эрон тавонист дар тӯли даҳсолаи охир муносибатҳои худро аз як ҷониб бо Маскав ва аз ҷониби дигар бо минтақаи Осиёи Марказӣ ба таври васеъ ба роҳ монад ва онро мустаҳкам созад. Аз ин рӯ, имрӯз низ барои Эрон муносибати иҷтимоию фарҳангӣ ва гузаронидани муколамаҳои сиёсӣ бо сарварони ин кишварҳо хеле муҳим маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, бо розигии расмии дуҷонибаи Эрон ва Русия ҳадаф ва манфиатҳои стратегии ин ду кишвар амалӣ гардид, ки дар натиҷа муколамаи сиёсӣ бахри таъмини сулҳу суботи Тоҷикистон сурат мегирад. Яке аз намунаҳои амалӣ

гардидани муколамаҳои сиёсӣ дар таҷрибаҳои байналхалқии замони муосир Созмони Ҳамкории Шанхай ба шумор меравад, ки он дар асоси созишномаи байнидавлатӣ сурат мегирад. Ба ақидаи намояндаи махсуси Президенти Федератсияи Русия оид ба корҳои СҲШ Л.Моисеев «СҲШ ин – муколамаи фарҳангу тамаддунҳо, иттиҳоди мамолики дорои сарнавишти гуногун, ҳуввият ва арзишҳои фарҳангии гуногун мебошад» [2].

Шароитҳои замони муосир имкон медиҳанд, ки иртибот ва алоқаҳои байнидавлатӣ боз ҳам васеътар гардида ташаккул ёбанд. Аммо сиёсати дарҳои боз дар ҷаҳони муосир яке аз шароитҳои муҳим ба шумор меравад. Зеро «муколамаи фарҳанг ба мустаҳкам намудани худшиносии фарҳангӣ оварда расонида, аз ҳисоби таҷрибаи фарҳангҳои дигар ва фарҳанги ҷаҳонӣ таркиби худро бою ғанӣ месозад» [3].

Муколамаи фарҳанг ҳолати муколамавиро таъмин намуда, онро ҳамчун алтернативаи монологӣ муаррифӣ менамояд. Дар таърихи инсоният то як муддати муайян муносибат миёни фарҳангҳо дар доираи ҷадвали монологӣ сурат мегирифт. Аммо дар доираи ҷадвали муколамавӣ алоқаҳо миёни фарҳангҳои миллатҳои мухталиф, маданияти минтақаҳои гуногун, миёни арзишҳои муайяни фарҳангӣ мушоҳида мегардад. Ҳамзамон, муколамаи фарҳангҳои Ғарб бо Шарқ ва Шимол бо Ҷануб мисоли равшан дониста мешавад. Роҷеъ ба ин масъала Р.Генон чунин қайд менамояд: «То он замоне, ки дар Ғарб тамаддуни анъанавӣ аз мавҷудияти худ дарак медод, бар муқобили Шарқ қарор гирифтани Ғарб ҳеҷ асосе надошт. Муқобилияти вай танҳо дар шароити муосир мавқеи махсусро касб намудааст» [4].

Ҳамин тариқ, Ғарб ва Шарқ ду фарҳанге мебошанд, ки аз рӯйи анъанаҳо ва тарзи зиндагӣ пурғановат ҳастанд. Аммо онҳо аз лиҳози ҳаёти маданӣ ва арзишҳои моддӣ аз ҳамдигар фарсаххо дур мебошанд. Шаркро дар ҳама давру замон муносибати ирратсионалӣ фаро гирифта буд. Ҳатто дар шароити рушду инкишофи бемайлони соҳаҳои ҳаёт вай ҳанӯз ҳам анъанаҳои худро нигоҳ медорад. Аммо Ғарб, баръакс, анъанаҳои куҳнаро аз миён бардошта, доимо пешравӣ ва прогрессро пайгирӣ менамояд.


**АДАБИЁТ**

1. Махмуди М. Стратегические интересы Ирана и России в Таджикистане. Душанбе, 2011. С.6.
2. Моисеев Л. ШОС перерастает региональные рамки (03.06.10) [Электронный ресурс] / Л. Моисеев // Центральный Интернет портал Инфо ШОС - Режим доступа: http://infoshos.ru/ru/?idn=6050..
3. Кокшаров Н.В. Взаимодействие культур: диалог культур // "Credo new"теоретический журнал. № 3. 2003.
4. Генон Р. «Кризис современного мира» ("La crise du monde modem". Paris, 1927; рус. перев., 1999).


**ПОЛИТИЧЕСКИЙ ДИАЛОГ КАК ОСОБЕННЫЙ ВИД ДИАЛОГА КУЛЬТУР**


В данной статье автор, рассматривая политический диалог Исламской Республики Иран, представляет его как особый вид диалога культур. Также, в статье рассматриваются основные этапы развития диалога культур, его специфические особенности. Выводы статьи таковы, что диалогическая система современного мира понимается как монологическая система.



**Ключевые слова:** политический диалог, диалог культур, прогресс, устойчивость, безопасность, геополитические интересы, национальные интересы, традиции, двусторонние и многосторонние отношения государства.


**POLITICAL DIALOGUE AS A SPECIAL KIND OF CULTURAL DIALOGUE**


The author, considering the political dialogue of the Islamic Republic of Iran, it is a special form of dialogue. Also, in the article the main stages of the dialogue of cultures, its specific features. Conclusion of the article is that the dialogical system of the modern world system is understood as a monologue.



**Key words:** political dialogue, a dialogue of culture, progress, stability, security and geopolitical interests, national interests, traditions, bilateral and multilateral relations of the state.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Махмуд Шахбанди***-соискатель Таджикского национального университета

# НИГОҲЕ БА АНДЕШАҲОИ АХЛОҚИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

***П.Н. Давлатов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ахлоқ мавзӯъи муҳиме аст, ки аз қадимтарин рӯзгор то ба имрӯз таваҷҷӯҳи мутафаккирону муҳаққиқонро ба худ машғул кардааст. Оростани нафс ба ахлоқи хубу ҳамида ва малакаҳои фозила ва пок сохтани он аз ахлоқи баду разилатҳои ботинӣ «фалсафаи рисолат»-и пайғомбарони илоҳиро ташкил медиҳад. Барои исботи ин гуфтаҳо метавон ба яке аз ҳадисҳои пайғамбари ислом Муҳаммад (с) такя кард, ки фармудааст: «Иннамо буъисту лиутаммима макорим-ал-ахлоқи» (ба дурусти, ки ман фиристода шудам, вазифадор шудам аз ҷониби Худованд то ин, ки макорими ахлоқиро такмил диҳам, яъне ахлоқи ҳамидаро ҷойнишини ахлоқи разила гардонам).

Дар пайрави аз таълимоти ахлоқии Қуръон ва аҳодиси набавӣ бисёр ахлоқшиносон ва олимону орифон рисолаву асарҳои ахлоқӣ офаридаанд, ки то рӯзгори мо боқӣ монда, дорои аҳамияти илмиву тарбиявӣ мебошанд.

Имрӯзҳо чи қадаре, ки илму фарҳанг пеш меравад, ҳамон қадар ниёзи ҷомеа ба ахлоқи ҳамида афзоиш меёбад. Боло рафтани шумораи ҷиноёт, фаҳшу фасод, кизбу дуруғ, беҳурмативу беэътиноӣ нисбати падарону модарон, калонсолон, ятимону бепарасторон ва ғайра равшангари ин ҳақиқат аст. Ахлоқ, ки яке аз қисматҳои муҳими ҳаёти инсонист агар ба ҷомеа ҳукмфармо набошад, илм ва фарҳанг наметавонанд хушбахтӣ ва саодатро дар ҷомеа таъмин намоянд. Танҳо омиле, ки метавонад рӯҳи саркаши инсон, ғаразҳои исёнгар ва ҳавову ҳавасҳои шаҳвониву нафсонии ӯро ба танзим дарорад ва илму фарҳангро дар роҳи оромиши умумӣ ва зиндагии осоишта ба кор андозад, ахлоқи ҳамида мебошад.

Нақш ва аҳамияти макорими ахлоқ дар таълимоти маънавии инсонҳо бар ҳеҷ кас пӯшида нест. Аксари орифону донишмандон дар ҳама давру замонҳо ахлоқ ва масоили ахлоқиро мавзӯи муҳиму доғи рӯз шуморида, омӯхтани илми ахлоқро бар дигар улум муқаддам донистаанд, ки Алии Ҳамадонӣ низ аз зумраи онҳост.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1314-1384) яке аз мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик аст, ки осори зиёде аз худ боқӣ гузоштааст. Теъдоди асарҳои ӯро зиёда аз 70 гуфтаанд. Бештари рисолаҳои таълифкардаи ӯ ҳаҷман хурд буда, ба забони форсӣ-тоҷикӣ навишта шудаанд. Аз рӯи мазмун ва мӯҳтаво бештари асарҳои эҷодкардаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ хусусияти ирфонӣ дошта, дар онҳо таълимоти тасаввуфии ин ориф ва донишманди бузурги олами ислом баён ёфтааст.

Алии Ҳамадонӣ дар таърихи фалсафа ва фарҳанги исломӣ ҳамчун олими илоҳиёт, фалсафа, ахлоқ ва тасаввуф шинохта шудааст. Машҳуртарин рисолаҳои эҷодкардаи ӯ «Захират-ул-мулук», «Миръот-ут-тобиъин», «Макорим-ул-ахлоқ», «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Рисолаи вуҷудия», «Рисолаи Куддусия», «Рисолаи ҳамадония», «Рисолаи ақлия», «Рисолаи сӯфия», «Авроди фатҳия», «Ислоҳоти сӯфия» ва таълифоти арабии ӯ «Шарҳи асмо-ул-ҳусно», «Асрор-ун-нукта», «Равзат-ул-фирдавс», «Манозил-ус-соликин» ва ғ. мебошанд.

Чуноне, ки таъкид кардем, гарчанде аксари ин асарҳо ҳаҷман хурд бошанд, лекин дорои мазмуни жарфи фалсафӣ ва нигориши хоси ирфонӣ мебошанд. Пеш аз ҳама як нуктаро бояд зикр кард, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчун олими илоҳиёт ва дин тамоми андеша, афкор ва орои худро дар асоси таълимоти Қуръону ҳадис ва шариати исломӣ баён намудааст. Кас бо осори гаронарзиши ӯ ошно гашта, то кадом сатҳ бархурдорӣ ва огаҳии ин алломаи замонро аз Қуръон ва ҳадис бахубӣ эҳсос мекунад. Қуръон ва ҳадис манбаи илҳом ва эҷоди мутафаккир маҳсуб мешаванд.

Алии Ҳамадонӣ қариб, ки дар тамоми асарҳои эҷодкардааш аз оятҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ фаровон истифода карда, мутобиқ ба таҳлилу баррасии моҳияти мавзӯъ онҳоро хело моҳирона ва оқилона иқтибос овардааст.

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо ва асарҳои муҳаққиқини осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ӯ муътақиди назариёт ва андешаҳои Абӯҳомиди Ғазолӣ ва Ибни Арабӣ будааст. Аз ошноӣ бо афкору андешаи ӯ маълум мегардад, ки осор ва эҷодиёти Муҳаммади Ғазолӣ дар тавлиди афкори Ҳамадонӣ таъсири амиқ расонидааст. Ба

иборaи дигар Алии Ҳамадонӣ аз асарҳои Ғазолӣ ғизои маънавӣ гирифта, «Эҳёи улум-ад-дин» ва «Кимиёи саодат» сарчашма ва заминаи ақидавии ҷаҳонбинии ӯ маҳсуб мешаванд. Далели ин гуфтаҳо асари машҳури фалсафиву ахлоқии Алии Ҳамадонӣ «Захират-ул-мулук» мебошад, ки онро ҳатто метавон мухтасари «Эҳёи улум-ад-дин» номид.

Мусаллам аст, ки ин ду мутафаккир дар як давра зиндагӣ накардаанд, вале пайванди ногусастанӣ миёни афкори онҳо мушоҳида мегардад. Ин таъсир ва бардоштро аз қиёси «Захират-ул-мулук» бо «Кимиёи саодат» дарёфт кардан мумкин аст, агарчӣ дар баъзе масоили фалсафӣ назариёти онҳо тафовут дошта бошад, ҳам вале аз лиҳози таҳқиқи масоили ахлоқӣ ба ҳам ҳамоҳанганд.

Исботи ин андешаро метавон дар эҷодиёти Иқболи Лоҳурӣ низ пайдо намуд:

Сайидуссодот, солори Аҷам,
Дасти ӯ меъмори тақдири умам.
То Ғазолӣ дарси аллоҳу гирифт,
Зикру фикр аз дудмони ӯ гирифт [6, с.1].

Осори офаридаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар қатори фарогири мавзӯъҳои гуногун саршор аз таълимоти ахлоқӣ аст. Мутафаккири барҷаста касби ахлоқи ҳасанаро ҳамчун сарчашмаи саодат ва хушбахтии инсон дар дунё ва охират ташвиқу тарғиб намуда, роҳҳои гуногуни расидан ба ин мартаба ва фазилатро дар таълимоти хеш хеле васеъ ва густурда тавзеҳ додаст.

Асли таълимоти ахлоқии мутафаккир даъвати инсон ба ворастагӣ, растагорӣ, тақвою парҳезгорӣ, хайрхоҳӣ, накӯкорӣ, сабру қаноат, хоксорӣ, ҳалимӣ, фурутанӣ, самимият, умуман расидан ба худшиносӣ ва худогоҳӣ аст.

Алии Ҳамадонӣ инсонро ҳамчун мавҷуди олӣ ва халифаи Худо дар рӯи Замин ба дарки мазмун ва моҳияти зиндагӣ, ибрат гирифтан аз падидаҳову ашёҳои табиат, эҳсоси масъулият дар назди худ, ҷомеа ва Худо водор ва ҳушдор месозад. Муҳимтарин ҷанбаи осори ӯро низ ҳамин чиз, шинохти қудрат ва тавоноии Худованди азза ва ҷалла ва ҳикмату раҳмати бемунтаҳои он ташкил медиҳад. Дар рисолаҳои таълифнамудаи ӯ ситоиш ва ниёиши Парвардигори олам хеле беканора аст. Чуноне, ки дар «Рисолаи ҳамадония» омадааст:

Ҷаҳонро баландию пастӣ тӯӣ,
Надонам чиӣ, ҳар чи ҳастӣ тӯӣ [4, с.160].

Дар ҳаҷми як мақола имкони таҳлилу баррасии пурраи ҳамаи паҳлӯҳои мавзӯи зикршударо надорем, вале ҳадаф он аст, ки ба хонанда мухтасар бузургӣ ва ворастагии андеша, афкор ва ҷаҳонбинии ин мутафаккирро нишон диҳем.

Сухан рӯи он аст, ки ҳадаф ва мақсади аслии Ҳамадонӣ дар тамоми осораш, чи фалсафӣ, чи динӣ, чи ирфонӣ ва чи ахлоқӣ тарбияти инсон аст. Инсони вораста, озод, соҳибмаърифат, дорои хулқу атвори ҳамида. Ба ақидаи ӯ инсони худшинос ва худогоҳ Худошинос аст, зеро дар роҳи таҳзибу тазкияи нафс ва маърифат ҷадал кардааст ва мекунад.

Агар ба ин нукта дурусттар равшанӣ андозем дар осори ирфонии Алии Ҳамадонӣ ҳамон ташаккули рӯҳӣ ва ҷисмонии инсонро дар мисоли сӯфӣ ё ки солики роҳи тариққат мебинем, ки ба роҳи таҳзибу тазкия, ранҷу машаққат, тақвову парҳезгорӣ, ибодату амал ахлоқи худро комил мегардонад. Ин мақом, мақоми покии дил, рӯҳ, ҷон, забон, андеша ва гуфтор аст, ки ба қавли шоир «ҳарами кибриё» аст:

На дасту пои амалро фаро тавонӣ баст,
На рангу бӯи ҷаҳонро раҳо тавонӣ кард.
Агар ба оби надомат бароварӣ ғусле,
Ҳама кудурати дилро сафо тавонӣ кард.
Зи манзили ҳавас ар як ду гом пеш ниҳӣ
Нузул дар ҳарами кибриё тавонӣ кард [3, с.53].

Мутафаккир дар осораш нисбати дараҷаи камолоти инсонӣ ибрози ақида намуда, инсони комилро мазҳари ҳуввияти зотия ва донандаи асрори илоҳӣ донистааст: «Инсони комил мазҳари ҳувияти зотия аст бо ҷамеи асмо ва сифот:

Эй он, ки ҳудусу қидамат ӯст, ҳама
Сармояи шодиву ғамат ӯст, ҳама
Ту дида надорӣ, ки ба худ дарнигарӣ
Варна зи сарат то қадамат ӯст ҳама» [3, с.53].

Шарҳи ин гуфтаҳоро мутафаккир дар «Рисолаи қуддусия», «Вуҷудия», «Ақлия», «Одоб-ул-машоих», «Даҳ қоидаи сӯфия», «Рисолаи зикрия» овардааст. Ба ақидаи Ҳамадонӣ олами ирфон, олами рифоҳ, ворастагӣ буда, ориф шахси ҳаматарафа ташаккулёфта мебошад, ки ба ин маънӣ мегӯяд:

Ҳар, ки масти олами ирфон бувад,
Бар ҳама халқи ҷаҳон султон бувад [11, с.8].

Мир Саид Алии Ҳамадонӣ таърифи ахлоқро дар асараш «Захират-ул-мулук» ба чунин мазмун овардааст: «**Эй азиз,** бидон, ки Ҳақ ҷалла ва аъло, одамиро аз ду ҳақиқат офаридааст: яке, сурати зоҳир ва дуввум, сирати ботин. Суратро халқ гуянд ва сиратро хулқ хонанд. Ва ҳар якро аз ин ду ҳақиқат ҳусне ва қубҳе ҳаст. Чунон ки ҳусни сурат комил набошад магар ба таносуби ҷамеи аъзо. Зоҳир аз чашм ва абрӯ ва рухсора ва лаб ва даҳон ва даст ва пой ва қомат. Ҳамчунин ҳусни сират, ки онро ҳусни хулқ хонанд, комил наёбад магар ба эътидоли сифоти ҳамида, чун илм ва ҳикмат ва тақво ва саховат ва шуҷоат ва ҳилм ва тавозуъ ва иноят ва иффат ва адл. Ин сифот аз ҳадди ифрот ва тафрит берун аст, зеро ки аз ин сифот ҳар кадом, ки ба ҳадди ифрот ё тафрит расад, қубҳ ва шайни ҷамоли сират гардад. Ҳамчунон ки тарафи ифроти саховатро исроф ва табзир хонанд, хамчунин тарафи тафритро имсок ва тақтир гӯянд. Ва ҳар ду тараф мазмум аст ва нуқсони ҳусни сират аст. Ва камоли ҳусни сират дар ҳадди эътидол аст миёни ифрот ва тафрит ва дар ҳама сифот ҳамчунин медон. Пас, ҳусни сират, ки онро ҳусни хулқ хонанд, иборат аст аз ҳайате дар нафс, ки ба воситаи он тақарруби шахс ба ҳадди эътидол осон гардад [1, с.74].

Он чи аз ин таъриф бармеояд он аст, ки мутафаккир камолоти ҷисмонӣ ва маънавии инсонро дар соҳиб шудан ва доштани сурату сирати накӯ, яъне касби ахлоқи ҳамида медонад. Баъдан, дар такя ба ҳадиси набавӣ: **«Ҳассину ахлоқакум»,** яъне: (Хулқҳои худро накӯ гардонед) фикри худро доир ба ин масъала тақвият додааст.

Алии Ҳамадонӣ касби ахлоқи ҳамидаро ба дараҷаи таъсири тарбият вобаста медонад ва мегӯяд: «Ва халқ дар қабули таъсири тарбият ва тағайюр бар се мартабаанд: мартабаи аввал, тифлӣ, ки ҳанӯз ҳақ аз ботил тамиз накарда бошад ва нек аз бад надониста ва оинаи дилро ба ғубори орои фосида ва зулумоти эътиқодоти ботила тарк нагашта ва нафси ӯ бар мутобаати шаҳавот мустамир нашуда, дили инчунин кас ба насиҳати носеҳ зуд мутаассир гардад ва иршоди муршид ба осонӣ дар ботини ӯ русух ёбад. Мартабаи дувум, он ки нек аз бад тамиз карда бошад, аммо ба сабаби ғалабаи шаҳавот бар кори хайр мулозимат наметавонад кард ва ранҷи тоат наметавонад кашид, вале ба тақсири худ муътариф аст. Амри ин кас ба як дараҷа мушкилтар аз аввал аст, зеро инро аввал халъи моддаи фасод аз ботин мебояд кард, он гоҳ сифате кард, ки ӯро бар ибодат ва салоҳ машғул гардонад. Мартабаи севум, шахсе, ки бар раъйи фосид ва эътиқоди ботил нашв ёфта бошад ва он ботилро ҳақ тасаввур карда ва он бадро нек дониста ва ба изҳори шурур мубоҳот намуда ва шарри ин кас мушкилтарини умур аст, ба мисли кӯҳ ба нохун кандан ва оҳани сард кӯфтан ба ақл наздиктар аст аз иршод ваислоҳи ин чунин кас»[1, с.76].

Дар ин таъриф бошад, мутафаккир бо назардошти камолоти зинавӣ ё тадриҷии ҷисмонӣ, масъалаи ташаккули сифатҳои ахлоқиро дар шакл гирифтани шахсият, ҷаҳонбинӣ ва рафтору амали инсон ба миён мегузорад. Ин ҷо шояд Ҳамадонӣ аз назарияи мутафаккирони пешгузашта, аз ҷумла Ибни Сино ва Муҳамад Ғазолӣ дар хусуси тарбияти зинавии шахс илҳом гирифтааст. Арзишмандии ин нуқтаи таълимоти ахлоқии Алии Ҳамадонӣ дар он аст, ки тарбияти ахлоқии инсонро аз даврони тифлии ӯ муҳимтарин омили бунёди шахсият меҳисобад. Замони тифлию кӯдакӣ, замоне, ки ҳанӯз ғубори фасодию шаҳавот дар дилу ҷон ва тафаккуру андешаи одам роҳ наёфтааст. Ин гуфтаҳои Алии Ҳамадонӣ дар тақвияти масали арабии «Алъилму фис сиғари кан-нақши ъало ҳаҷари» (Илм дар хурдӣ ба монанди нақши рӯи санг аст) баён гардидаанд. Он чиз мусаллам аст, ки бузургтарин нобиғаҳои илму маърифати мо, ки дар домони фарҳанг ва тамаддуни исломӣ парвариш ёфтаанд, маҳз дар аёми хурдсолӣ ҳофизони пурраи Қуръони карим гаштаанд, ки мисоли рушани ин гуфтаҳост. Мутафаккирони ғарбӣ аз ҷумла Фуко дар пайравии Хабермас ин ҷиҳати муҳимро дар ташаккули сохтмони шахсият «технологияи сохтмони худӣ» номидааст.

Нуқтаи дигаре, ки аз ин андешаҳои Ҳамадонӣ бармеояд, масъулияти саривақтии тарбияи ахлоқии фард ва афроди ҷомеа мебошад, ки он бояд ҳатман иҷро шавад ва заминаҳои ташаккули фарди солим ва ҷомеаи солимро фароҳам орад. Бо расидан ба балоғат маълум аст, ки ҳама самтҳои тарбият дар инсон мушкил мегардад ва гуфти Ҳамадонӣ оинаи дил ғуборолуд мегардад ва майлу ҳавасҳои шаҳвонӣ ва ҳайвонӣ зиёд мегарданд. Ва мутафаккир барои тақвияти андешаи худ ин масали арабиро меоварад: **«Мин ашаддит таъзиби таҳзибуз зиъби»** яъне: (Сахттарин азоб, ин адаб омӯзондани гург аст).

Чуноне ки маълум аст, дар таълимоти орифон, дил макони муҳаббати Ҳақ, таҷаллиёти нури Ҳақ, ки сарчашмаи макорими ахлоқ аст, шинохта шудааст. Мир Саид Алии Ҳамадонӣ низ ҳамчун орифи маъруфу мӯътабари замони хеш дар пайравии дигар бузургони аҳли тасаввуф ба ин масъала диққати зиёд дода, чунин гуфтаҳои арзишмандро дар тарбияти рӯҳӣ ва ахлоқии инсон меоварад.: «**Эй азиз,** назди аҳли таҳқиқ ҳусни хулқ сиҳҳати рӯҳ ва дил аст. Чунон ки ҳар узверо аз аъзои одамӣ сиҳатӣ ва маризӣ ҳаст ва аломати марази ҳар узве он аст, ки судури он феъл, ки махсус аст, бад-он узв аз ӯ мутааззир шавад, чун чашм аз дидан ва гӯш аз шунавидан ва забон аз гуфтан. Ҳамчунин хосият ва қуввати дил маърифат ва муҳаббати Ҳак аст. Ва нишони марази дил он аст, ки аз хосияти худ бозмонад ва аз қуввати худ мутанаффир гардад ва муҳаббати маҳбуботи расмӣ ва маълуфоти суварӣ бар вай муставлӣ шавад. Ва мисоли ин кас чун беморест, ки ба воситаи истилои мараз аз таом ва шароб мутанаффир шавад ва бар хӯрдани гилу хок, ки сабаби ҳалок аст, ҳарис гардад ва ҳар ки ин маънӣ муҳаққақ гардонад, бидонад, ки дилҳои бештари халқ бад-ин беморӣ гирифтор аст. **Илло мо шоаллоҳ» (**Магар он чиро ки Худо хостааст)[1, с.76].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчун як пешвои рӯҳонӣ ва бохабар аз шариату тариқати ислом, олимон ва шайхони замонро аз афроди масъул ва маъмури ҷомеа дар тарбияти ахлоқӣ ва маънавии бошандагони он медонад ва чунин андеша дорад, ки агар ин қишри мӯътабар низ ба бемории фасоди ахлоқӣ гирифтор шуда бошанд, ҷомеа ба табоҳӣ ва нестӣ мерасад. Чунин одамон ба гуфти ӯ дар кору зиндагӣ раҳгуми хешанд, чӣ гуна дигаронро метавонанд роҳнамоӣ менамоянд. Ӯ ашхоси рӯҳонӣ ва донишмандону фозилони исломро намоди хирад, фаросат, тақво ва ислоҳгару нозими ҷомеа меҳисобад: «Ва атиббои (табибон-Д.П.) амрози қулуб уламои дин ва машоихи аҳли яқинанд. Ва чун уламо ва машоихи ин рӯзгор аз ҳама бемортаранд, муолиҷаи дигаре чӣ гуна кунанд. Ва чун онҳо, ки раҳбарони динанд, худро гум кардаанд, дигареро чун ба роҳ оранд» [1, с.76].

Алии Ҳамадонӣ диалектикаи зидҳоро дар рафъи тазодҳои ахлоқӣ барои инсони андешаманд, ба шакли зайл баён медорад, ки ӯ дояи худ аст, ки хешро табобат мекунад ва марази бухлро ба базл ва ҳирсро ба қаноат ва кибрро ба тавозӯъ ва ғазабро ба ҳилм ва ҷахлро ба илм ва ҳасадро ба насиҳат ва риёро ба ихлос бартараф месозад. Мутафаккир дар шарҳу эзоҳи масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ дар асари маъруфи худ «Захират-ул-мулук» аз ахлоқи шоиста ва накӯи бузургони аҳли тасаввуф ба мисли тақво, қаноат, бурдборӣ, сабр, ҳилм, хоксорӣ, ризо, муҳаббат, хайрхоҳӣ ва ғайра мисолҳои фаровон оварда, хонандаро ба доштани чунин ахлоқи ҳасана ва ибратбахш даъват менамояд.

Дар қатори он ҳама нақлу ривоятҳо чунин қиссаи аҷиброн низ меоварад, ки дар хусуси сабру қаноат ва тақвою покдоманӣ барин сифатҳои ахлоқӣ аст: «Ва ривоят аст, ки чун Азизи Миср Зулайхоро ба сабаби изҳори муҳаббати Юсуф алайҳиссалом, талоқ дод, ҳар кӣ номи Юсуф бар забон рондӣ, Зулайхо ҳар чӣ ҳозир доштӣ, бад-ӯ додӣ, то чунон муҳтоҷ шуд, ки бар сари роҳ нишастӣ ва гадоӣ кардӣ ва чун Юсуф, аллйҳиссалом ба подшоҳӣ расид ва ӯро ақд кард, гуфт: Эй Юсуф, маро дар ин воқеа таҷрибаи азим афтод. Гуфт: Бигӯ. Гуфт: Таҳқиқ кардам, ки шумии ҳирс ва ҳаво подшоҳонро ба бандагӣ меандозад ва юмн (бахт, толеъ-Д.П.) ва иқболи сабр ва тақво бандагонро ба подшоҳӣ мерасонад. Ва тақво исме аст, ки ҷомеи сифоти ҳамидаро шомил аст. Ва муттақӣ касеро гӯянд, ки худро ба ҷомеи авомири шаръӣ маъмур гардонида бошад ва аз ҷомеи навоҳӣ иҷтиноб карда бошад ва ин чунин кас аз муқаррабони Ҳазрати Самадият аст, ки «Инна акрамакум индаллоҳи атқокум»(Ҳар оина гиромитарини шумо дар назди Худованд, парҳезгортарини шумост. Сураи Ҳуҷурот, ояти 13) [1, с.80] **.**

Ҷанбаи дигари таълимоти фалсафии Саид Алии Ҳамадонӣ сармашқи андеша ва назариёти худ қарор додани таълимоти ахлоқии Қуръон аст. Чуноне ки дар қисматҳои аввали мақола зикр кардем, ин масъала дар афкори ӯ мавқеи меҳварӣ дорад ва мутафаккир дар орои андеша ва гуфтори худ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ фаровон истифода кардааст. Ҳамадонӣ дар пайравии дигар мутафаккирони пешин ин сунати фалсафаи мусулмононро идома додаст ва нақши таълимоти ахлоқии Қуръонро дар мукаммалсозии ахлоқи инсонӣ аз дидгоҳи худ барҷаста ва олӣ қаламдод сохтааст.

Ин орифи забардаст бо эҷодиёти ҷолиби худ дар таърихи илму фарҳанг ва афкори фалсафиву ахлоқии форсизабонон саҳми арзандае гузоштааст. Дар паҳлӯи масъалаҳои маърифат, масъалаҳои ахлоқии Алии Ҳамадонӣ дар асарҳои ӯ аз қабили «Захират-ул-мулук», «Макорим-ул-ахлоқ», «Одоб-ул-машоих» баён шудааст. Мутафаккир ахлоқи инсонро умуман ба ду навъ тақсим намуда, бо номи ахлоқи замима ва ҳамида зикр кардааст. Ахлоқи замима яъне зишт дар навбати худ ба ҳафт навъ тақсим мешавад: бухл (бахилӣ), хашм (ҳирс) ҳақд (бадбинӣ), шаҳват, кибр, ҳасад. Ба қавли ӯ сабр, қаноат, хоксорӣ, ҳалимӣ бурдборӣ ва дигар сифатҳои ба инҳо монанд хоси ахлоқи ҳамидаи инсонӣ маҳсуб мегарданд. Ҳамин аст, ки Алии Ҳамадонӣ дар аксар осори хеш ба сӯҳбати некону доноён мушараф шуданро мояи камолоти инсон мешуморад:

Камол аз сӯҳбати мардон тавон ёфт.
Дурр аз дарёву лаъл аз кон тавон ёфт.
Дило, дар сӯҳбати аҳли сафо бош,
Чу сӯҳбат ёфтӣ, аҳли вафо бош [1,с.61].

Чуноне, ки зикр шуд таълимоти ахлоқии Алии Ҳамадонӣ дар такя ба оятҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ офарида шуда, дар он инсонро ба мукофоту муҷозоти амал дар рӯзи қиёмат таъкид кардааст. Ба ибораи дигар мутафаккир инсонро дар иктисоби ахлоқи ҳамида ва ахлоқи замима озоду соҳибихтиёр дониста, ӯро масъули рафтору аъмоли худ ҳисобидааст. Аммо рӯ овардан ба ахлоқи ҳасана ва фазилатҳои инсонӣ ва дурӣ аз разилатҳои ахлоқиро тавсия намудааст. Ба қавли мутафаккир «охир дар он рӯз агар таваққӯи афв ва ғуфрон дорӣ аз он ҳазрат, дар дунё ба бандагони ӯ ба адлу эҳсон муомила кун ва ин вақте муяссар аст, ки пирони раоёро чун фарзанд бошӣ ва ҷавононро чун бародар ва тифлонро чун падар ва мазлумонро носир ва золимонро қотеъ ва фохиронро фосеҳ ва тоибонро носеҳ ва мутеъонро муъин ва дар қавл содиқ ва дар аҳд восиқ ва дар неъмат шокир ва дар меҳнат собир ва дар амал мухлис ва дар рифъат мутавозеъ ва дар ҷамол порсо» [3, с.47].

Мутафаккир дар радифи ҳикмати назарии хеш доир ба ҳикмати амалӣ низ фикру ақидаҳои ҷолибу пурарзише эҷод намудааст, ки аз аҳамият холӣ набуда, дорои хусусияти тарбиявиву маънавӣ мебошанд.

Алии Ҳамадонӣ расидан ба саодати абадиро дар ақоиди ахлоқии худ ҳадафи асосии ҳаёти инсон ҳисобида, ноил шудан ба ин мақсади волоро тавассути худшиносӣ ва касби ахлоқи ҳамида имконпазир донистааст.

Ҳамадонӣ инсонро ҳамчун фарди табиӣ-илоҳӣ, ки аз тамоми махлуқоти олами офариниш бо ақлу хиради хеш фарқ мекунад ва дар иҷроиши кору амали худ то андозае озод аст ва лаҷоми ихтиёру интихоб ба ҳади муайяне дар дасти ӯст, нишон додааст. Ӯ хулқро ба шаклҳои воқеии худсобитсозии фард, ки аз фитрати инсонии вай, яъне майл ба лаззатҳои гуногун, манфиати шахс ва ғайра, ки онҳоро марбут ба нафси растанӣ ва ҳайвонии инсон медид, марбут медонист. Гарчанде, ки нафси нотиқаи вай улвӣ бошад ҳам, лекин хулқ ирсӣ ва азалӣ нест.

Ҳикмати андешаҳои ахлоқии Алии Ҳамадонӣ ин маҷмӯи ҳикоёту андарзҳои насиҳатӣ набуда, балки як таълимоти мукаммали арзишманд аст, ки на танҳо моҳияти хулқи инсон ва асли фитрати ӯро нишон додааст, балки роҳу тариқати омӯзиши ахлоқи ҳамида, такя бар фазилатҳои инсонӣ ва дури аз разилатҳоро талаққӣ намудааст. Ба ҳамин тариқ Ҳамадонӣ дар такя бар сарчашмаҳои асосии ислом ва ақидаҳои тасаввуфии Муҳаммад Ғазолӣ ба андозае таълимоти ахлоқии машшоия ва ба хусус таълимоти ахлоқии Арастуро тарафдорӣ ва тарғиб намуда, ба вай шаклу тароват динӣ, шавқу завқи сӯфиёна бахшида аз тариқи оинаи идеали ахлоқии ислом онро ба тарзи нав дарк намуда, ташреҳ дод. Ин ҳақиқат гувоҳии онро медиҳад, ки барои тағйири тамоюл ва самти ҳикмати назарӣ ва амалӣ танҳо

сабабгори иҷтимоӣ кифоя набуда, балки ногузирии маводи назариявии мувофиқ лозим аст, ки бисёр мутафаккирони Шарқ, минҷумла Ҳамадонӣ дар низоми ҳамагонии Арасту ва мактаби ӯ дарёфт намуданд.

Чуноне, ки аз таърихи фалсафаи машшоияи Шарқ бармеояд, назариётчиёни суннатии ислом ба ақоиди Арасту мубориза мебурданд ва ӯро мушрик ва пайравонашро кофир эълон намуда буданд. Арастуро пушти сар кардан ғайри имкон буд. Бо дарки ин ҳақиқат Ғазолӣ бисёр ақидаҳои Арастуро бо таровати динӣ дохил намуд ва ба онҳо оҳанги тасаввуфӣ ва ирфонӣ ато бахшид, илоҳиётшиносиро ба он андозае, ки ба арқоми оқилонаи илмӣ зарурат дошт, тамоюл бахшид. Ҳамадонӣ ин роҳи пешгирифтаи устоди маънавии худро идома дода, ҳамоҳангии се тамоюли фалсафаи Шарқро ба андозае бошад ҳам таъмин намуд.

Ҳамадонӣ ба тақлид ба Муҳаммади Ғазолӣ аз таҳлили саодати абадӣ ва роҳу тариқатҳои расидан ба онро тавассути худшиносӣ шурӯъ менамояд. Ба саволи ин, ки оё вобастагии байни ахлоқи накӯ ва саодати абадӣ вуҷуд дорад, Ҳамадонӣ низ ҷавоби мусбат медиҳад, вале дарки он масъала, ки ин ба тавҳиди илоҳӣ шак наёрад ва инсонро аз Худо ҷудо насозад, илова менамояд, ки ин вобастагӣ берун аз ақли инсон буда, марбут ба имон мебошад. Бинобар ин, имонро бояд мустаҳакам намуд.

Саодат ва шарҳи он аз нигоҳи Ҳамадонӣ мисли Арасту аст, ки саодати абадиро ҳадафи олитарини ҳар фард медонад. Ба хотири ҳар ҳадафу мароме фаъолияте анҷом меёбад ва он мақсаде, ки ба хотири он фаъолият анҷом меёбад, саодат аст. Аз ин лиҳоз ҳадафи тамоми ҳадафҳо ё нуктаи ниҳоӣ дар занҷири ҳадафҳо ин саодати абадист. Барои Арасту саъю кӯшиш баҳри ба саодат расидан аз фитрату ҳадафи офариниши вай бар меояд, аммо барои Ҳамадонӣ ин вобаста ба шарҳи илоҳиётии олам аст. Яъне шабоҳат ва ягонагии мақосиди инсон ба саодат ин худ зуҳури саодат, умуман ҳастии некӣ мебошад.

Ба ҳамин тариқ, Ҳамадонӣ бо дарки он, ки ахлоқ ва дин дар алоҳидагӣ соҳаҳои мухталифе ба вуҷуд меоранд ва ахлоқу фазилатҳои инсонӣ, бидуни ширкати дин ва ҳамоҳангӣ саодати абадиро тазмин карда наметавонанд, ахлоқи диниро такмил дод ва ҳангоми ягонагии онҳо давоми якеро дар дигаре дид. Бисёр мутафаккирон бар ин ақидаанд, ки дар ҳолати баланд бардоштани нақши дин имконоти ахлоқ маҳдуд хоҳад шуд ва баръакс. Аммо Ҳамадонӣ таъкид намудааст, ки дар дин ва имон ҳалли он масъалаҳоеро ёфтан мумкин аст, ки ахлоқ аз ӯҳдаи он намебарояд.

Умуман, ҳидоят ба накӯкорӣ, адолату инсоф, пайравии ақоиди ҳамидаи инсонӣ, дӯстиву рафоқат, инсонгароиву меҳрубонӣ ва оростани нафс ба ахлоқи хубу ҳамида ва дурӣ аз разилатҳои ахлоқӣ, шарру бадӣ, ҳавову ҳавасҳо ва амсоли инҳо асоси таълимоти ахлоқии Мир Сайид Алии Ҳамадониро ташкил медиҳанд.

Алии Ҳамадонӣ дар асараш «Рисолаи қуддусия», ки ҳаҷман асари хурд, вале аз ҷиҳати маъно хеле бою ғанӣ мебошад, заруртарин масъалаҳои ахлоқиро дар пояи дини мубини ислом ва зери таъсири мактабу фирқаҳои мухталифи фалсафии Шарқи исломӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Мутафаккир дар ин асари хеш ду роҳи пок шудан аз гуноҳ ва ба саъодати ухравӣ расиданро таъкид кардааст. Ин масъаларо дар ду бахш пешниҳод месозад:

а) ибодати баданӣ чун намозу рӯза, тиловати Қуръон, амри маъруф, наҳйи мункар, ки ҳуқуқи Аллоҳ аст.

б) тоъати молӣ чун закоту садақа, имрати пулу работ, дастгирии заъифону дармондагон ва навозиши бенавоён, ки ба халқ тааллуқ дорад. Мутафаккир дар ҳарду мавриди покиву ростӣ ва саодату адолатро шарти асосии ноил шудан ба мақсад қаламдод намудааст.

Аз баррасии мухтасари мавзӯи мазкур ба чунин хулоса метавон омад, ки Алии Ҳамадонӣ бо мероси пурғановати худ, дар таърихи фарҳанг, илму адаб ва афкори фалсафиву ахлоқии тамаддуни исломӣ ва фарҳанги башарӣ саҳми босазое гузоштааст. Осори гаронарзиши мутафаккир дастури муҳим баҳри танзим ва таҳкими хулқу атвор, рафтору кирдор ва фазилатҳои инсону ҷомеа мебошанд. Ақидаҳои Алии Ҳамадонӣ нисбати масоили гуногуни ахлоқӣ дар ҳама давраҳои инкишофи ҷамъиятӣ арзиши волои худро нигоҳ доштаанд ва ҳамчун чароғи рушангари зулумот баҳри пешрафти ҷомеаи инсонӣ хизмат намудаанд. Андешаҳои ахлоқии мутафаккирро имрӯз ҳам метавон куллан бо тафаккури муосир алоқаманд

намуда, онҳоро ҷиҳати бартараф сохтани ҳама гуна нуқсонҳои ахлоқии ҷомеа мавриди истифода қарор дод.


**АДАБИЁТ**

1. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захзират-ул-мулук. Душанбе 2008
2. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шоҳи Ҳамадон. Осори Мунтахаб. Ҷ.1 Душанбе «Ирфон» 1994
3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шоҳи Ҳамадон. Осори Мунтахаб. Ҷ.2 Душанбе «Ирфон» 1995
4. Азкоӣ Парвиз. Мураввиҷи ислом дар Эрони сағир, аҳвол ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Чопи якум. Чопхонаи Донишгоҳи Буали Сино, Ҳамадон. 1370.
5. Ахбори Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқшиносӣ. 1994 №1
6. Армуғон. Мунтахаби мақолот ва рисолаҳои чопшуда дар нашриёти фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон. 1995 №4
7. Дарё. Маҷаллаи бадеию публисистӣ. Душанбе 1994 № 2
8. Маҷаллаи Фарҳанг. Душанбе 1995 № 4-6
9. Абдураҳмон Маҳмадов. «Ҳар, ки моро ёд кард…» (Маҷмӯъаи мақолаҳо) Душанбе 2005.
10. Муҳаммад Риёз. Аҳволу осор ва ашъори Мирсйид Алии Ҳамадонӣ. Душпнбе «Ирфон» 1995.
11. Каримҷон Қодиров. Ирфони Мир Сайи Алии Ҳамадонӣ,-Душанбе «Матбуот» 2006.



**ЭТИЧЕСКИЕ ВОЗЗРЕНИЯ МИР САИДА АЛИ ХАМАДАНИ**

В данной статье вкратце изучаются различные стороны этических учений великого таджикско-персидского мыслителя Мир Саида Али Хамадони. Воззрения Мир Саида Али Хамадони относительно значения и теоретической ценности этики относятся к духовным ценностям человека и общества, их благополучия, поведения и развития индивидуального и общественного самосознания.



**Ключевые слова:** нрав,поведение, добродетель-добродетельный, справедливость, самосознание, совесть, мудрость, выносливость, самообладание, удовлетворение, скромность, простота, добродетельность, подлость, низость, мерзость, этика.



**ETHIC THOUGHTS OF MIR SAYYID ALI YI HAMADANI**

At present paper author stydied different sides of ethic thoughts of tajik-forsi philosopher Mir Said Hamadoni. His thoughts about meaning and theoretical worthness of ethics belong to moral worthness of human and society, behaviour and development of individual and social self- knowledge**.**



**Key words:**Morals, nature, means, genteel, noble, fairness, justice, conscience, wisdom, aphorism, patience, hardiness, satisfaction, modesty, merit, baseness, vile, ethics.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***П.Н. Давлатов*** – соискатель Таджикского национального университета


# ФЕНОМЕН СМЕРТИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ФИЛОСОФОВ И ФИЛОСОФСКИХ ШКОЛ


***Банодухт Наджафияннур, А.С.Саидов***

**Институт философии, политологии и права им. А. Богоутдинова АН РТ,**
**Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали Ибн Сино**


Все явления Вселенной являются объектом философской дискуссии, следовательно, философия является наукой, обсуждающей и рассматривающей общие законы, господствующие над природой, человеком и обществом. Продолжительность жизни философии соразмерна человеческой жизни на Земле. На протяжении всей истории она подвергалась множественным изменениям, каждый раз отличаясь от других периодов.

Философия является особой формой общественного сознания, выражающей общие законы реального мира, человеческого сознания, взаимосвязь между бытием и мышлением.

Ощущение дискомфорта от смерти является одной из основных причин возникновения философского скептицизма. Философы – скептики представляют жизнь и бытие бесцельными и бесполезными, лишенной всякой мудрости. Подобное представление приводило их к недоумеными и удивлению, а порой заставляло и продолжает заставлять их думать о суициде. Они размышляли - если концом жизни является уход и смерть, то не следовало прийти в этот мир, и теперь если мы пришли в

этот мир против нашей воли, то, по крайней мере, мы можем не позволять, чтобы подобная бесполезность продолжалась, и завершение такой бесполезности является само по себе мудрым поступком.

Одной из основных и неопровержимых реальностей для каждого мыслящего существа считается смерть. Смерть возникает вместе с рождением человека; эти близнецы – жизнь и смерть – постоянно сопровождают человека в его земной жизни. Человек по причине реальности жизни ощущает ее, но из-за непонимания предает ее забвению[1].

Следует отметить, что феномен смерти в качестве необходимой и неопровержимой реальности являлся темой многочисленных изысканий и штудий различных философских школ. Каждая из этих школ, основываясь на осознание и понимание человеческой истины, которыми они обладали, выдвигали свои суждения по различным категориям. Материалистическое мышление считает бытие человека ограниченным в теле, признает смерть исчезновением и концом жизни. Следовательно, в этой школе страх от смерти является равным страху от исчезновения и погибели.

В соответствии с божественным мышлением реальность человека является его трансцендентной и духовной истиной кроме его тела, и тело для него служит в качестве инструмента; смерть считается разрывом связи души с телом. Поэтому испытание страха от наступления смерти является невежеством по отношению к этой истине.

Ибн Сино и Мулла Садро на основе своего философского мышления подтверждают вторую теорию. Хотя каждый из них в соответствии со своими философскими принципами выдвигают многочисленные факторы относительно этого страха, тем не менее, в конце концов, они считают основной причиной этого страха невежество людей по отношению к реальности смерти и событий, последующих за ней.

Несмотря на то, что большое число философов в истории философии Востока – Ирана, Индии, а также западных стран, в истории западной философии, особенно в Греции и Европе, после Ренессанса обратили внимание на проблему смерти, тем не менее, при тщательном обзоре истории философии выясняется, что никто из них не выдвинул точное и систематическое определение смерти.

Без осознания и понимания феномена смерти мы никогда не сможем полностью понять все аспекты нашей жизни.

Шопенгауэр является первым философом, который в значительной степени занялся этим вопросом и говорил «Смерть является молитвой философа, но эта молитвой не произносится очевидно и вслух языком».

В исламе, который по отношению к этой проблеме руководствуется священной книгой Священного Корана, смерть считается мостом в вечный мир, где человек после воскресения, если был праведным, будет вознагражден, а если нечестивым, то ему воздавалось соответствующее наказание.

В Священном Коране говорится: «Скажи: «Ангел смерти, которому вы поручены, умертвит вас, а затем вы будете возвращены к своему Господу»[2]. Смерть здесь не является ужасным феноменом, а проявляется в образе ангела и милости для праведных и ангела зла для грешных людей.

В действительности, ислам, бесспорно, отображает значение смерти и природу души, деликатно ссылаясь на вопрос выживания души. Испанский философ – представитель экзистенционализма 20-го в. - Мигель Даванамонд говорит, что я как маленький ребенок или юноша не боюсь ада, но мне страшно, что « … у меня нет никаких опасений стать жертвой». Святой Августин пишет, что « …смерть для человека является наказанием за грех, который он совершил в первый день, и страх от смерти не может быть преодолен иначе как по благодати Божией[3].

**Платоновская точка зрения о смерти.** Согласно Сократу, чистота духа проявляется в непотребности и в разрыве от принадлежности и связи от тела. Соответственно, он считает, что смерть есть не что иное, как отделение души от тела[4].

По мнению Платона, смерть не означает исчезновение и разрушение, она является лишь разделением души от тела и прекращением связи человека с миром образа и тени, фактически – переход от одной стадии жизни на другой.

Ввиду того, что Платон также считает истину смерти разделением души от тела и убежден в том, что смерть происходит в то время, когда тело лишается своей координации, упрекая самоубийство, говорит: нельзя насильно изгонять душу из тела, так как если душа уйдет подобным образом, то она должна что-либо брать с собой, чтобы она

смогла выйти из тела наружу. Следовательно, она сопровождается чем-либо физическим и чужим…душа должна ждать, пока тело полностью отделится от нее. В этом случае она не вынуждена пойти в какое-то другое место, но когда она отделится от тела, она сама по себе отделится от тела.

Возникает вопрос – как же тело отделяется от души? Это происходит таким образом, что тело теряет свою координацию, требуемую душой, и не может держать при себе душу, ни одна часть не останется связанной с телом[5].

**Смерть с точки зрения Мулла Садро.** Истина смерти с точки зрения Мулла Садро не является ничем иным, как переход от экстатического материального состояния в эзотерическое состояние малакута (царства).

По словам Садра, спертомазоид в своем сущностном движении постоянно находится в состоянии превращения с тем, чтобы в конечном итоге преобразоваться в человеческую душу.

Что касается души, то она своим сущностным развитием достигает различные положения и степени абстракции. Хотя она в своем существовании является природной сущностью, но из-за непрерывного сущностного движения ее абстракция все больше увеличивается, а ее природная суть уменьшается, что в конечном итоге выводит себя из природы. Другими словами, она является единой сущностью, и посредством своего сущностного движения она постепенно двигается в сторону совершенства и устремляется к постепенному освобождению от природы.

Ее связь с природой, продолжавшаяся в течение жизни, разрывается, ее тленная сущность исчезает и становится полностью чуждой для земной жизни[6].

**Теория смерти и счастливой жизни.** Согласно выдвинутой теории Леонардо да Винчи, подобно тому, как день пройдет радостным и вызывает приятный сон, хорошая жизнь также заканчивается хорошей смертью.

Он отмечает, что источником мучительного умственного беспокойства от смерти являются человеческие страдания, и, следовательно, решение проблемы заключается в просвещении людей, чтобы они жили хорошо и счастливо. Счастливый человек не беспокоится от наступления смерти серьезным образом, он не думает и не размышляет о ней[7].

**Смерть с точки зрения буддизма.** Жизнь, которую мы испытываем, является постоянным потоком двойственных опытов (горе и радость, удовольствие и боль, смерть и жизнь и т.д.). Таким существованием мы завершаем свое путешествие с недвойственными опытами.

Будда считал, что после смерти существует жизнь, следовательно, человек возрождается после смерти. Ситуация, которая скрыта в космической памяти, является шире, чем временная память. Поэтому, тот, который живет достойной жизнью, не беспокоится о том, что произойдет после смерти[8].

**Материалистический взгляд на жизнь.** Материалисты, поясняя широко распространенную причину философии жизни, аргументируют - все, что существует, связано с энергией и материей, даже разум человека связан с ними. Они обладают фанатическими идеями по всем наукам, в целом, они аргументируют свою позицию тем, что между наукой и религией не существует никакой связи.

Для ответа на этот вопрос жизнь нуждается в духовное развитие. Результат таких усилий построен прежде всего на построенном предположении и может в различных местах владеть рациональной философией. Ввиду того, что абсолютная часть изменений могут быть основаны на те же места, поэтому этот вопрос до сих пор остается быть открытым.

Всякое живое существо может быть связано с душой, в большинстве случаях она существует, в качестве ученика, обучающегося и развивающегося. Возможно, что тот смысл, которого мы подразумеваем в этом случае, ограничивается лишь некоторыми животными в соответствии с их геном и средой. Существует большая, очевидная и уникальная для индивида разница между душой человека с самосознанием или самопониманием и осознанием души.

На первый взгляд, кажется, что душа является первичным существованием для подготовки души. Наше тело можно сравнить с большим самолетом, в котором бортовой компьютер является нашим мозгом, а летчик нашей душой. Этот самолет может летать с использованием автопилота, т.е. без необходимости к реальному пилоту, который может

контролировать все. Наше тело и наш мозг эволюционируют и действуют уже тысячи лет, но под полным контролем души. Одним словом, не дается ответ на тот вопрос – что представляет собой жизнь[9].

Смерть является открывающей дверью на новое совершенное существование, триумфальной аркой, через которую вечная душа переселяется из мира бытия на более высокое и величественное место. Является объективностью без боли и напряжения при смерти, которая вытекает не из-за болезни и случайности. Такое переселение представляет собой освобождение, в котором существует легкий сон или бессонница[10].

В предисловии книги М.В. Камса «Философия жизни и смерти» приводится, что человек живет в мире страха, тревоги, стресса и т.д. Но все это создается самим человеком, в реальности они не происходят сами по себе, так что все бедствия происходят посредством человека. По отношению к смерти автор книги пишет, что смерть является самым естественным явлением для сознательного человека, который понимает, что смерть неизбежна. Она может наступать из-за сердечного приступа, случайности, авиа - или железнодорожной катастрофы, она может случиться после прохождения дней, недель; преодоления страданий, боли или возможно после рождения, в детском, подростковом, взрослом или среднем возрасте, но она должна наступить. Как физическая реальность, смерть легко понять, она представляет собой выход жизненной силы из тела.

Продолжая свое суждение, автор исследования по философии жизни и смерти, задается такими вопросами, как: В чем заключается связь между человеком и творцом? Действительно ли концом человеческой жизни, как мы знаем, считается смерть? Если нет, то существует ли жизнь после смерти? Если существует, то, что она собой представляет? В дополнение к тому, какое определение существует относительно смерти? Если есть, является ли оно тем же определением, которое мы имеем в виду относительно души?[11].

В книге «»Философия жизни» Вилли Блеквиля рассматривается вопрос – Если существует возможность смерти, то, как нам следует жить? Мы знаем, что мы смертны, но человек не стремится к смерти. Далее он добавляет, что мы живем в течение определенного отрезка времени; дни, месяцы, годы являются нашей собственностью, в течение которых мы живем, и смерть может наступить в любое время[12].

Философия прокладывает дорогу жизни и диктует проживать с любовью в рамке разум. Автор книги подчеркивает, что человечество уверено в том, чтобы философия была пересмотрена и возрождена, говорит: Мы считаем, что должна быть пересмотрена и выйти за пределы ограничений. В другом месте говорит, что реабилитационные упражнения являются философской основой. Свобода для всех и для каждого человека должна обладать такими характеристиками как мощь, условия, пол, общность. Смерть является декларацией прав человека для каждого человека, что повторяется. Ввиду того, что каждый человек обладает признанными в мире правами, этот принцип часто подвергается критике, либералы отрицают этот путь, не считают этот мир универсальным и современным[13].

Если, в действительности, каждый человек обладает общепризнанными мировыми правами, то почему люди совершают самоубийства? В чем заключается их философский взгляд на это деяние?

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Парвиз Тадждари. Останки души с телом. - Тегеран: Ата, 1373 г. – С. 122.
2. Коран. Сура Саджда 1(1).
3. Фаршад Мухсин. Неопознанный аспект. – Тегеран: Икбал, 1361. 1 –ое изд., 1361. – С. 224.
4. Платон. Полное сочинение Платона. Пер. Мухаммада Хасана Лутфи и Реза Кавеяни. – Тегеран: Хорезми, 1367 г.
5. Платон. Полное сочинение Платона. Пер. Мухаммада Хасана Лутфи и Реза Кавеяни. – Тегеран: Хорезми, 1367 г.
6. Садруддин Ширази Мухаммад. Аль-хикма аль-муаталия филаклия аль-аклия аль-арба. – Бейрут: Возрождение арабского наследия, 1410 г.
7. Olson, Robert.G, Death, The Encyclopedia Of Philosophy, Paul Edwards, U.S.A, Macmillan, vol2, 1967
8. Buddha's Philosophy of Life – Article #2 posted on February 15 th,2011: by Professor Sunil J. Wimala wansa Professor of Medicine, Endocrinology, Physiology & Integrative Biology, USA
9. A Rational Philosophy of Life: A Possible Way, Toward a Believable Belief By Hermann Raith 2005
10. The Philosophy of Death by Andrew J. Davis ealth Research Books, 1993г. – С. 43.

11. Kamath M.V. Philosophy of life and death:Eight Jaico Impression :2006 - С. 1.
12. The questions of life: an invitation to philosophy: Wiley-Blackwell, 2002 г. – С. 7-9.
13. Philosophy As Life Path: by Romano Màdera and Vero Luigi Tarca (Jan 19, 2008) . Ipoc Press, 2008 –г. – С. 37-43.

**ФЕНОМЕН СМЕРТИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ФИЛОСОФОВ И ФИЛОСОФСКИХ ШКОЛ**

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и исследованию феномен смерти с точки зрения философов и философских школ.
**Ключевые слова:** смерть, философия, философские школы, душа и тело

THE PHENOMENON OF DEATH FROM THE PERSPECTIVE OF PHILOSOPHY AND PHILOSOPHICAL SCHOOLS

The author in her article reviews the phenomenon of the death from the perspective of philosophy and philosophical schools
Key words**:** death, philosophy, philosophical schools, body and soul.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Банодухт Наджафиянпур –*** соискатель Института философии, политологии и права им. А. Богоутдинова АН РТ, член научно-преподавательского состава Университета Карадж ИРИ
***А.С.Саидов*** - доктор философских наук, профессор, заведующий кафедрой общественных дисциплин ТГМУ им.Абуали Ибн .Сино

## ДАРОМАД ВА ҲАЗИНАИ УМУМӢ ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

***Ҳамида Жиёнбоқирӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии АИ ҶТ**

Ҷаҳони иҷтимоии «Шоҳнома» такрори ривоятҳоест, ки дар он барои пирӯзӣ ва барқарории некӣ дар ҳамаи абъоди зиндагӣ, аз ҷумла, иқтисод талош мешавад, албатта, худкомӣ низ вуҷуд дорад. Ҳар гоҳ ғалаба ёбад, муҷиби бадбахтӣ ва парешонии ҷомеа ва зиндагии мардумон мешавад. Дар маҷмӯъ, ниҳоди иқтисод дар «Шоҳнома» шомили равиши мудирияти мутамарказ ва ҳимоятии подшоҳу нақши иҷрои густурда ва ғайри мутамаркази мутаносиби шароити бумии мардумӣ дар табақоти иҷтимоии мутамарказ мебошад, бо равиш ва назари подшоҳ иртиботи наздик дорад:

В-агар зердастӣ шавад моядор,
Ҳамон шаҳриёраш бувад соядор.

Фалсафаи иҷтимоӣ як ҳофизаи ҷамъест, ки гузаштаи миллатеро ба ҳозираи ӯ пайванд медиҳад. Барои порсигӯён, шеър муҷиби пирӯзӣ бар гусехтагӣ ва ошуфтагиҳои бавуҷудомада дар гузари замон шудааст. Арзиши кори Фирддавсӣ дар ҷустуҷӯи достон, шаклгирии ҷомеаи эронӣ ва кӯшиши хирадмандона дар ҳамаи арсаҳои зиндагӣ барои пойдории миллатест, ки мехоҳад ҳастии куҳани худро баояндагонаш бирасонад.

Шеър ва осори адабӣ дар забони порсӣ дар пайванди имрӯзи мо бо гузаштаи иҷтимоӣ, дастмояе фароҳам карда, бори дигар ба дидгоҳҳои бумӣ аз афкори иҷтимоӣ, шомили ниҳодҳо ва сохторҳо, одоб ва русум, боварҳо ва арзишҳо бирасем. Инчунин ба унвони намуна, мавриди мутолиаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ гузида шуда, ки ба лиҳози вижагиҳои муаллиф, муҳтаво ва гироиши мухотиб аз аҳамияти бунёдӣ бархурдор буда, шоистаи чунин кундуковист.

Чунон ки маълум аст, андарзҳои ҳакимонаи Фирдавсӣ аҳамияти худро дар замони мо гум накардааст ва муаррифии абъоди гуногуни афкори иҷтимоӣ ва иқтисодии «Шоҳнома» барои шинохт ва таҳлили улгӯи бумӣ ва модели порсӣ аз фалсафаву афкори иқтисодӣ мубрамият дорад.

Аҳамияти дигари мавзӯъ дар он аст, ки «Шоҳнома» ҳарчанд бозгӯкунандаи рӯҳ ва гузаштаи мардумони эронинажод аст, вале ба далели моҳияти инсонӣ ва баёни арзишҳои қавии ҷаҳонӣ, улгӯи низоммандӣ барои мутафаккирони иқтисодӣ ироа медиҳад. Ҳамин нигариши амиқи инсонӣ, онро мадори мутолиа ва гуфтугӯи аҳли дониш дар ҳама тамаддунҳо ва замонҳо қарор додааст.

Андарзҳои ҳакимонаи Фирдавсӣ холиқ ва ҳофизи ҳуввияти мост. «Шоҳнома» номаи гузаштаи мост, пас сарнавишти мо низ ҳаст. «Шоҳнома» ҳарчанд ба гузашта такя карда, аз ҷаҳонбинӣ ва ормонҳои ҷамъии ҷомеаи эронитабор дар оянда сухан мегӯяд. Аз дидгоҳи Фирдавсӣ, достонҳои «Шоҳнома» ба унвони воқеии таърихӣ талаққӣ шуда, бинобар ин, сароиши он ниҳояти имондориро **мабзул** дошта, моро бо равишҳо ва дидгоҳҳои ниёгонамон ошно кардааст.

Дар бораи «Шоҳнома» пажӯҳишҳои зиёде анҷом дода шуда, вале таҳқиқоти мураттаб бо иқтисод аз ҳаҷм ва теъдоди каме бархурдор мебошад. Дар заминаи ниҳоди иқтисод Б. Паёманӣ дар ду мақола ба таҳаввулоти иқтисодӣ ва мизони рушди саноеъ ва ҷойгоҳи пешаҳо дар «Шоҳнома» пардохтааст. Т. Моламир, Одил М. ва Т. Ҳашматулло низ дар осори мустақили «Маротиб ва табақоти иҷтимоӣ дар «Шоҳнома»-ро баррасӣ мекунанд. Ормонҳои «Шоҳнома» дар заминаи иқтисод дар тӯли адвори иҷтимоӣ, мутаваллӣ ба сурати улгӯбандиҳои ривоятшуда, ки аз тариқи он равияҳои иқтисодӣ, монанди даромад ва рифоҳи иҷтимоӣ, тавзеи сарват ва дороиву молиётҳо мутолиа мешаванд. Шинохти шоистае, ки Фирдавсӣ аз таҳаввулоти иқтисодӣ дар тӯли замон ироа кардааст, метавонад дар бархе мавоқеъ, роҳкушои рухдодҳои шабеҳ бо фосилаи замонӣ, макони ва ҳатто имрӯза бошад.

Дар ин навиштор ба ин пурсишҳо посух дода хоҳад шуд: даромадҳои умумӣ бо чӣ номе дар «Шоҳнома» муаррифӣ шуда, бар чӣ асосе ва бар чӣ мизоне дарёфт шуда, дар чӣ маҳале ва мавқеиятҳое ҳазина мешавад.

*Молиёт ва даромадҳои умумӣ:* Молиёт на танҳо дар низоми иқтисодии имрӯз маъмул аст ва ҷойгоҳи муҳиме дорад, балки дарёфти навъе аз молиёти дохиливу хориҷӣ дар ҳукуматдорӣ дар ҷаҳони «Шоҳнома» низ аҳамият дорад. Дар «Шоҳнома» ҳам ба гирифтани молиёт бо номи боҷу сов (андоз) ва хироҷ ишора шуда, маҳали истифодаи он дар ҳукумат баён шудааст. Боҷу сов ду калимаи мутародифе ҳастанд, ки борҳо дар «Шоҳнома» аз он истифода шудааст. Молиёт (боҷгирӣ) аз дигар кишварҳо бар асоси тавони пирӯзӣ бар онҳо ва дар баробари ҳифзи ҳукумат ва истиқлоли ҳукуматҳо дарёфт шуда, дар дохили сарзаминҳои худӣ бар асоси мизони даромади корҳо ва дар баробари таъмини амнияти ҷомеа дарёфт шудааст. Мизони боҷ дарёфте дар давраҳои гуногун бар асоси назари шоҳ мутафовут будааст.

Барои дарёфти боҷ аз кишварҳои дигар ҷанг дармегирифт ва ҳатто дудмони (сулола) Каёнӣ дар чунин ҷангҳое нобуд шуд, вале дар ҷамъоварии боҷ аз дохили кишвар, на танҳо ҷанг намешуд, балки рӯйкарди шоҳӣ бар пояи меҳрубонӣ ва санҷиши ҳолу дороии мардумон буда, ҷанбаи ҳимоятӣ низ доштааст. Дар мавоқеъ ва ҷое, ки малах, гармоии сӯзон ва ё тӯфони бод ба киштзорҳо зиён бирасонад ва ё хушксолӣ пеш биёяд, на танҳо боҷ мавриди бахшиш қарор мегирифт, балки ҳимоят низ аз зиёндидагон анҷом мешудааст:

Ба ҳар чор моҳе яке бахр аз ин,
Бихоҳед бо доду бо офарин…
Махоҳед боҷ андар он буму раст,
Ки абри баҳорон ба борон нишаст.
Зи тухми парокандаву музди ранҷ,
Бибахшед корандагонро аз ганҷ.

Нахустин боҷи хориҷӣ дар «Шоҳнома» дар замони шоҳии Манучеҳр муаррифӣ шуда, ки Сом ниёи Рустам аз Меҳроби Кобулӣ мегирифтааст:

Ҳаме дод ҳар сол бо Сом сов,
Ки бо ӯ ба размаш набуд ҳеҷ тов.

Дар дувумин баён, боҷи кишварҳои мухталиф барои подшоҳро бидуни гуфтани номи кишварҳо баён мекунад:

Биёмад зи ҳар кишваре боҷу сов,
Зи бимгӯ номдор тез тов.

Даврони шоҳии Ковус боҷгирӣ бештар баён шудааст ва шомили сарзаминҳое бо номи Макрон, Барбар ва Ҳомоварон мешавад. Бино ба гузориши Пирон ба Афросиёб, Сиёвуш дар ҳамин замон аз Ҳинд боҷ мегирифтааст. Дар замони Кайхусрав, Рустам дар бораи Ҳинд хабар медиҳад, ки ин сарзамин аз замони Манучеҳр аз туркон холӣ шуда, то даврони Ковус боҷгузори Эрон буда, ки дар он замон боҷгузори Тӯрон шуда буд:

Ҳама божу соваш Тӯрон баранд,

Сӯи шаҳри Эрон ҳаме нангаранд.

Ин матлаб ба қадре аҳамият дорад, ки Рустам аз Кайхусрав мехоҳад бо сипоҳии гарон ба он сарзамин ҳамла карда, боҷ гирад ва аз ин тариқ, ба тӯрониён шикасте ворид кунад ва барои ба даст оварданаш аз таҳдид ба набард, истифода мекунад, ки агар боҷ надиҳад, ганҷ ва шоҳии худро аз даст хоҳад дод:

Агар бож надиҳад кишвар диҳад,
Ганҷу ҳам тахту афсар диҳад.

Дар замони подшоҳии Лӯҳросп, намунаи нодире аз боҷхоҳии рӯмиён аз Эрон бармехӯрем, ки ба пуштгармӣ ҳузури Гуштосп дар Рум аст. Қайсари Рум ба Гуштосп мегӯяд, ки ба Эрон фиристодаи шоистае мефиристад ва ба Лӯҳросп хоҳад гуфт, ки дороии зиёде дорӣ, пас агар ба Рум боҷ диҳӣ, дороиву обрӯи худро ҳифз хоҳӣ кард. Лӯҳросп дар посух тааҷҷуб карда, мегӯяд, ки чунин чизе дар Рум собиқа надошт ва акнун боҷхоҳ ба ин кишвар ва дигар ҷоҳо мефиристад:

Набуд ин ҳунарҳо ба Рум андарун,
Будӣ Қайсар аз пеши шоҳон забун.
Кунун ӯ ба ҳар кишваре божхоҳ,
Фиристоду бар мо бинҳод гоҳ.

Дар ҳамин замон, Қайсар паёми боҷхоҳиро барои меҳтари Хазар низ мефиристад, ки ӯ низ аз хости румиён тааҷҷуб мекунад. Саранҷом, бозгашти Гуштосп ба кишвараш, Эрон, моҷарои боҷхоҳии румиён ба поён мерасад. Боҷгирии тӯрониён аз эрониён ҳам ба сурати нодир ва дар замони Гуштосп рух медиҳад. Вақте, Зардушт дини худро муаррифӣ мекунад, аз Гуштосп мехоҳад, ки расми боҷдиҳӣ ба тӯрониёнро барандозад. Ин моҷаро низ бо набардҳои Исфандиёр поён ёфта, ҳама кишварҳои муаррифишуда дар он замон боҷдеҳи Эрон мешаванд. Албатта, кишварҳое монанди Рум, Ҳинд, ки даъват ба дини биҳиро қабул мекунанд, мизони камтаре боҷ мепардозанд:

Ҳама нома карданд зи Шаҳриёр,
Ки мо дин гирифтем аз Исфандиёр
Бибастем киштиву бигрифт боҷ,
Кунунат нашояд зи мо хост боз.

Хонадони Рустам низ аз Кобулистон боҷ мегирифтанд. Вақте Шағод (бародари нотании Рустам) домоди шоҳи Кобул шуд, фикр карданд, ки Рустам аз ин боҷ чашм мепӯшад, вале намояндагони Систон боҷи ҳарсоларо хостанд. Шағод ва шоҳи Кобул низ барои нобудии Рустам тавтия (созиш) карданд. Дар замони Дороб, ҳамасола румиён боҷ мепардохтанд, аммо Дороб, илова бар боҷи ҳарсола, духтари Файлақусро (Қайсари Рум) низ талаб кард ва ӯ чун тавоноии муқобила надошт, духтараш Ноҳидро ҳамроҳи боҷ назди Дороб мефиристад

Дар даврони Файлақуси Рум ҳамчунон ба Эрон боҷ медодааст. Дар ин даврон Ҳинд, Чин ва туркон низ ба Эрон боҷ мефиристодаанд, аммо бо марги Файлақус, вақте Искандар қайсари Рум шуд, аз додани боҷи ҳарсола имтиноъ кард ва ҷанг даргирифт. Чунончи, гуфта шуд, дудмони Каёнӣ дар ин набард, ки бар сари боҷгирӣ буд, нобуд шуд.Дар замони Ардашери Бобакон, дубора кишварҳои Рум, Ҳинд ва Чину сарзамини туркон боҷгузори Эрон шуданд.

Дар замони Шопур, писари Ардашер, дубора бар сари боҷ байни Эрон ва Рум ҷанг дар мегирад ва бо шикасти румиён, дубора ин кишвар хироҷгузори Эрон мешавад. Дар замони Шопур низ ин боҷ идома меёбад, вале Ардашери накӯкор боҷу совро бар ҳама кишварҳо мебахшад:

Наҷуст аз касе боҷу сову хироҷ,
Ҳаме ройгон дошт он гоҳу тоҷ.

Дар даврони Яздигурди базаҳгар (ҷинояткор) дубора боҷи Рум гирифта мешавад. Баҳроми Гӯр боҷи Рум, Хазар ва Бурқаваро мегирифт ва дар моҷарои боҷи Рум ва Хазарро ба шаҳри Истахр мебахшад.

Дар замони Баҳроми Гӯр, дар набарде аз сӯйи туркони Чин ба Эрон, фармондеҳон ва дарбориёни Эрон номае ба Хоқон фиристода, дар он абрози бандагӣ ва боҷгузорӣ мекунанд. Хоқон низ барои гирифтани боҷ ба марзи Марв меравад ва ба ҷойи боҷ, Баҳроми Гӯр ба Хоқон ҳамла карда, пирӯз мешавад. Баҳроми Гӯр дар ҷойе низ дар номае ба Шангал, фармонравои Ҳиндустон, аз дер омадани боҷаш

шикоят мекунад ва таҳдид мекунад, ки агар ба фикри фиристодани боҷ нест, ба фикри ҷанг бошад:

Агар бож бифирист, агар ҷангро,
Биёрою ҳам сахт кун тангро.

Саранҷом, Шангал боҷро медиҳад. Баҳром низ дар паёме ҳамроҳи боҷ духтари Шангалро мехоҳад ва пазируфта мешавад. Баҳроми Гӯр барои ҳафт сол боҷро бар ҳамагон мебахшад:

Нахоҳам хироҷ аз ҷаҳон ҳафт сол,
Агар зердастӣ бувад, гар ҳаммол.

Мавриди хоси дигаре, ки гуфта мешавад, марбут ба замони Қубоди Пирӯз аст. Дар он даврон Суфзой дар Шероз ҳукумат карда, аз ҳама кишварҳо боҷ мегирифтааст. Албатта, дар набарде Қубод бар Суфзой пирӯз шуда, ӯро мекушад.

Дар аҳди Касрои Анӯшервон, аз сарзаминҳои бештаре нисбат ба ҳар подшоҳи дигаре боҷ гирифта мешуд. Анӯшервон подшоҳии худро ба чаҳор бахш тақсим карда, боҷҳои расидаро дар дафотире сабт мекард ва ҳар чаҳор моҳ як бор бахше аз ин боҷҳоро ба девони шоҳ мебурданд:

Гузоранда будӣ ба девони шоҳ,
Аз ин боҷ баҳре ба ҳар чор моҳ.

Дар ин замон, румиён муддате аз боҷдодан сар боз заданд, вале саранҷом, маҷбур шуданд боҷи сесоларо якҷо пардохт кунанд.

Дар ҳамин замони Анӯшервон, равон ба як мавриди ҷолиб бармехӯрем ва он шартбандии сирри боҷ аст, яъне ба ҷойи зӯри лашкарӣ, бар асоси бартарии фикрӣ боҷ дода шавад. Моҷаро ин аст, ки ҳиндиён бозии шатранҷро ихтироъ мекунанд ва ба Эрон арза мекунанд, ки агар эрониён аз уҳдаи бозӣ баромаданд, боҷи ҳарсолаи Ҳинд дода шавад ва агар тавони бозиро надоштанд, боҷи Ҳинд бахшида шавад:

В-гар номдорони эронгурӯҳ,
Аз ин дониш оянд яксар сутӯҳ.
Ҷу бо дониши мо надоранд тов,
Нахоҳанд аз ин бум пас божу сов.

Албатта, Бузургмеҳр аз уҳдаи он мебарояд. Дар муқобил, Бузургмеҳр бозии нардро ихтироъ кард ва ба ҳиндиён мегӯяд, ки агар аз уҳдаи ин бозӣ бароянд, ҳам бочро мебахшад ва ҳам корвоне аз боҷи Чину Румро, ки ҳамроҳи Бузургмеҳр фиристода, ба хотири ҳушёриашон ба онҳо медиҳад. Дар ин набарди фикрӣ, эрониён пирӯз шуда, корвонҳои боҷу хироҷ ба сӯйи Касро меоянд:

Ниҳодем бар ҷойи шатранҷ нард,
Кунун то ба бозӣ, ки орад набард.

Дар ҳамин замон, румиён низ тавони худро озмуда, пешниҳоди бозии фикрӣ мекунанд. Ҷаъбаҳои сарбаста назди Анӯшервон фиристода, шарт мекунанд, ки агар даруни ҷаъбаро ҳадс бизанад, боҷро бифиристанд. Саранҷом, Бузургмеҳр ба заковат ҳадс мезанад, ки даруни ҷаъба се дари гаронбаҳо ниҳода шуда ва румиён дар ҷанги фикрӣ низ маҷбур мешаванд ба Эрон боҷ бипардозанд. Дар замони Хисрави Парвиз тасмим гирифта шуд, ки боҷи ҳарсола аз Рум гирифта нашавад. Аммо Қайсари Рум дар номае ба Хисрави Парвиз хост, ки бори дигар боҷ аз Рум гирифта шавад ва ба ҷойи он дори Масеҳ, ки гумон мекарданд назди эрониён нигаҳдорӣ мешавад, ба румиён дода шавад.

Эрониён як бор пешниҳод карданд, ки боҷгузор шаванд ва ин мавзӯъ дар муқобили ҳамла накардани тозиён аз сӯйи Яздигурди савум буд, вале пазируфта нашуд ва дудмони подшоҳии эрониён барои солҳои тӯлонӣ аз миён рафт. Дар ин мавзӯъ метавон гуфт, маъмулан, Эрон бар асари пирӯзӣ дар ҷанг ва тавоноии ҷангӣ боҷгир будааст. Албатта, истисно дар бархе замонҳои ҳукумати Лӯҳросп ва Гуштосп буд, ки Эрон хироҷгузор буда, баъдан дубора боҷгир мешавад. Бо ҳамлаи Искандар подшоҳии Эрон барои муддате нобуд мешавад ва дар ҳукумати Ашконӣ низ Эрон тавони боҷгирӣ надоштааст, аммо матлабе дар ин маврид гуфта нашудааст.

Дар замони Ардашери накӯкор боҷу сов дар ҳама сарзаминҳо бахшида мешавад. Истиснои дигар дар замони Касрои Анӯшервон буд, ки ҷангу бартарӣ дар заминаи фикрӣ санҷида шуда, пояи боҷгирӣ қарор гирифтааст. Дар ин ҷанги фикрӣ низ эрониён пирӯзу боҷгир мешаванд.

Маъмулан, боҷ дар давраҳои яксола ва чормоҳа гирифта мешудааст, магар ин ки бо имтиноъ мувоҷеҳ шуда, муддате ба таъхир меафтодааст.

*Маҳали масрафи молиёт:* Боҷу сов ҳарчанд ба унвони ганҷи шоҳ гирифта мешуд, вале ба далели маҳали масрафи он мутародиф бо молиёт ва даромадҳои умумии имрӯзӣ дар назар гирифта шудааст. Подшоҳон боҷгириро монанди молиёти имрӯзӣ барои таъмини масрафҳои умумӣ ба вижа, таъмини лашкариён масраф мекардаанд ва ба ҳамин далел, онро айни додгарӣ медонистаанд. Дар масрафи он низ шохисҳое доштанд ва салиқае бахшиш намекарданд. Дар ин низоми муназзам таъмини иқтисодӣ, яке аз намунаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ, марбут ба давраи Кайковус аст. Бо он ки назди мухотиб, Кайковус подшоҳи ҳушманд ва додгар ба назар намерасад, вале бахшиши ӯ қобили эҳтиром аст. Ӯ бар асоси туйурии дарёфти дастмузд дар баробари кор, пас аз ҷанги Мозандарон ба сипоҳиёнаш дастмузд медиҳад ва имтиёзоти дигар, монанди нисбати хешовандӣ, ҷинсият, теъдоди афрод, таҳти такаффул **в**а ғайраро дар назар намегирад. Ин рӯйкард ҳанӯз низ қобили арзишгузорист:

Сазовор ҳар кас бибахшид ганҷ,
Ба вижа, касе к-аш фузун бувад ранҷ.

Дастмузд додан кори ҷудо аз бахшиш будааст, зеро бахшиш шомили таъмини молии ниёзмандони бозмонда аз ҷанг, ҳатто аз сипоҳиёни шикастхӯрда, душман мегардиданд. Боҷу сов ҳарчанд ба унвони Ардашери Бобакон дар силсилаи Сосонӣ, ки дубора боҷгирии Эронро роиҷ мекунад. Маҳали масрафи онро хитоб ба бузургони кишвар таъмин карда, мегӯяд: Мизони як **дирҳам,** боҷе, ки гирифта мешавад, барои тадорук ва таҷҳизи лашкар истифода мешавад:

Зи даҳ як маро чанд дар шаҳрҳост,
Ки деҳқону мӯбад бар он баргувост.

Дар бораи аҳамияти омодагии лашкар, ки маҳали масрафи боҷ аст, мегӯяд:

Набояд ки эмин шавӣ аз камин,
Сипаҳ бошад андар дар ӯ дашти кин.

Ҳамчунин Ардашер барои ин ободсозӣ барномарезӣ карда, аз ганҷи шоҳӣ истифода мекунад. Барои дарвешони муқаррарӣ моҳона дар назар гирифта, дар ин пардохт ба аҳволи муқаррарӣ ба гири он назорат мекунад. Сарватмандонеро, ки шикаст хӯрдаанд, таъмин мекунад, то корашон равнақи дубора бигирад.

Дар замони Шопур, писари Ардашер, ки ганҷи шоҳӣ ва ободонии кишвар беҳбуд ёфта, гирифтани молиёти дохилӣ аз як ба даҳ камтар шуда ва як ба сӣ мерасад ва зарурати дарёфт ва маҳали масрафи он ҳам гуфта мешавад:

Зи деҳқон нахоҳам ҷуз аз сӣ яке,
Дирам то ба лашкар диҳам андаке.

Пас аз шоҳии Шопури савум ва Яздигурд, ки равишҳои мардум дӯстона таътил монда буд, Баҳроми Гӯр оинҳои ҳимоят ва таъмини иқтисодиро зинда кард. Дар ин ҷо таъмини ҳазинаи зиндонҳо , пардохт ба мавқеи ҳуқуқи лашкариён ва таъмини молии аҳли донишро низ бояд афзуд, ки ҳар кадом таъсири қобили таваҷҷуҳе дар зиндагии умумӣ ва амнияти иҷтимоӣ дорад.

Низоми назорати корогоҳон бар вазъияти иқтисодии мардуми саросари кишвар, сабти дафтар, расонӣ ба марҷаи амволи умумӣ, дарёфти боҷи мутаносиб бо даромад ва пардохти борӣ ва амнияти иқтисодӣ ба шаҳрвандони кишвар, ҳимоят аз тариқи таъмини сармоя ва абзори кор ва иштиғоли зойӣ, пардохт ба мавқеи ҳуқуқи коркунони ҳукуматӣ ва назорат ба корашон ва ҳимояти молӣ аз аҳли дониш дар канори кашф, истихроҷ ва ҳазинаи ганҷҳо ва манобеи миллӣ барои умуми ҷомеа дар замони Баҳроми Гӯр, вижагиҳои як системаи комили гардиши миллӣ ва иқтисодиро нишон медиҳад.Дар замони шоҳии Пирӯз, бародари Ҳурмуз низ, ки қаҳтӣ мешавад, ҳам боҷро мебахшад ва ҳам нодоронро аз дороии шоҳӣ бадастомада, аз боҷҳои гирифташудаи қаблӣ таъмин мекунад:

Ба ҳар сӯ, ки анбор будаш ниҳон,
Бибахшид бар кеҳтару меҳтарон.

Нақши ҳукумат ва ниҳоди сиёсат дар ободгарӣ ва таъмини иҷтимоиро то ҷое дорои аҳамият медонад, ки дар гуфтугӯи Анӯшервон ва Бузургмеҳр, ободониро натиҷаи мустақими додгарии фармонраво медонад ва албатта, роҳкорҳои иҷроии ободониро низ дар байни достонҳо ва дар равиши шоҳон нишон медиҳад:

Бад-ӯ гуфт Касро, ки ободшаҳр,
Кадом асту мо з-ӯ чӣ дорем баҳр.
Чунин дод посух, ки ободҷой,
Зи доди ҷаҳондор бошад ба пой.

Ниҳодҳо ба унвони сохторҳо ва созу корҳои назми иҷтимоӣ дар миёни афроди ҷомеа яке аз аслитарин мавзӯоти мутолиа дар улуми иҷтимоӣ ба шумор меравaнд. «Шоҳнома» манбаи бисёр ғанӣ аз мероси муштараки эрониён аст, ки метавон истимрори ҳуввияти эрониро аз дунёи устураҳо ва ҳамосаҳо то вопасини фармонравоёни сосонӣ ошкор дид. Вижагиҳо, таҳаввулу боистаҳои ниҳодҳои аслӣ, монанди иқтисод ва хӯрдаи ниҳодҳо, монанди системаи дарёфт ва ҳазинаи даромадҳои умумӣ бо номи молиётро, метавон дар он мутолиа ва баррасӣ кард.

Подшоҳӣ дар «Шоҳнома» ҳифзи амният, посдорӣ аз ҳуқуқи афроди ҷомеа, эҷоди ҳамбастагии иҷтимоӣ ва таъмини ақаллияти рафоҳро (равнақ) бар уҳда дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Қубодӣ Ҳ. ва соири нависандагон. Забони форсӣ: чолишҳо ва роҳбурдҳо. //Маҷмӯи мақолаҳо – Теҳрон, 1388.
2. Паёманӣ Б. Баррасии таҳаввулоти иқтисодӣ ва мизони рушди саноеъ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. – Теҳрон, 1389.
3. Паёманӣ Б. Ҷойгоҳи пешаҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. //Баҳори адаб, 1387, с. 38-60 .
4. Моламир Т. Маротиб ва табақоти иҷтимоӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. //Маҷмӯи мақолаҳо. – Теҳрон, 1381.
5. Ҳашматулло Т. Мафҳуми ҷомеашиносии гурӯҳ ва табақа дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. //Адабиёти Эрон, 1370, №1,2.
6. Маҳмад Ризо пайдоиши табақот дар Эрон ба ривояти «Шоҳнома». – Теҳрон, 1368.
7. Фозилӣ М., Шореъпур А. Анҷумани ҷомеашиносии илм ва илмӣ дар Эрон. – Теҳрон,
8. Фирдавсӣ А. Шоҳнома. – Теҳрон, 1382.
9. Подшоҳии Касрои Анӯшервон. – Теҳрон, 1368.
10. Достонҳои подшоҳии Ардашер ва Кайқубод ва Касрои Анӯшервон. – Теҳрон, 1375.


**ДОХОД И ОБЩАЯ ПРИБЫЛЬ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ**


В данной статье автором рассмотрены такие важные составляющие экономики как доход и общая прибыль в «Шахнаме» Фирдоуси. Рассматриваются и анализируются понятие общая прибыль в «Шахнаме», его приобретение и накопление.



**Ключевые слова:** налоги, пошлина, социальное обеспечение, в «Шахнаме», общество, подати.


**THE INCOME AND THE GENERAL PROFIT IN "SHAKHNAME" FIRDAUSI**


In this article the author considered such important components of economy as the income and the general profit in "Shakhname " by Firdausi. His acquisition and accumulation are considered and analyzed concept the general profit in "Shakhnam".



**Key words:** taxes, duty, social security, in "Shakhname ", society, taxes.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хамида Жиёнбокири*** - соискатель Института философии, политологии и права АН РТ


## АНДЕШАҲОИ ОЛӢ НАЗДИ МАВЛОНО ВА КАРЛ ЯСПЕРС


***Зӯҳра Музаффарӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Карл Ясперс, ки таърихи фалсафа ӯро яке аз тарроҳони сохтмони игзистонсиёлизми муосир медонад, дар феврияи 1883 дар иёлоти Улдинбурги Олмон дида ба ҷаҳон кушуда ва зиндагии илмии ӯ бо вуруд ба риштаи ҳуқуқ оғоз гардид. Вале, ба пизишкӣ ва сипас ба фалсафа анҷомид, ки ин таҳаввули зиндагии илмӣ дар шаклгирии тафаккури ӯ нақши басазое доштааст. Илова бар ин, дар таквини тафаккури Ясперс андешаҳои фалсафии Конт, Ҳусрал, Мокс ва Бар ва, ҳамчунин,

андешаҳои ирфонӣ- мазҳабии Кар Кагорд, Испитузо, Лутар, Буҳама таъсири амиқе доштаанд.

Дар ҳақиқат, Ясперс тасвири файласуфе аст, ки бино бар мувффақияти таърихии оғози қарни бистум нисбати озодӣ ва инсон ва тавонмандии ӯ, ҳамчунин, хатароте, ки ӯро таҳдид мекунанд, нигариши хосе дорад ва ба эътимоди беш аз ҳадди асри кунунӣ бар илм машкук аст ва бар равишҳои ғайриақлонӣ таъкид меварзад.

Ҷалолиддин Муҳаммад Мавлавӣ низ, ки дар солҳои 604- 672 ҳиҷрӣ мусодиф бо 1207- 1275 милодӣ мезистааст, матлаи орифмаслаке аст дар партави таҷрибаи комилан шахсӣ дар бораи мавзӯоти гуногуни фалсафӣ ва каломӣ ва ирфонӣ аз нав меандешанд ва дар қолиби достон ва аз тариқи муҳовароти диёкултикӣ шахсиятҳои дотонияш ба дур аз ҳар гуна табақабандии марсуми мавзӯот ба шарҳи матолиби ғомизи метофизикӣ пардохтааст. Бад- ин тартиб, ӯ ҳаргиз як систими фалсафӣ-каломии маҳз бо як дастгоҳи ирфони назарии сирф бино нанамуд ва маснавӣ, агарчи маншури булуринтӣ аст, ки партави андешаҳои исломии то қарни ҳафтумро ба хубӣ мунъакис менамояд, дар айни ҳол, бидуни вуруд ба мабоҳиси буғранҷи ирфони назарӣ, дастуруламали дақиқе барои ирфони илмӣ дар ихтиёри пӯяндагони роҳи таолӣ мегузорад:

Он таолии ӯ таолиҳо диҳад,
Мастиву ҷуфту ниҳоиҳо диҳад.
Қурб не, боло, на пастӣ рафтан аст,
Қурби Ҳақ аз ҳабси ҳастӣ растан аст.

Андешаҳои таолӣ, ки назди Ясперс дорои маншаи фалсафӣ ва ҳосили тафаккури дарунии худи ӯст, барои Мавлавӣ ба шиддат аз усули ақоиди исломӣ мутаассир мебошад ва шояд битавон гуфт: тафаккури Мавлоно дар заминаи таолии ҳамон андешаи исломӣ аст бо пардозиши сӯфиёна ва бо бардоште вижа. Эътиқоди росихи Мавлоно бар ин аст, ки ҷодаи пурпечу хами тариқат танҳо агар ба нури шариат равшан гардад, аз роҳҳои гумроҳӣ бозшинохта мешавад ва офот ва мавонеи масири саъбулубури таолӣ танҳо ба дасти қудратманди тоот ва ибодот барчида хоҳад гашт.

Мавзӯи ҳаракати таолибахши дидгоҳи Ясперс танҳо инсон аст ва имкон сууди мунҳасир ба одамӣ мебошад. Вале Мавлоно, гарчи, исолатан, таолиро ба инсон мансуб медорад, ҳаракати таолибахшро як ҳаракати умумӣ медонад ва уруҷро ба ҳамаи зарроти олам таъмим медиҳад:

Ҷумла олам з- ихтиёру ҳасти худ
Мегурезад дар сарои масти худ

Ӯ мӯътақид аст ҳар як аз мавҷудот аз сайри истикмолии вижае бархӯрдор аст ва ҳарчанд ки авҷи таолӣ мухтасси гули сари сабади олами ҳастӣ аст, ки ба зевари озодӣ музайян гашта ва нисбат ба кулли олам сабқати ғоӣ дорад, назири сабқи ғоии мева бар дарахт.

Мавлавӣ ҳаётро ҳаракати бевақфа ба сӯйи таолӣ медонад. Истикмоли тамомии офаринишро фурӯтарин мазоҳир то бартарин таҷаллӣ ва сайри такомулии фард… Ҳазрати Боритаоло, ки ҷаҳон ва коинотро ба як таҷаллӣ дар оинаи вуҷуд халқ намудааст, камоли онро низ муқаррар фармудааст. Албатта, нафси одамӣ, ки манзалате ва ройи коинотро дорад, бо истизоаи хос дараҷоти камолро мепаймояд.

Моҳияти инсон, ки мавзӯи баҳс дар ҳаракати таолӣ аст, моҳияти билқуввае аст, ки истеъдоди паймудани маротиби камолро дорад ва дар зимни ҳаракати таолӣ ҳақиқати вуҷуди ӯ муҳаққақ мегардад ва аз марҳалаи баҳимия(ҳайвонӣ) то дараҷаи нафси мутмаина боло меояд:

Дер бояд то сар(о)и одамӣ,
Ошкоро гардад аз бешу камӣ.

Ҳар кӣ нуқси худро диду шинохт,
Андар истикмоли худ вобаста тохт.

Ясперс низ мӯътақид аст, ки вуҷуди инсон як вуҷуди имконӣ ва номутмаин ва тамомношуда аст, ки дар сайри таолӣ муҳаққақ мегардад ва моҳияти ӯ ба дасти худаш таъйин мешавад.

Дар ин сайрурати таолӣ аст, ки одамӣ паллакони нардбони рӯҳониро аз фурӯтанӣ дараҷаи ҳастӣ, ки ҷамодӣ аст, оғоз мекунад ва бо марг аз сатҳи фурӯтар ба

мартабаи бартар зинда мешавад ва ба наботӣ ва ҳайвонӣ ва одамӣ ва малак ва, билохира, «ончиянд ва ҳамтоянд», мерасад ва мақомоти табаттул то фаноро, ки олитарин мартабаи таолӣ аст, «поя- поя то мулоқоти Худо» мепаймояд.

Аз назари Ясперс низ инсон дар сайрурати таолӣ аз чаҳор сатҳи вуҷудӣ мегузарад, ки манзур аз пойинтарин сатҳи вуҷуди мост, ҳамон вуҷуди таҷрибӣ ва, албатта, ба замон ва макон, ҳамон вуҷуди ҷузъӣ ва ғайбии мост, ки дар дастраси шинохтӣ, ҳарчанд нокомил, илмӣ қарор мегирад. Вуҷуди билфеъл ва ҳозири мост, ки фоқиди арзишҳои ахлоқӣ ва динӣ ва гароишҳои мутаолӣ аст. Албатта, ҷисм танҳо нест, балки маҷмӯаи ҷисм ва зеҳн аст, ки ба таври таҷрибӣ ва ҷузъӣ дар ҷаҳон таҳаққуқи хориҷӣ дорад ва ҳадафи он таъмини рифоҳи зиндагӣ аст.

Огоҳии куллӣ, сатҳӣ аз вуҷуди мост, ки қаламрави улум ва маорифи ақлонӣ аст ва одамӣ дар ин сатҳ ба мӯшикофӣ ва тааммуқ дар мавзӯоти ҷаҳон мепардозад. Риштаҳои гуногуни улум аз ин сатҳ маншаъ мегиранд. Ҳамон ҳуш ба маънои машҳур ё ҳамон огоҳии дикортӣ ва сохторшинохтии мост, ки бар маҷмӯи иттилоот ва донишҳоямон муштамил мебошад. Ҳадафи он татбиқи қазоё ва фаризаҳо бо мутаалликҳои хориҷӣ аст, пули зарурӣ аст, ки бояд аз он гузашт, на ин ки дар он мутавaққиф гашт.

Сатҳе аз вуҷуд аст, ки онро метавон муодили зеҳни ҷомеи ҳамагӣ донист ва муштамил аст бар кулли таҷрибиёти зиндагӣ ва фарҳанги башарӣ ва холиқи иддаҳои ҷамъӣ аст, ки ҳосили иттиҳоди ёфтаҳои мухталиф ва умури гуногун мебошанд. Ин сатҳ аз вуҷуди хостгоҳи андешаҳои метофизикӣ ва маърифатҳои зебоишиносӣ аст.

Воқеияти боарзиш ва мӯътабаре, ки дар инсон аст, игзистолини худвоқеии фард ва сатҳи барини инсон аст, ки ғайриғанӣ ва якто ва мухтасар ба фард аст. Асл ва ҳақиқати одамӣ аст, ки ҳар гуна талоше ба таъриф ва мафҳум кардани он ба аз даст рафтани маънои воқеии он меанҷомад. Чун игзистолин мафҳум нест, балки нишоне аст, ки ба варои ҳама айнҳо ишора дорад, лиҳазо танҳо ба василаи равшангарӣ(навъе тафаккури ғайриқобили интиқол), танҳо бархуди инсон ва тавассути худаш ошкор мегардад. Яъне, ҳақиқатан, одамӣ дар варои таъиноти таҷрибӣ ва огоҳии куллӣ ва равон чизи дигареро дар худ эҳсос мекунад ва бад- он итминон дорад, ки ҳамон Existent аст.

Ба назари Ясперс, интиқол дар маротиб ва сутӯҳи вуҷудӣ ба сурати як рушди тадриҷӣ аст, вале барои расидан ба сатҳи Existent мӯҳтоҷи ҷаҳиш ҳастем, ҷаҳиши фарораванда, ки дар ҳеч шарҳу баёне ва дар ҳеч таъмиме қарор намегирад(ин ҷаҳиш маро водор месозад, то ҳар чи бештар ба ҷое биравам, ки андеша дар он ҷо мунқатеъ мегардад.

Муҳимтарин вижагии инсон, балки шарти лозими ин ҷаҳиши фарораванда дар фалсафаи Ясперс ҷаҳони озодӣ аст, ки ҳадяи малакут ва мояи таҳаққуқ ҳақиқати <u>ман</u> аст: «Озодӣ долони интиқоле аст, ки одамиро ба сатҳи игзистолин ва аз он ҷо ба сипеҳри таолӣ мерасонад.»

Ба назари Ясперс, худи озодӣ моро ба вуҷуди мутаол раҳнамун месозад, аз ҷиҳати ин ки мавҷуде озод ва мухтор ба худии худ вуҷуд надорам, сирфан, ба далели қасд ва иродае, ки маро ба вуҷуд овардааст, яқин меёбам, ки Худо ҳаст; зеро ҳар гоҳ мутаваҷҷеҳ мешавам, ки худро наёфаридаам ва чун умури хориҷ аз ихтиёрамро таҷриба мекунам, мефаҳмам, ки ба худии худ мухтор нагаштаам ва биайниҳи дармеёбам, ки истиқлоли мутлақ барои ман муҳол ва нобуд шудани ҳама мавонеъ, ҳамоно нобудии озодӣ ва ихтиёр ва истиқлоли ман аст. Пас, озодӣ ҳамон иттисол ба бӯъди озодонаи улуҳият, барои Ясперс арзишмандтар аз таслими кӯр- кӯрона аст.

Малакут намехоҳад башар кӯр- кӯрона таслим шавад, балки мехоҳад дар инкор карданаш озодӣ бошад ва аз тариқи инкор ба таслими ҳақиқӣ дар баробари Муттаол тавфиқ ёбад.

Мавлавӣ, агарчи нисбат ба илҳод ва инкор то ин сатҳ хушбин нест, вале назари ӯ роҷеъ ба ихтиёр ва озодӣ ва пайомади он, яъне масъулият, бисёр- бисёр наздик ба дидгоҳи Ясперс аст. Ӯ на ҷабри маҳзро мепазирад ва на ихтиёри сирфро написандад. Ҷабр ва ихтиёр- ҳар ду барои Мавлавӣ асбоби таваҷҷӯҳ ба мақсади таолӣ аст, ки шуҳуд ба ҷабр сабаби розе аст ва вуқуф ба ихтиёр сабаби исхоби масъулона. Албатта, розе аз шуҳуди аҷз бармехезад . Озодӣ мавҳибат ва атои илоҳӣ аст, балки беле аст, ки хоҷа барои ковидани замини бикри вуҷуди шахс ва:

Хоҷа чун беле ба дасти банда дод,

Безабон маълум шуд ӯро мурод.

Албатта, Мавлавӣ ва Ясперс - ҳар ду аз ин озодӣ, ки сарнавишти маҳтуми башар аст, мегузаранд ва гарчи инсонро маҳкум ба ихтиёр медонанд, вале хоҳони сууд ба ҷабри мамдӯҳ ҳастанд. Онҳо фариштаи озодиро дар паллакони миёнаи нардбони рӯҳонӣ ба ёрӣ мехонанд, вале, дар ниҳоят, сияҳ ва дар рӯёрӯйӣ бо сипеҳри Мутаол аз он гурезон ҳастанд:

Эй Худованди карими кибриё,
Деҳ амонам з- ин ду шоха ихтиёр
Банда озодӣ тамаъ дорад зи ҳад,
Ошиқ озодӣ нахоҳад то абад.

Озодӣ як вуҷуди финафсиҳӣ нест, озодӣ дар ҳавзаи таолӣ поён мепазирад. Чун озодӣ ва ирода ва тасмим дар он ҳавза ба интиҳо мерасад ва дар он ҳавза на озодӣ аст ва на лоозодӣ. Натиҷа ин ки озодии башар ҳамвора байни ду чанголи ҷабр аст: ҷабри аввалия, ки инсонро дар ҷаҳон ва дар вазъияти таърихии вижааш қарор дода ва ҷабри сонавия, ки натиҷаи фасли ихтиёрии инсон аст, чаро ки ғояти ихтиёр таҳаққуқ ва таайюни шахсияти фард аст ва ҳар таъйине бо маҳдудият ва ҷабр ҳамроҳ мебошад, ки агар ба маият бо Ҳақ бианҷомад, ҷабри мамдӯҳ хоҳад буд:

Ин маият бо Ҳақ аст, ин ҷабр нест,
Ин таҷаллии маҳ аст, ин абр нест.

Манзур аз мавҷудияти Таоло силсилаи авомиле аст, ки масири таолиро тасбият ва ё тасҳил ва тасреъ менамояд(албатта, на дар «Маснавӣ» ва на дар осори Ясперс матлабе таҳти ин унвон ёфта нашуд, балки аз матолиби парокандае, ки истихроҷ ва дастабандӣ шудааст, ин унвон такмил гардид).

Нуктаи муҳим ин ки асбоби муаддаи таолӣ ҳама ба як мизон бар ҳаракати фароравандаи инсон таъсир намегузоранд, балки баъзе нақши асосӣ ва асари таълилӣ доранд ва баъзе дигар заминасози таолӣ ва ҷалбкунандаи таваҷҷӯҳи одамӣ ба фаро шудан ҳастанд. Бад- ин тартиб, авомили аслии сууди инсон, умдатан, бар ду омил муштамил мешавад, ки иборатанд аз тавфиқ ва ҳидояти илоҳӣ ё Divine-guidance ва дигаре матлаб ва муроқиба ё фалсафиюн(philosophizing) ё муроқабаи фалсафӣ.

Тавфиқ ё ҳидояти малакут дасте аст, ки аз авҷи ҳавзаи мутаолӣ ба сӯйи инсон дароз шудааст, нардбоне аст, ки аз осмони овезон гузашта, миғнотисе аст, ки дилҳои омодаро аз андаруни синаҳо ҷазб мекунад, борони раҳмате аст, ки бар сарзаминҳои ташна меборад ва ҳаёти сабз дар онҳо меофаринад.

«Малакути пинҳон» омили ҷаззобе аст, ки дар зиндагии дунявӣ ва моддӣ ҳузур дорад. Аз диди Ясперс, нидои Худованд дар худогоҳии инсон ва озодии ӯ нуҳуфтааст ва ин ҳидоят на аз тариқи валӣ ва муршиду роҳнамо ҳосил мешавад ва на аз роҳи кутуб ва мадраса ба даст меояд, балки танҳо- танҳо тариқи дарёфти он озодӣ ва ихтиёр аст ва ҳар он кас, ки то сатҳи Existent авҷ гирифта бошад, мерасад, зеро на қувваи ғариза ва на тавони андеша, ҳеч кадомро ёрои дарки нидои Муттаол нест(ҷустуҷӯйи Муттаол дар иртиботи игзистонсиёлистӣ бо ӯ нуҳуфта аст).

Ясперс мӯътақид аст, ки ҳар кас ба наҳве аз инҳо бо Худованд иртибот дорад ва олами номаҳсуси улуҳиятро таҷриба мекунад, танҳо агар дариҷаи дилро ба фарёде, ки аз аъмоқи дарунаш бармехезад, бикшояд ва ба наҷвои андарун гӯши ҷон биспорад.

Албатта, инсон на танҳо дар оғози сууд мӯҳтоҷи шӯре аст, ки ҷазабаи илоҳӣ дар ӯ эҷод мекунад, балки дар идомаи роҳ ҳам ниёзманди ҳидояти Муттаол аст ва фалсафидан ё муроқабаи фалсафӣ, аз назари Ясперс, навъе андешидани хос ва номарсум дар бораи Муттаол аст, ки бо андешиданҳои роиҷ ва ё илоҳиёти истидлолӣ ва мантиқӣ мутафовит мебошад; зеро тафаккури мантиқии роиҷ мӯҷиби донистан аст ва донистан сабаби таъсири хориҷӣ аст. Вале ин андеша, ки надонистан аст, имкони таҳаввули дарунӣ аст ва аз ҳайрат оғоз мегардад ва бо шакку тардид нисбат ба посухҳои ироашуда дар баробари суолоти асосии инсон истимрор меёбад. Агар фалсафидан тааммуқ ва андешидан ба таолӣ бошад, он чи дар нуқтаи авҷ намоён хоҳад шуд, чархиши ҳалқае аст, ки андешаро ба унвони биниши исботпазир аз дур хориҷ месозад ва ба василаи ҳадаф ва қдрати волояш вижагиҳои фалсафии худро исбот менамояд.

Фалсафидан паймудане аст, ки, мантиқан, оғоз ва анҷомаш ҳайрат аст, вале бар бунёди имони игзистонсиёлистӣ мумкин мегардад ва ин ҳамон фаро рафтан ба моварои додаҳои ҷузъӣ аст, ки аз назари Ясперс, сирфан, ҳосили як таҷрибаи илмӣ ва мантиқӣ нест. «Имон як таҷриба аст. Аммо, муҳаққақан, на як таҷрибаи илмӣ ва ғайришахсӣ ва илзомовар, балки таҷрибае аст номутяқин ва наметавон онро ба дигаре мунтақил кард.» Имони Ясперс ҷаҳиш аст, ҷаҳиши ишқ ва хезиши нафсонӣ, ки дар озодӣ рӯй медиҳад ва ба ашкол ва сурати мухталиф намоён мешавад ва, ҳатто, гоҳ ба сурати инкори Муттаол ҷилва мекунад. Лиҳазо, барои Ясперс инкор ҷилваи дигаре аз таслим аст ва эътироф дорад, ки ҳатто аз тариқи инкор ҳам ба таслим дар баробари Муттаол мерасам: «Surrender by way of defiance I came to».

Дар дидгоҳи Мавлоно низ, пойи ҳиммати пӯянда ва дасти файзи Муттаол авомили аслии сууди одамӣ ба сипеҳри таолӣ ҳастанд, вале бо ин тафовут, ки аз ҳайси вуҷуд чунон ин ду омил ба ҳам омехта гаштаанд, ки ҳатто дар ваҳму хиёл ва эътибороти ақлӣ низ тафкикшон душвор мебошад; чаро ки талаби банда, ҳамоно, истизоа ва истифоза аз Ҳақ аст ва файзи илоҳӣ маншаи ҳақиқии талаб ва хости банда:

Мо набудему талабмон ҳам набуд,
Лутфи Ту ногуфта мо мешунуд.

Ва аз издивоҷи файзи Муттаол ва талаби пӯянда «ишқ» мезояд ва омили аслии сууди одамӣ аз назари Мавлавӣ, ки ҳамон имтизоҷи ҷазаба ва талаб аст, ишқ:

Ишқ он шӯълааст, ки чун барфурӯхт,
Ҳар чи ҷуз маъшуқ боқӣ ҷумла сӯхт.

Ишқ аҳрами бунёдини истидроҷии олами сағир(инсон) ва олами кабир(ҷаҳон) аст. Посухи мусбате аст, ки густараи офариниш ба амри таолӣ медиҳанд:

Он таоли Ӯ таолиҳо диҳад,
Мастиву ҷуфту ниҳолиҳо диҳад.

Ҷӯшиши май, сӯзиши най, парвози башар, рақси кӯҳ, гардиши афлок, ҷӯшиши баҳрҳо, ҳама ва ҳама аз шарори ишқ аст.

Ишқ дар назари Мавлавӣ ҷавҳари ҳаёт ва баъдан мақсади он аст ва ҳама коинот резахорони шаҷараи тайибаи ишқ ҳастанд, ки «шохи он андар азал в- он бехи он андар абад».

Ин ишқ аст, ки дунтарин нирӯҳо(масалан, нахӯдҳои оши даруни дег ё нони мурдаи даруни суфра)- ро ба маротиби олии рӯҳи инсонӣ мерасонад ва нони мурдаро меҷонкунад ва рӯҳи инсониро ба қурбонгоҳи маъшуқ мекашонад ва «ҷовидон кунад».

Ишқҳои хокӣ ва маҷозӣ низ барои Мавлоно тадорук ва муқаддимаи ишқи осмонӣ буда ва нақши шамшери чӯбини писарон ва ё арӯсаки дасти духтаронро дорад. Онҳо дилро омодаи инқиёъ ва таслими маҳз дар пешгоҳи маъшуқи мутлақ менамояд:

Ошиқӣ гар з- ин сару гар з- он сар аст,
Оқибат моро бад- он сар раҳбар аст.

***Дар вақти истифода аз китоб, кӯдак танҳо расмро интихоб мекунад, на мақсади мавзӯъро.*** Баъзе фанҳое вуҷуд доранд, ки бе таҷрибаи амалӣ омӯхтани он нафъе надорад. Масалан, кӯдак илми табиатшиносиро бо баҳои хубу аъло меомӯзад, вале аз истифодаи он дар табиат қариб чизе намефаҳмад.

*Дар асл чунин менамояд, ки мактаби ронандагиро бо баҳои хубу аъло хатм кардааст, вале мошинро дар ҳаракат то ҳол насанҷидааст.*

Имрӯз аксарияти наврасон ва ҷавонон бо мақсади шароити ояндаи молӣ ва пулии худро беҳтар кардан аксар вақт рӯякӣ илм меомӯзанд. Чунки онҳо тарбияро бештар дар таҷриба, аз муҳити ҳаёт мебинанд, мешунаванд ва меомӯзанд. Албатта, чунин интихоб як қисмати онҳоро шояд ба муваффақиятҳои шахсӣ ноил гардонад, аммо чунин амал кафолати ояндаи дурахшони давлату миллат шуда наметавонад.

Агар мо - падару модарон, муаллимон, устодон, чунин тартиботи илмомӯзиро иваз накунем, пас худи кӯдакон оҳиста-оҳиста аз он рӯ мегардонанд. Чунки талаботи ақлонӣ ва фикррон ии кӯдакон ба тартиботи илмомӯзии имрӯза мувофиқат накарда истодааст.

Дар чунин ҳолат падару модарон, муаллимон ва устодон метавонанд аз иттилооти интернетӣ, ки дар шароити имрӯза имконияти бештар дорад, истифода баранд. Иттилоот ба таълиму тарбияи кӯдак таъсири калон мерасонад. Чунки талаботи ақлонӣ ва фикрронии кӯдакон доимо навовариҳоро металабад. Ин мавқеъро имрӯз иттилооти беруна бо навовариҳои худ аз технологияи замонавӣ то ҷузъитарин васоит истифода бурда истодааст. Баъзан мешунавем, ки интернет дар тарбияи кӯдак зарар меоварад.

Албатта, ҳар он чизе ки бе назорат ба ихтиёри кӯдак гузошта мешавад, зарари худро мерасонад. Вале барои ҳамқадами замон будан аз аввал мо - калонсолон, бояд

аз илми дунявӣ, аз тартиботи ҳаёти имрӯза бохабар бошем. Вақте ки дар вучуди кӯдак илми технологияи замонавӣ бо_тачрибаи ихтироъ ва эчодиёт дар заминаи иқтисодиёти чаҳонӣ пайдо мегардад, иттилооти беруна ба тарбияи ӯ ҳеч зараре наоварда, баракс кӯмак мерасонад. Ҳалли ин мушкилотро фақат бо роҳи ҳавасманд гардонидани кӯдак дар хонаю боғча оғоз намуда, дар мактаб бо илму тачриба инкишоф додан лозим аст.

Фарқ дар байни тартиботи таълим дар мактабҳои имрӯза ва гузашта аз он иборат аст, ки кӯдакони даврони гузашта худро вазифадор мекарданд, ки соҳиби илму ҳунар бошанд, вале имрӯз давлат вазифадор шудааст, ки кӯдаконро соҳиби илму ҳунар гардонад. Чунки бисёр падару модарон тарбияи фарзандони худро ба ӯҳдаи боғча ва мактаб гузоштаанд.

Дар ҳама давру замон вазифаи кӯдак илму дониш омӯхтан буд ва мемонад. Аммо кӣ гуфтааст, ки ба касбу ҳунарро омӯхтан ба инсон 20 – 25 сол зарур аст! Завқи кӯдак барои эчодкорӣ ва ихтироъкорӣ аз хурдсолӣ майл дорад. Мо - калонсолон бояд шароити мувофиқро барои онҳо муҳайё созем. Барои ба чунин муваффақиятҳо ноил гаштан, пеш аз ҳама, бояд кӯдаконро аз ҳаёти мардуми олам бохабар гардонем.

***Халқе, ки тухми илму маърифат мекорад, барои насли худ умри човидон мебахшад.*** Беҳтарин китобхона барои кӯдак имрӯз дар шароити хона - ин компутер ба ҳисоб меравад, ки кӯдак метавонад дар муддати кӯтоҳ китобҳои дилхоҳи худро пайдо намояд. Албатта, имрӯз на ҳама шароити дастрас намудани компутер ва интернетро доранд.

***Таълим ва тарбияи фарзанд аз чӣ оғоз мегардад? Меҳру муҳаббат ва ғамхорӣ нисбат ба фарзанд – калиди аввалин ба дари дунёи ақл ва тафаккури кӯдак аст.*** Таълим ва тарбияи кӯдак гуё аз ин ду ибора оғоз мегардад: **«барои чӣ мумкин аст ва барои чӣ мумкин нест»**. Ҳамфикрии падару модар дар ин ду мафҳум метавонанд дар ҳар қадами фарзанд раҳнамо ва ситораи дурахшон бошанд. Дар ин фурсат кӯдак аз мақсади омӯзиш, ки одоб ва ахлоқи инсонро дарбар мегирад, бохабар мегардад. Ин ду ибора асоси ҳақ ва ноҳақ будани инсонро дар кору рафтораш муайян месозад. Мақсад ба он нигаронида шудааст, ки фарзанди мо на танҳо аз чиҳати биологӣ, балки аз чиҳати ақлонӣ инсон бошад. Яъне инсони поквичдон, босавод, сарбаланд ва ботафаккури чомеа бошад.

***Барои ба комёбӣ ноил гардидан дар таълим ва тарбияи фарзанд - идроки ӯро омӯхтан лозим аст.*** Мақсади пешниҳод кардани ин дастур - кумаки назариявӣ расонидан ба волидайн дар тарбияи фарзанд мебошад.

Волидайни муҳтарам! Шумо бояд донед, ки аввалин мактаби кӯдак ин оила мебошад. Шумо аввалин муаллим ва муҳимтарин шахс дар раванди таълим ва тарбияи ӯ мебошед. Худ тасаввур кунед, ки агар 90 сол ҳам дошта бошем, валеончизеро, ки модар ба мо омӯхтааст, падар насиҳат кардааст ба ёд меорем ва аз он сабақ мегирем. Барои ҳамин таҳкурсии мустаҳками таълим ва тарбияи фарзанд аз оила оғоз мегардад.

Одатан вақте, ки инсон аз маълумоте бохабар мешавад (мехонад, мебинад ё мешунавад) ӯ мавзӯъро бо назар, хосият, хусусият, ҳунар, касбият ва чаҳонбинии худ қиёс намуда мақсади хурдакаки онро дар андешҳои худ чой дода дар ҳолати зарурӣ аз он истифода мекунад. Дар ҳолати истифодаи он мавзӯъ, агар ӯ иқтибос оварад, пас мо бештар иродаи ӯро дар он мавзӯъ ҳис мекунем. Чунки иродаи инсон аз хурдӣ, аз тарбия вобаста буда, то абад нақш мебандад. Дар ҳаёти кӯдак чизҳои муҳиме мавчуд ҳастанд, ки на муаллим, на мураббӣ, балки танҳо волидайн метавонанд онҳоро ба фарзандони худ ҳадя кунанд. Талқини меҳру муҳаббат кардан, ба дӯстиву бародарӣ ҳидоят кардан ва аз ҳама муҳим ба ӯ боварӣ ва боли парвоз бахшидан аст.

50 % саводнокии фарзанд аз волидайн вобаста аст. Мисол: муаллим мачмуан дар як рӯзи дарсӣ як ҳарф, як рақам, як мавзӯъ, як масъаларо метавонад ба хонандагон ошно созад. Хонанда дар навбати худ мавзӯъро дар дафтари худ қайд карда, мавзӯи монандро муаллим ҳамчун вазифаи хонагӣ ба онҳо супориш медиҳад. Фақат волидайн метавонанд дар хона ба фарзанди худ ба таври муфассал аз мавзӯъи гузашташуда кумак расонанд. Ҳар қадар, ки мисолҳо оиди мавзӯъ аз муҳити хона оварда мешаванд, ҳамон қадар таъсири ӯ ба ақли кӯдак тезтар ва хубтар қабул мегардад.

***Вазифаи муаллим дар мактаб ба мавзӯъ ошно кардан аст. Вазифаи волидайн дар хона бо тарзи муфассал такрор фаҳмондан аст.*** Фарқи шуури кӯдак аз одами калонсол дар он аст, ки кӯдак ҳеҷ гоҳ ба нуқтаи назари дигарон таваҷҷӯҳ намекунад, он чиро ки мебинад, ҳамонро тариқи фикрронияш инъикос мекунад.

Кӯдакон фикру андешаи хешро бе далел баён мекунанд ва таъкид менамоянд, ки он дуруст аст. Мисол: Ба онҳо савол медиҳем, ки чаро ҳавопаймо парвоз мекунад? Дар ҷавоб чунин шунидан мумкин аст: Барои онки ӯ ҳавопаймо аст, барои ҳамин, бояд парвоз кунад. Онҳо ҳеҷгоҳ ба мо вазн, қувва ва суръати онро намефаҳмонанд.

То ҳол дар бештари оилаҳо андешае вуҷуд дорад, ки гӯё кӯдак ин як шахсияти ба воянарасидаи хурдсоле мебошад, ки ҳаётро камтар медонаду дарк мекунад. Ин хусусият аз он шаҳодат медиҳад, ки байни кӯдак ва калонсол хислатҳои фарққунанда вуҷуд дорад. Ин назарияро то асосаш равоншинос Жан Пиаже таҳқиқ кард ва асрори онро дарёфт. Ӯ тавонист мантиқи махсуси кӯдакро равшан намояд, ки ин мантиқ нисбат ба мантиқи калонсолон фарқияти калоне дорад. Кӯдакон табиатан чусту чолоканд. Модоме, ки чунин бошад, барои онҳо ҷаҳони созандае, бояд ба вуҷуд овард. На чунин ҷаҳоне, ки дар он бо ишораи ангушт фаъолият мекунанд ва ё панду насиҳати зиёд мехонанд. Балки ҷаҳоне, ки онҷо ҳаракат ва амалҳои ҳаррӯзаи худи онҳо ба манфиатиояндаашон бошад. Яъне расмкашӣ, ҳарфомӯзӣ, ва бозиҳое, ки тафаккури онҳоро роҳбалад гардонида барои мактаб омода месозад.

***Тафаккур чист?*** Тафаккур - мафкураи эҷодёт ва инкишофи илмомӯзӣ аст.

-Чигуна метавон тафаккури кӯдакро инкишоф дод?

Оиди ин мавзӯъ мутафаккирони бузурги олам ба мисли Суқрот, Пифагор хеле мавзӯҳои гуногун овардаанд. Агар барои сайқал додани илм хонда зарур бошад, пас барои инкишофи тафаккур муколима (гуфтугӯ) зарур аст. Муколима - қисми асари адабӣ, ки аз баёни суҳбати ду ё якчанд кас иборат аст.

Барои кӯдакони хурдсол (синфҳои ибтидоӣ) ҳама супориш ва талаботи муаллим завқовару шавқовар ва ҷиддӣ менамояд, Чунки онҳо худро аввалин маротиба дар ҳаёт шахси масулиятнок меҳисобанд. Чунин ҳолатро онҳо дар наздикони худ дида буданд ва акнун онро дар таҷрибаи хеш мебинанд. Бо ҳамин сабаб онҳо низ кӯшиш менамоянд, ки калонсолон нисбат ба онҳо ҷиддӣ рафтор кунанд. Ин ҳолатро дар таҷрибаи хеш дидан мумкин аст. Вақте ки мо ба кӯдак барои тайёр кардани дарсҳояш кӯмак намерасонем, ӯ гиряву нола мекунад. Чунки ӯ медонад, ки дар мактаб, муаллим аз ӯ мепурсад. Ӯ худро нобоб ҳис мекунад. Агар ӯ супориши додаи муаллимро тайёр карда бошад ва аз муаллим ва оила суханони нек шунавад барояш як кори муҳим менамояд, ки барои ояндаи донишомӯзии ӯ як қувваи бузурги рӯҳӣ мебахшад. Чунки ӯ намехоҳад аз ҳамсинфонаш қафо монад. Кӯдак нисбат ба мактаб аз рӯзҳои аввал сермасъулият аст ва агар - мо волидайн ин масъулияти онҳоро дарк накарда ба онҳо ҷиддӣ назар накунем, пас, кӯдак оҳиста оҳиста он ҳисси масъулиятро гум мекунад. Волидайн, бояд ҳамеша ба фарзанд ҷиддӣ назар карда кӯмак кунад. Вазифае, ки аз ҷониби муаллим дода мешавад, бояд бо як ҳиссиёти баланд ҳамроҳ ҳал намоем. Вақте ки кӯдак мегӯяд: «Муаллима, рост мегӯяд, он бояд чунин бошад» волидайн бояд ин гуфтаҳои ӯро тасдиқ кунанд, на инкор.

***Илм молест, ки дар деги фаҳм пухта дар табақи ақл гирифта ба дастархони ҳаёт гузошта мешавад.***Дар бисёр мавридҳо падару модарон, одамони калонсол барои таълим ва тарбияи кӯдак усули тарсонданро истифода мебаранд. Баъзеҳо ба натиҷаи хуб додани усули тарс бовар доранд. Афсӯс, ки дар ин маврид мо оқибати хусусиятҳои рӯҳии ҳаёти кӯдакро фикр намекунем. Дар тарбияи кӯдак, тарс - калтакест, ки аз ду нӯг иборат аст. Агар нӯги якуми он табобат кунад, нӯги дуюм маъюб месозад. Аз рӯи мушоҳидаи мутахассисони равоншинос, ақли кӯдак барои некро аз бад фарқ намудан аз панҷсолагӣ бедор мегардад, вале тарс дар вуҷуди ӯ аз рӯзи таваллуд зоҳир мешавад. Кӯдакон, дар ҳама ҳолат, шунаванда ҳастанд ва метавонанд ҳар як сухани гуфтаи моро бовар карда, дар хоб ва бедорӣ бо ҳамон фикру андеша зиндагонӣ кунанд. Аз ин бармеояд, ки кӯдакро доимо дар ҳолати тарс нигоҳ доштан метавонад оқибат ӯро ба беморӣ дучор гардонида, аз ҷамъият дур созад. Кӯдакон, ки ҳоло аз олам бехабаранд, дар ҳол метавонанд ба гирдоби тарсу гумроҳӣ афтанд. Кӯдакон аз хурдсолӣ бояд нисбат ба ҳаёт ва худи инсон меҳру муҳаббат ва эҳтиром дошта бошанд, на тарсу ҳарос.

***Оё аз тарс раҳоӣ ёфтан мумкин аст?.*** Тарс - эҳсоси ногаҳоние мебошад, ки дар ҳаёти инсон пайдо мешавад. Вақте ки дар вуҷуди инсон ҳиссиёт бедор мешавад, тарс ҳам зоҳир мегардад. Аввалин эҳсосоти тарси тифли навзод аз равшанӣ ва садои баланд пайдо мегардад. Вале решаи асосии пайдоиши тарс - ин ваҳм дар тасаввуроти инсон аст. Тасаввуроте, ки инсон барои хушбахтӣ, саломатӣ ва комёбии худро аз даст надодан бояд ба муқобили ӯ мубориза барад. Чунки бе муқобилат ӯ наметавонад ба мақсад расида, дар ҳаёт муваффақ гардад. Бузургии инсон аз дигар мавҷудоти зинда дар он дида мешавад, ки инсон ба муқобили тарс на танҳо ҳаракатҳои ҷисмонӣ, балки ҳаракатҳои ақлониро бештар истифода мебарад.

Хислатҳои ақлонӣ:

1- Хислате барои худ касб бояд кард, ки тарс ба кор ва зиндагии Шумо монеъ нашавад.

2- Тарс - ҳисси оддие мебошад, ки дар пешниҳоди андешаҳои нав садди роҳи инсон мегардад.

3- Тарс - дар ҳолате пайдо мегардад, ки инсон нерӯ ва бузургии худро фаромӯш мекунад.

4- Ду ҳолати тарс мавҷуд аст - сабук ва вазнин, ки таъсири он ба иродаи инсон вобастагӣ дорад.

Вазъи ногувори оила метавонад сарчашмаи асосии пайдоиши тарс дар вуҷуди кӯдак гардад. Махсусан, оилаҳои вайроншуда, яъне ҷудошавии волидайн, ки фарзандон шоҳиди он воқеаҳо мегарданд. Чунин муносибати муҳит метавонад дар дили кӯдак ҷо шуда, ба ҳисси нозуки ӯ таъсири бад расонад.

Оила - дар тарбияи кӯдак мақоми махсусеро ишғол мекунад. Вақте ки тифли навзод таваллуд мешавад, ӯ аз оғози ҳаёт ҳама он меъёрҳои зиндагиро, ки дар оила ҳукмфармост, меомӯзад ва аввалин таҷрибаи ҳаёти худро мегирад. Оила - ин сарчашмаест, ки кӯдак тавассути он таҷрибаи таърихию иҷтимоӣ ва таҷрибаи муносиботҳои ҳиссӣ, хислатиро барои худ касб мекунад. Оила – мактаби муҳими таълиму тарбия дар роҳи ба воя расонидани инсони солиму комил ба ҷомеа буд, ҳаст ва хоҳад монд.

Ҳисси олами маънавии кӯдак хело баланд аст. Чунки асоси мақсад ва мазмуни тарбияи ҳаётро, ки мо барои кӯдак аз хурдсолӣ меомӯзонем, аз оила оғоз мегардад. Обрӯи падару модар дар ҷомеа ба тарбияи фарзанд таъсир мерасонад.

Тарс дар вуҷуди тамоми мавҷудоти зинда ҷой дорад. Агар инсон тарсро дар вуҷуди худ эҳсос накунад, ӯ шояд, рӯҳан маъюб бошад.Дар ҳақиқат, далерӣ дар вуҷуди инсон аз тарс бедор мешавад. Бо ҳамин сабаб мақсади дар ҳаёт зиндагонӣ кардани тамоми мавҷудоти оламро - мубориза маълум ва муайян менамояд.

***Агар гӯӣ, ки битвонам, қадам дарнеҳ, ки битвонӣ,***
***Агар гӯӣ, ки натвонам, бирав биншин, ки натвонӣ.***

Агар Шумо имрӯз кореро аз ҳисси тарс анҷом дода натавонистед, пас фардо ангушти пушаймонӣ мегазед. Ҳафтае баъд, худро гунаҳгор меҳисобед. Вақте ки сол мегузарад, дарк мекунед, ки чизеро гум кардаед, пас, дар охир мефаҳмед, ки аз тақдири худ бенасиб гаштаед.

***Агар аз тарс мехоҳӣ раҳоӣ, бикун бо фазлу ҷуръат ошноӣ.*** Дар ҳама ҳолат тарс муқобили боварӣ ба ақли инсон аст. Боварӣ ба инсон қувваи рӯҳӣ ва ҷисмонӣ мебахшад. Боварӣ бояд дар ақли инсон на танҳо вуҷуд дошта бошад, балки инсон барои инкишоф додани он доимо кӯшиш намояд.

Боварӣ - ин як ҳолати муайяни тафаккур аст, ки ба хаёлоти инсон рӯҳ ва қувва мебахшад. Боварӣ ва эътиқод - ин ҷузъҳое мебошанд, ки фаъолияти тасаввуротро дар шуури инсон ба вуҷуд меоварад. Боварӣ яке аз пурқувваттарин ҳиссиёти мусбат ба ҳисоб меравад. Тафаккури инсон дар қабули хаёлоти манфӣ ва мусбат, андеша ва ҳиссиёт бетафовут аст. Ба монанди он ки дар замини кишт мева ва сабзавоти хуштамъу болаззат парвариш мешавад ё алафи бегонаи худрӯй сабзиданаш мумкин аст.

Идораи коркарди хаёлот дар тафаккури инсон ин вазифаи шуур аст. Барои замин фарқе надорад, ки дар он чӣ кишта мешавад, вазифаи ӯ танҳо онро аз ғизоҳои даркорӣ таъмин кардан аст. Интихоби меваю сабзавот вазифаи деҳқон аст. Яъне шуур ин деҳқон аст, тафаккур бошад, замин аст. Маҳз ана ҳамин интихоб метавонад ҳосили кишти Шуморо дар оянда маълум ва муайян гардонад.

Тафаккури инсон ба ҳамаи он хаёлоте, ки пайдо мешавад, бовар карда, ҷараёни ба ҳақиқат табдил ёфтани онро, ки тақдири ҳаёт муайян мекунад, суръат мебахшад. Аз беаҳамиятӣ, бефаҳмӣ ва танбалӣ дар вақти интихоби кишт, равшан аст, ки ягон чизи хуб намерӯяд. Аз ҳамин ҷо маълум мегардад, ки танҳо меҳнат ва заҳмат метавонад қисмати инсон ва тақдири ӯро муайян кунад. Ҳар як инсон дар андешаҳои худ ба чизе ё ба касе бовар мекунад. Саволи бе ҷавоб танҳо он мемонад, ки ӯ ба чӣ ва ба кӣ бовар кардааст?

Бигузор, дар зиндагӣ касе ба комёбии ҳаёт боварӣ кунад ва каси дигар ба нобарории он. Аммо мақсади интихоб ба ин навъи боварӣ, ки дар дар шуури ӯ ҷой гирифтааст, тақдирро ба вуҷуд меоварад. Фикрҳои манфӣ, хусусан, дар шуури кӯдакон ба таври автоматӣ меафзояд. Чунки кӯдакон онҳоро бо истифода аз ақл ва шуури худ озодона мебинанд ва қабул мекунанд. Аммо чизҳои мусбатро бошад, мо - калонсолон ба онҳо меомӯзонем. Хаёлоти манфӣ онҳоро аз ҳама тараф иҳота мекунад ва хаёлоти мусбатро бо усули худбоварикунонӣ бояд мақсаднок ба вуҷуд оваранд. Тафаккур, танҳо аз ҳиссиёти мусбат ғизо меёбад, ки парвариши хаёлоти он бо боварӣ маълум мегардад. Ҳама хаёлоту ғояҳои инсон дар зиндагӣ бо таъсири боварӣ амалӣ мегардад, вале танҳо вақт довари амалӣ гардидани он хаёлот ва ғояҳо хоҳад шуд.

***Фикр – ҳиссиёт – боварӣ – ҳақиқат.*** Дар мағзи сари инсон сараввал фикр ба вуҷуд меояд. Бояд дар хотир дошта бошем, ки интихоби фикр аз худи мо вобастагӣ дорад. Баъдан, агар ин фикр бо ҳиссиёт сафарбар шавад, дарҳол хаёлоти монандро меҷӯяд (хаёлоти нек некро ва хаёлоти бад бадро). Хаёлоте, ки бо ҳиссиёт ва тасаввурот дар алоқамандӣ кор карда мешавад ба навниҳоле монанд мешавад, ки мо дар замин мешинонем ва онро ғизои судманд дода калон мекунем. Шояд ҳамин навниҳоле, ки мо месабзонем, дар оянда дарахти бузурги серҳосиле гардад. Ин иқдом ва умед яке аз амалҳои неки инсон бароиояндаи одаму олам аст. Тамоми амалҳои инсон дар ҳаёт аз умед оғоз мегардад. Инсон нек ва ё бад будани ҳар фикри дар майнааш пайдо шударо бояд бо ҳиссиёт муйаян кунад. Баъдан тафаккур он хаёлотро санҷида амалӣ мегардонад. Хаёлоте, ки бо ҳиссиёти баланд сафарбар мешавад ва Шумо ба он бовар мекунед, албатта амалӣ мегардад.

Аз ин мавзӯъ чунин хулоса баровардан мумкин аст: он хаёлотеро, ки шумо намехоҳед амалӣ гардад, бо ҳиссиёт сафарбар накунед ва онро рад кунед ва он хаёлотеро ки шумо мехоҳед амалӣ гардонед, бо ҳиссиёт пурра намоед ва он ҳиссиётро бо роҳӣ худбоварикунонӣ мустаҳкам намоед.

***Боварӣ аз фаҳм пайдо мегардад, фаҳм аз дониш, дониш аз илм, илм аз омӯзиш, омӯзиш аз таълим, таълим аз тарбия ва тарбия аз мо, калонсолон, вобастагӣ дорад.***

Тарбияи фарзанд - сарфи қувваи махсусро талаб дорад - қуввае, ки аз қалб пайдо мешавад. Яъне ин қувва - нерӯи рӯҳист. Ҳар як инсон дар дил орзуиояндаи неки фарзандро мепарварад. Ба умеде, ки фарзанд поквиҷдон, сарбаланд ва давомдиҳандаи насли ӯ бошад. Меҳру муҳаббати падар нисбат ба модар ва ишқу ихлоси модар нисбат ба падар дар оила, аввалин ва устувортарин сарчашмаи комёбӣ дар тарбияи фарзанд аст. Кӯдакони ботарбия дар он оилаҳое ба воя мерасанд, ки падар ва модар дар ҳақиқат якдигарро дӯст медоранд ва дар баробари ин дигаронро ҳам иззату эҳтиром мекунанд.

***Таълим ва тарбияи дурусти фарзанд метавонадояндаи оила, давлату миллат ва оламу одамро муайян созад.*** Тифли инсон бо гиря дунёро аз тавлиди худ огоҳ мекунад. Ва тарбияи ӯ аз ҳамон лаҳза оғоз меёбад. Ӯ дари дунёи равшанро оҳиста - оҳиста барои худ мекушояд ва онро бо ҳушу дилаш дарк мекунад. Ӯ табассуми модарро мебинад ва аввалин ҳиссиёташ ин мешавад, ки модар (баъдан падар) барои хушнудӣ ва хушбахтии ӯ вуҷуд доранд. Ва онҳоро барои худ аз ҳама зеботарин, донотарин ва наздиктарину муҳимтарин шахс меҳисобад. Ин аввалин ҳиссиёти тифл нисбат ба волидайн ва масъулияти падару модар нисбат ба тифл мегардад, ки то абад, бояд чунин боқӣ монад. Чунки низоми ҳаёт барои инсон ингуна пешбинӣ шудааст.

**АДАБИЁТ**

1. Эйфель Г. Новейшие исследования по сопротивлению воздуха в авиации. Париж, 1918
2. Таърихи Бухоро - Душанбе, 1987.

3. С. В. Гордеев. Таърихи динҳо: (История религий): Москва (2005).

**ЗНАЧЕНИЕ СОЗИДАТЕЛЬНОСТИ В ВОСПИТАНИИ РЕБЕНКА**

Современные процессы в мире требуют создания творческой и созидательной атмосферы как в семье так и в обществе. Создание такой атмосферы способствовала бы поднятию престижа и роли воспитания и обучения. Роль религии или веры состоит в том, что она внушает человеку создавать свое будущее так, чтобы оно было полезно и для него самого и для всего общества. Роль науки заключается в том, что она указывает человеку путь созидания и совершенствования жизни. Она придает ему жизненно необходимые силы, делает его способным к созданию своего будущего в соответствии своему желанию. Это значительно активизирует внимание учащихся и побуждает их к созидательному творчеству. Нужно акцентировать свое внимание на то чтобы не дать угаснуть духовным силам ребенка и способствовать созиданию творческой личности. Статья посвящена изучению данной темы.

**Ключевые слова:** творческая личность, созидательность, воспитание, ребенок, наука, религия, созидательное творчество, путь созидания и совершенствования жизни, духовные силы ребенка.

**CREATIVE 'S VALUE IN EDUCATION OF THE CHILD**

Modern processes in the world demand creation of the creative and creative atmosphere, both in a family and in society. Creation of such atmosphere would promote a rising of prestige and an education and training role. The role of religion or belief consists that it inspires in the person to create the future so that it was useful both for him and for all society. The role of science is that she specifies to the person a way of creation and life improvement. It gives it vital forces, does it capable to creation of the future in compliance to the desire. It considerably makes active attention of pupils and induces them to creative creativity. It is necessary to focus the attention to that not to allow to die away to spiritual forces of the child and to promote creation of the creative person. Article is devoted to studying of this subject.

**Key words:** creative person, creative, education, child, science, religion, creative creativity, way of creation and life improvement, spiritual forces of the child.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Х.Н.Махмудов*** **–** соискатель Академии образования Таджикистана

# ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯТИ ҲАРАКАТӢ

***Ҷавод Неъмати Бедгули***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Бадан ва ҳаракат бахше аз вуҷуд ва шахсияти кӯдак аст, зеро тасаввури баданӣ ва тасаввури ҳаракатӣ бахше муҳим аз худпиндории ӯро ташкил медиҳад. Бинобар ин, асарбахшии ҳаракатӣ ба рушди иҷтимоӣ- отифӣ кӯмак мекунад ва он ба таҷрибаҳои омӯзишии созанда ва дахолати огоҳонаи падар ва модар, тарбиятгарони пешмактабӣ ва муаллимони тарбияи ҷисмонӣ ниёз дорад. Таҳқиқоти зиёде нишон додаанд, ки кӯдакони баҳраманд аз муҳитҳои пуртаҳаррук ва бозӣ, таҷрибаҳои ҳаяҷонӣ ва ҷамъиятии фаровонеро таҷруба мекунанд, ки бар амалкарди омӯзишӣ ва таҳсилии онон низ асарбахш мебошад. Аз тарафи дигар, омӯзиши ҳаракатӣ дар ибтидои даврони кӯдакӣ заминаи муносибе барои шиносоӣ ва парвариши истеъдодҳои варзишӣ дар оянда аст. Ҳаракат аввалин ва содатарин рафтори кӯдак дар баробари муҳит аст. Бинобар ин, ба унвони аваллин барномаи омӯзишӣ ба ҳисоб меравад ва потенсиали бисёре барои рушди куллӣ ва ҳамаҷонибаи кӯдак дорад. Аз сӯи дигар, майл ба ҳаракат ва бозӣ ё хоҳиши зиёди кӯдакон ба иштирок дар фаъолиятҳои ҳаракатӣ ин имкони бемонандро барои тарбияи ҷисмонӣ ба вуҷуд овардааст, ки як фаъолияти омӯзишии аслие дар давраи пешмактабӣ ва мактабӣ ба ҳисоб меравад. Шояд битавон изҳори назар кард, ки ҳар барномае омӯзишӣ дар ин даврон бидуни таълими ҳаракат ва бозӣ ҳаргиз комил нест.

**Барномаи таълиму тарбияти ҳаракатӣ (омӯзиши ҳаракат).** Як барномаи ҳаракатии созандае, бидуни таваҷҷӯҳ ба син ва марҳилаҳои рушди ҳаракатӣ бояд дар баргирандаи фаъолиятҳои зер бошад: 1.Фаъолиятҳои эҳсосӣ-ҳаракатии умумӣ. 2. Фаъолиятҳои ҳаракатӣ-шинохтӣ.3.Фаъолиятҳои ҳаракатӣ-бунёдӣ. 4.Бозиҳои варзишӣ.

Ин фаъолиятҳои омӯзишӣ на фақат ба рушд ва як порчагии эҳсосӣ ва шинохтӣ-ҳаракатии кӯдакон кӯмак мекунад, балки тавоноиҳои ҳаракатии бунёдии кӯдакро ба унвони пешниёзи фаъолиятҳои варзишӣ афзоиш медиҳад. Аз тарафи дигар, ба ғайр аз дигар асарбахшии мусбати бозӣ ва фаъолиятҳои ҳаракатӣ, барои ҳифз ва давомнокӣ, нигариши мусбат ба бозиҳои варзишӣ бисёр муфид аст.

**Фаъолиятҳои эҳсосӣ-ҳаракатии умумӣ:** Ин фаъолиятҳо ҳамеша ба ду соли аввали зиндагии кӯдак маҳдуд мешавад. Ва дарбаргирандаи таҳрик ва тамрини бозтобҳои вазъиятӣ ва бозтоби гирифтан (чанг задан ба ашё) вобаста аст. Молиш ва ҳаракати куллии бадан дар ҳолати дарозкаш ё рӯи дастони падару модар низ ҷузъи тамриноти ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Андомҳои ҳаракатии даст, по ва сар ва дигар гирандаҳои эҳсосӣ (таҳрики шунидорӣ, дидорӣ ва ломиса ва эҳсоси ҳаракат) бояд дар давоми рушд ба кор гирифта ва тамрин шаванд. Вақти кӯдак ҳаракатҳои интиқолии уфуқӣ (хазидан ва чаҳор дасту по рафтан) –ро шурӯъ мекунанд, бояд ҳаракатҳо ва фаъолиятҳои ҳаракатии ӯ бештар мавриди ташвиқ қарор бигирад. Озодии ҳаракат ва созмондиҳии муҳити тинҷ ва муҳаррик барои бартарафкунии эҳсоси кунҷковӣ ва дасткорӣ ва сар кашидан ба атроф дар ин марҳила бахше аз барномаи омӯзишии кӯдакро ташкил медиҳанд. Ин марҳила василаи эҳсос ва шинохти муҳиме барои вуруди иттилоот ба ҳофиза аст, бинобар ин метавон бо як барномаи омӯзишие ҳаракатофарин ва бо истифода аз таҷҳизот ва василаҳои содаи бозӣ огоҳии баданӣ, ҳаракатӣ ва огоҳии кӯдакро аз муҳит (афрод ва ашё) афзоиш дод.

**Фаъолиятҳои шинохтии – ҳаракатӣ:** Ҷудосозии фаъолиятҳои эҳсосӣ-ҳаракатӣ аз фаъолиятҳои шинохтӣ-ҳаракатӣ бисёр душвор аст, зеро он чӣ ро кӯдак ҳис ва таҷриба мекунад, як фаъолияти шинохтӣ ба ҳисоб меравад бо ин вуҷуд метавон фаҳми кайфиятҳои печида ва таркибии эҳсоси, ҳамоҳангӣ ва баробариро дар ин гурӯҳбандӣ қарор дод. Кӯдакони дусола бо тавоноии роҳ рафтан метавонанд фаҳми эҳсосии худро бо ҳаракат таркиб кунанд. Бинобар ин, онҳоро бояд барои ҳамоҳангии чашм ва даст, чашм ва по, гирифтан, зарба задан, партоб кардан, ҷобаҷоии ашё, ҳавл додан, кашидан ва даҳҳо фаъолияти дигар тахти омӯзиш қарор дод, ба хусус ин, ки ҳамоҳангии чашм ва даст аз маҳоратҳои таҳсил дар мактаб аст. Кӯдак бояд ҳамеша дар мавқеияти ҳаракат ва бозӣ қарор гирад, то таҷрибаҳои омӯзишии ӯ чуқур шавад. Ба ибораи дигар, дасткорӣ, ҳаракат ва бозӣ дар фароянди ёдгирӣ таҷрибаҳо омӯзиширо чандэҳсосӣ ва таркибӣ ва мондагории онро низ бештар мекунад. Ба хусус агар битавон ҳамоҳангиҳои таркибиро монанди бардоштани туб бо даст ва по ва печондани ришта даври ғирғирак ҳангоми роҳ рафтан ҷузъи барномаи омӯзишии ҳаракатӣ қарор дод. Тамриноти гуногуни ҳифзи таодул бе шубҳа барои таҳрики гирандаҳои эҳсоси таодул дар гӯш ва дигар гирандаҳои умқӣ дар пайвандҳои устухонӣ, бахши муҳиме аз ин барномаро ташкил медиҳад. Ба ҳар ҳол кӯдак бояд ҷиҳатҳои гуногуни ҳаракат монанди замон, фосила, андоза, ҳаҷм, нерӯ, шакли бадан, равонии ҳаракат имкони дур ва наздик шудан, ҷиҳат ва масири ҳаракати ашё ва ғайраро дар ин барнома таҷриба кунанд. То ҷанбаҳои эҳсосӣ ва шинохтӣ-ҳаракатии ӯ дар фароянди рушд тавсеъа ёбанд. Ба ибораи дигар, бояд ба фароянди худкории рушд иҷоза дод,то омили таъинкунандаи пешрафти ӯ дар оянда бошад. Ҳамчунин бо барномарезии дахлноке ва омӯзиш метавон аз ошуфтагиҳои эҳтимолии рушд пешгирӣ намуд. Бе шубҳа барои созмондиҳии фароянди рушд дар ибтидои зиндагӣ ҳаракат ва бозӣ беҳтарин роҳ аст.

**Фаъолиятҳои ҳаракатии бунёдӣ:** Намунаҳои бунёдӣ монанди роҳ рафтан, давидан, паридан, партоб ва гирифтан, зарба бо даст ва по ба шаклҳои гуногун ва бо истифода аз василаҳои гуногун ё ба сурати фардӣ ва гурӯҳӣ ва ба шакли тамрини ё бозигуна, парчамдори тавсеии маҳоратҳои варзишӣ аст. Намунаҳои ҳаракатии бунёдӣ, бахши аслӣ ва муҳимми як барномаи тарбиятиро ташкил медиҳанд. Илова бар ин бояд бозиҳои гуногуне аз ҷумла бозиҳои бумӣ-маҳаллӣ ё бозиҳои монанди варзиширо барои тамрин ва тавсеаи ҳаракатҳои бунёдӣ ҷузъи барнома қарор дод. Ин барнома дар давраи пешмактакбӣ ва ибтидои дабистон аз бештарин ҳассосият бархурдор аст. Ва натиҷаҳои пажӯҳиш нишон медиҳад, ки надоштани таҷрибаи лозим дар ин давра сабаб мешавад, то бисёре аз кӯдакон, ҳатто дар давраи бузургсолӣ низ натавонанд маҳорати лозим дар ин заминаро ба даст оваранд. Аз ин рӯ, бояд чунин афродеро ҷузъи ақибмондагони ҳаракатӣ қарор дод, ки аз камтарин

маҳорати лозим барои дуруст гузаронидани вақтҳои фароғат (тафреҳоти ҳаракатӣ ва варзишӣ) бархурдор нахоҳанд шуд.

**Бозиҳои ҳаракатӣ ва варзишӣ:** Таркиби намунаҳои ҳаракатии бунёдӣ бо василаҳои сода ва камтарини қонунмандӣ, ба тавлиди бозиҳои варзишӣ ва робитаҳо анҷом меёбад. Тақсимбандиҳои гуногуни бозиҳои варзишӣ ба шакли инфиродӣ, гурӯҳӣ, имдодӣ ва истгоҳӣ, мушорикатӣ ва робитаҳои корбурди бисёр зиёде дар давраи мактабӣ дорад. Ҳатто бисёре аз маҳоратҳои варзиширо метавон ба шакли бозиҳои омӯзишӣ ва тамринӣ даровард ва дар давраҳои таҳсилии болотар мавриди истифода қарор дод. Дар барномаи тарбияти ҳаракатӣ метавон бо тағйир дар қавонини бозӣ, андозаи замин ва василаҳои бозӣ, зиёд ё кам теъдоди афрод, замон ва ғайра бар таҷрибаҳои ҳаракатии гурӯҳҳои иштироккунанда, аз назари ҷинсият ва андозаи тавонӣ афзуд. Хушбахтона теъдоди бозиҳои тамринӣ ва варзишӣ дар китобҳои омӯзишӣ бисёр зиёд аст, ки метавон аз онҳо барои пояҳои гуногуни таҳсилӣ бо ҳадафи саргармӣ ва лаззат, рушди намунаҳои бунёдӣ, афзоиши таодул ва ҳамоҳангӣ, густариши робитаҳои гурӯҳи ва таомули иҷтимоӣ, афзоиши омодагии ҳаракатӣ ва ҷисмонӣ ва ғайра фоида бурд.

**Роҳбурдҳо барои бозии кӯдакон**

1. **Нақши ҳассоси падару модар ва мураббиён:** Модарон, падарон ва мураббиён нахустин ҳамбозиҳои кӯдак ҳастанд. Онҳо нақши бисёр муҳим дар эҷоди тафриҳ, лаззат ва бозиҳои созандаи кӯдакон доранд. Ва ҳарчӣ пайванди бозӣ ва тандурустиро бештар бишиносанд, дар бораи бозии кӯдакон огоҳона тасмимгирӣ мекунанд. Онҳо бояд талош кунанд, ки бо фарзандони худ бештар бозӣ кунанд ва ҳадди ақал ҳамон вақтеро, ки барои кӯмак дар анҷоми машқҳои мактаб онҳо сарф мекунанд, ба бозии онҳо бипардозанд.
2. **Ҳамкорӣ ва эҳсоси масъулият:** Афзоиши фурсатҳо ва имконоти бозии кӯдакон, ниёзманди ҳамкорӣ аст. Ин амр вазифаи миллӣ ва ҳамагонист. Дар ин замина падару модар, мураббиён ва муаллимон, ҷомеаи илмӣ, саноеъи тавлиди асбоби бозӣ ва созмонҳои хусусӣ ва давлатӣ ба ёрӣ ва ҳамфикрии якдигар ниёз доранд.
3. **Таодул, танаввӯъ ва миёнаравӣ:** Корбурди ин усул дар бозӣ дуруст монанди риояти онҳо дар мустаҳкамсозии барномаи хуроки рӯзона аст.
4. **Берун рафтан аз хона:** Талош кунед дар хона намонед. Ба ҷои иҷрои бозиҳои хонагӣ аз хона берун равед ва дар домани табиат ба бозиҳои фаъол бипардозед.
5. **Бозӣ падидаи муҳим ва мустақил:** Бозӣ бахши муҳиме аз зиндагии рӯзонаи кӯдакро ташкил медиҳад. Бозӣ набояд подоши фармонбордорӣ ё анҷом додани машқи мактаб ё корҳои хона бошад.
6. **Фарқ нагузоштан:** Бозӣ майл ва хостаи табии ва таҷҳизоти муҳимии дар рушд ва такомули кӯдакон ба ҳисоб меравад. Ҳамаи кӯдакон бояд бидуни дар назар гирифтани заминаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тавоноиҳо ва дигар авомили маҳдудкунанда, фурсати иштироки муносиб бо сатҳи ниёзҳо ва андозаи рушди онҳоро дошта бошанд.
7. **Бозиҳои гурӯҳи ва дастҷамъӣ:** Дар бозӣ бояд ҳамкории кӯдакон бо якдигар ва падару модарашонро дар назар гирифт. Баъзе аз бозиҳо ки дорои таҷҳизот ва василаҳои печида ва пешрафта ҳастанд, сабаби суст шудани робитаи кӯдак бо дигарон мешаванд. Ёдгирии кӯдакон дар гурӯҳи ҳамсолон ва дар иртибот бо падару модар бисёр муҳим аст ва бозиҳои инфиродӣ наметавонанд ҷои онҳоро бигиранд.

Таълиму тарбияти ҳаракатӣ, бистари муносибе барои шиносоӣ ва парвариши истеъдодҳои варзишӣ дар оянда аст ва ҳар барномаи омӯзишӣ дар давраҳои кӯдакӣ бидуни таълими ҳаракат ва бозӣ барои кӯдакон ҳаргиз пурра нест. Як барномаи ҳаракатии созанда бо таваҷҷӯҳ ба син ва марҳилаҳои рушди ҳаракатӣ бояд дарбаргирандаи фаъолиятҳои зер бошад:

1. Фаъолиятҳои эҳсосӣ-ҳаракатии умумӣ, дарбаргирандаи тамрини бозтобҳои вазъиятӣ, қоматӣ ва чанг задан, ба коргирии андомҳои ҳаракатӣ ва гирандаҳои эҳсоси аст.
2. Фаъолиятҳои ҳаракатӣ- шинохтӣ, дарбаргирандаи дарки кайфиятҳои печидаи эҳсосӣ, ҳамоҳангӣ ва таодул мебошад.
3. Фаъолиятҳои ҳаракатии бунёдӣ, дарбаргирандаи намунаҳое монанди роҳ рафтан, давидан, паридан, гирифтан ва зарбаҳои гуногун мебошад.

4. Бозиҳои варзишӣ, таркибӣ намунаҳои ҳаракатии бунёдӣ бо василаҳои сода ва бакоргирии қонунҳо ва муқаррарот сабаби тавлиди бозиҳои варзишӣ ва рақобатӣ мешавад.

Дар бозиҳои кӯдакон бояд ба нақши ҳасоси падару модар ва мураббиён, ҳамкорӣ ва эҳсоси масъулият, таодул ва миёнаравӣ, истифода аз табиат ва фарқ нагузоштан таваҷҷӯҳ шавад.


### АДАБИЁТ

1. Ориё Ҷамшед. Бозӣ ва нақши он дар рушди кӯдак, нашри Донишкадаи тарбияти баданӣ, Теҳрон 1359 ҳ.ш, 122 саҳ.
2. Борлин Онолиф. Колив Нурит, Бозиҳои ҷунбишӣ барои кӯдакон, Тарҷумаи Ҷаводи Озмун, нашри Диловарӣ, Қум, 1378ҳ.ш, 139 саҳ
3. Пуёнфард Алиризо. Бозиҳои парвариши дар мадорис, нашри омӯзиш ва парвариш, Теҳрон 1365ҳ.ш 423 саҳ
4. Алиҷониён. Бозиҳои кӯдакон, нашри Машъал, Исфаҳон 1345ҳ.ш, 256 саҳ
5. Ми Икслойн Вирҷиниё. Бозидармонӣ, Тарҷумаи Аҳмади Ҳаҷҷорон, нашри Кайҳон, Теҳрон 1369 ҳ.ш, 354 саҳ.



### ОБУЧЕНИЕ НА ОСНОВЕ АКТИВНОГО ДВИЖЕНИЯ

Обучение на основе активного движения является соответствующей основой выявления и воспитания спортивных талантов в будущем, и любая учебная программа для детского возраста без него считается неполноценным. Любая спортивная программа с учетом возрастных особенностей и этапов развития детей состоит из определенных компонентов, от которых зависит качество обучения. Например, эмоциональная деятельность, двигательно- опознавательная деятельность, фундаментальная двигательная деятельность, спортивная деятельность.



**Ключевые слова:** ребенок, игра, игровая деятельность, воспитатель ,индивидуальные игры, разновидность, тренировка, равенство, спорт



### EDUCATION BASED ON THE ACTIVE MOVEMENT

Education on the basis of active movement is the basis of the relevant identification and education of sporting talent in the future, and any training program for children ages without him is incomplete. Any athletic program with age-appropriate and developmental stages of children consists of certain components which depend on the quality of education. For example, emotional activity, motor activity, Identification, fundamental motor activities, sports activities and ...



Key words: the child, game, gaming activity, the teacher, individual Memory Games, variety, training, gender, sport



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Джавод Неъмат Бедгули*** – соискатель НИИПН АОТ


# БАРРАСИИ МАСОИЛИ НАЗАРИИ КИТОБҲОИ МАДОРИСИ ИБТИДОИИ ЭРОН


***Заҳрои Козимӣ***

**Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Қабл аз ин, ки мӯҳтавои масоили назарии китобҳои дарсиро мавриди баррасӣ қарор бидиҳем, зарур аст, ки ҳамаи мавод ва дарсҳоеро, ки донишомӯзон таи панҷ соли давраи ибтидоӣ фаро мегиранд, таҳлил карда шаванд. Лозим ба тазаккур аст, ки дар барномаи китобҳои дарсии ибтидоӣ масоили илмӣ камтар ба назар мерасанд. Он чӣ ки бештар мавриди таваҷҷӯҳ аст, масоили назарист, ки мавриди арзёбӣ қарор медиҳем.

**Синфи аввали ибтидоӣ.**Он чӣ, ки дар аввалин соли вуруди донишомӯз ба як фазои омӯзишии муназзам ва системанок мавриди таваҷҷӯҳ аст, масъалаи хондан ва навиштан ба шумор меравад. Яъне донишомӯзон дар давоми як сол хондан ва навиштанро ёд бигиранд, зеро аз 24 соати шабонарӯз 11 соат дар мадраса гузаронида мешавад. Аз он ҷое, ки ин дарс дорои аҳамият аст, донишомӯз метавонад дуруст навиштан, хоно навиштан, тунд навиштан ва ҳамчунин раванди мутолиа ва

навиштани матлубро дар солҳои баъдӣ шакл диҳад ва ин мавзӯъ аз нигоҳи равоншиносӣ бисёр мавриди таваҷҷӯҳ аст. Зеро кӯдаке, ки бо исрори модар ва муаллим бояд зебо, вале ором бинависад, дар ҳақиқат зебо менависад, вале ҷуръати тунднависӣ ва тундхонӣ аз ӯ дур мешавад ва зарбаи бисёр баде ба кӯдак мерасад. Чунки ба масъалаи навиштан то синфи панҷум кор дорад, вале бо хондан ва суръати хондан пайваста кор мекунад. Аз ин рӯ, ба ин масъала бояд таваҷҷӯҳи вижае зоҳир намуд. Ё агар донишомӯзеро одат медиҳем, ки бихонад ва агар дар ҳамон соли аввал ором бихонад, маҳорати тундхонӣ ва суръатро барои ҳамеша аз ӯ мегирем.

Дарси дуюме, ки аз назари зерсохтӣ ва соат мавриди таваҷҷӯҳ аст, дарси риёзӣ бо панҷ соат дар ҳафта мебошад. Яъне донишомӯз ҳар рӯз бо он сару кор дорад.

Сеюмин дарси қобили таваҷҷӯҳ улуми таҷрибӣ аст, ки агар кишваре бихоҳад барои рушду шукӯфоӣ, эҷодкорӣ ва даст ёфтан ба технологияи рӯз саъй кунад, бояд ба ин дарсҳо аҳамияти хос диҳад. Зеро пояҳои илми пизишкӣ, ихтироот, улуми фазоӣ ва ғайра ба ин дарс бастагӣ дорад. Яъне поягузории аввалияи он дар китоби улум мебошад. Ба тавре ки кишвари Амрико дар ҷанги фазоӣ мақоми дуюм пайдо кард. Омрикоиҳо он чиро ки мавриди таваҷҷӯҳ қарор доданд, ин буд, ки тамоми донишмандон ва мутафаккиронро ҷамъ карда, аз онҳо хостори иллати ин иттифоқ шуданд. Вале баъд аз муддатҳо ва баҳсу табодули назар ба ин натиҷа расиданд, ки бояд тасовири китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ тағйир дода шаванд ва бисёр мантиқӣ ва баҷой буд, ки саранҷом ба аҳдофи худ расиданд. Пас, дарси улум метавонад дарси бисёр муҳим ва ҳаётӣ бошад. Шинохти гиёҳҳо, шинохти ҷонварон, истифода аз васоили рӯз ва ҳамаи ин дар китоб заминасозӣ мешавад.

Ва чаҳорумин дарс ва танҳо дарсе, ки амалан донишомӯз бо он сару кор дорад, дарси ҳунари наққошӣ ва кори дастӣ ва хушнависӣ аст. Ҳунар ба манзалаи халлоқият ва навоварӣ дар зеҳни кӯдак қарор дорад ва наққошӣ забони дуюми кӯдак аст ва он чӣ метавонад тағйир ва таҳаввули бунёдӣ эҷод кунад, ҳунар ва наққошӣ аст. Ва донишомӯзон метавонанд бо тасовир ва кашидани афрод ва ашё тасаввуроти зеҳни худро ба рӯи коғаз оварда, ба замина ва бистари муҳиме барои ҳунар, ки аз ифтихороти ҳар эронист, дастрасӣ пайдо кунад. Ҳамчунин дарси дигари муҳим дарси тарбияти баданӣ ё варзиш мебошад, ки дар Эрон нигоҳе заиф ба он ироа шудааст. Дар сурате ки яке аз муҳимтарин дарсҳо ба шумор меравад, метавонад аз назари ҷисмонӣ ва фикрӣ ва зеҳнӣ таҳаввуле азим дар зеҳни кӯдак эҷод кунад (1. 43).

Охирин дарси Қуръон мебошад, ки чанд сурае ба унвони дарс матраҳ гардидааст. Агар мураббиён битавонанд, ки аз ҳамон ибтидо тасвири бисёр хуб ва рӯшане аз Қуръон дар зеҳни кӯдак бирезанд, метавонанд пояе маҳкам барои дин ва эътиқоди онон эҷод намоянд. Аз ҷумла баъзе аз фармонҳо ва дастуроти Қуръони маҷид битавонад бо забони бисёр ширин ва мувофиқи истеъдод ва тавоноии кӯдак шакл бигирад. Вале чунин ба назар намерасад. Зеро ин дарс фақат бештар ба ҳифз кардани чанд оя ва сура иктифо мешавад ва чизе ба унвони зерсохт матраҳ намегардад. Зеро агар зерсохте мебуд, шояд як таҳаввули асосӣ дар эътиқодоти донишомӯз дар навҷавонӣ шакл мегирифт. Паҳлуи дигари муҳими масъала ин аст, ки тадриси ин дарс бояд ба ӯҳдаи фарде бошад, ки хусусиёти комилан хубе дорад. Фарде бо ҷаззобият ва хубиҳои бисёр, фарде бо маҳбубият ва дӯстдоштанӣ ва фарде огоҳ ба масоили равоншиносии кӯдак ва тафовутҳои фардӣ ва фарде огоҳ ба масоили эътиқодӣ, дин ва фарде ботаҷриба ва тахассус, ки битавонад аввалин ва муҳимтарин сангҳои зерини як динро дар даруни кӯдак бино ниҳад ва ҳамчунин масъалаи нумра ва танбеҳ сурат нагирад ва аз ҳамон солҳои аввали ишқ ба Қуръон ва амал ба Қуръон ва эҳтиром ба онро дар хамирмояи дарунии кӯдак шакл диҳад (2. 126). Ин дурусе, ки ном бурда шуд, дарсҳое ҳастанд, ки тамоми ҳафта донишомӯз бо онҳо сару кор дорад.

**Равиши имтиҳон дар синфи аввали ибтидоӣ.** Имтиҳоноти донишомӯзон ба ду шева мебошад. Як шева ҳамон низоми суннатӣ аст, ки поёни ҳар чор моҳ дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ гирифта мешавад. Ин равиш боиси ҳисси нумрапарварӣ ва ҳассосияти хонаводаҳо дар дарёфти нумраи 20 шуда буд. Решаҳои аввалии изтироб аз ҳамон кӯдакӣ дар рӯҳ ва равони донишомӯз нуҳуфта мешуд ва рақобати кушанда бар тамоми мадорис ҳоким буд. Ба хотири ин рақобат муаллимин маҷбур ба додани нумраи зоҳирӣ мешуданд.

Дуюмин навъи имтиҳон, ки чанд соле аз умри он бештар намегузарад ва ҳанӯз амалӣ нашудааст, равише аст, ки муаллим дар тӯли соли таҳсил ба фаъолияти донишомӯз баҳо медиҳад. Яъне муайян мекунад, ки оё донишомӯз салоҳияту қобилияти як синф болотар рафтанро дорад? Ин равиш яке аз равишҳое аст, ки дар аксари мамолики ҷаҳон истифода мешавад, вале хусусиятҳои он ҳоло пурра ташхис нагардидааст. Феълан аз синфи аввал шурӯъ гардидааст ва имтиҳон дар синфи аввал дар солҳои гузашта ба се равиш- хаттӣ, шифоҳӣ ва амалӣ сурат мегирад. Имтиҳони имло, риёзиёт ба сурати хаттӣ ва Қуръон, хондан ва улум ба сурати шифоҳӣ, ҳунар ва тарбияти баданӣ ба шеваи амалӣ аз донишомӯз гирифта мешавад. Бештар имтиҳонҳои хаттӣ мавриди таваҷҷӯҳи донишомӯзон, муаллимон ва мураббиён қарор мегиранд ва имтиҳонҳои шифоҳӣ ба далели ин ки назари муаллим асосӣ буд, аз аҳамияти хосе бархурдор нест.

**Баррасии китобҳои мадориси ибтидоӣ дар синфи дуюм.** Агар бихоҳем масоил ва барномаҳои китобҳои дарсии синфи дуюми ибтидоиро мавриди баррасӣ қарор бидиҳем, бояд зикр кунем, ки ҳар донишомӯз дар ҳафта 25 соат дарс мехонад, ки тафовути умдае бо синфи аввал дорад. Ба тавре ки дар синфи аввал бештар донишомӯз Қуръонро як соат дар ҳафта мехонад, дар синфи дуюм ду соат мехонад. Дар синфи аввал дарси диннӣ ё бо номи имрӯза Ҳадяҳои осмонӣ вуҷуд надошт, вале имрӯз ду соати ин китоб дар барнома ғунҷонда шудааст ва дарси бихонем ва бинависем аз 11 соат ба 9 соат тағйир меёбад ва шомили дарси форсӣ (хондан, навиштан, имло ва ҷумласозӣ) низ мебошад. Дарси риёзӣ ҳамон панҷ соат мебошад. Улуми таҷрибӣ се соат ва дарси ҳунар ду соат ва дарси тарбияти баданӣ ду соат аст. Ин дарсҳо ҳеҷ тафовуте бо дарсҳои синфи аввал надоранд ва имтиҳон додан дар синфи дуюм низ ба равиши муқаррарӣ, яъне нумроте, ки дар тӯли сол донишомӯз дар синф мегирад, ҷамъ мегардад ва миёнгини он ба унвони нумраи аслӣ дар корнома дарҷ мешавад. Ва ин нумра марбут ба дарси Қуръон ва Ҳадяҳои осмонӣ мебошад ва имтиҳоноти дарси «бихонем ва бинависем» низ шифоҳӣ ва хаттӣ мебошад ва риёзӣ ҳамон хаттӣ, вале имтиҳони дарси улуми таҷрибӣ ба сурати шифоҳӣ ва амалӣ гирифта мешавад. Имтиҳони тарбияти баданӣ низ ҳанӯз ба таври амалӣ мебошад.

**Синфи сеюми ибтидоӣ.** Дар синфи сеюм барномаҳо бо барномаҳои синфҳои аввал ва дуюм тафовут дорад, ба тавре ки дар дуруси «бихонем ва бинависем» як соат коҳиш ёфтааст ва аз нӯҳ соат ба ҳашт соат расидааст. Дуруси риёзӣ аз панҷ соат ба чаҳор соат коҳиш ёфтааст. Дарси ҷадиде дар ин поя изофа гардидааст, ки «мутолиоти иҷтимоӣ» номида мешавад ва дар маҷмӯъ шомили баҳсҳои таърих, география ва иҷтимоӣ мебошад. Дар ин дарс сӯҳбат аз таърихи кишвари Эрон аз қадим то ба ҳол ва силсилаи ҳукуматҳо ва ҳамон тавр географияи марбут ба ҷамъият, фарҳангҳо, мақоми об ва ҳаво, кӯҳистонҳо, масоҳат, вилоят ва шаҳрҳо сурат мегирад. Дар дарси иҷтимоӣ адаб ва русуми иҷтимоӣ, нақши шуғлҳо ва ғайра барои ошноии донишомӯзон мебошад, ки вақти ба он ҷудокардашуда дар як ҳафта ду соат аст. Дарсҳои Қуръон, дин ва улум, ҳунар ва тарбияти баданӣ мисли синфи дуюм мебошад. Тарзи қабули имтиҳон низ айнан монанди синфи дуюм аст.

**Баррасии барнома дар синфи чаҳоруми ибтидоӣ.** Дар синфи чаҳорум тафовути умдае байни дарсҳо вуҷуд надорад ва навъи дарсҳо бо ҳисоби соатҳо, ки дар синфи сеюм буд, дар ин давра низ боқӣ мемонад. Фақат дарси «бихонем ва бинависем» аз ҳашт соат ба ҳафт соат коҳиш ёфтааст ва дарси иҷтимоӣ аз ду соат ба се соат афзоиш пайдо намудааст. Ва нуктае, ки қобили баҳс аст, ин аст, ки дар синфи аввал ва дуюм дарси Қуръон рӯзона даҳ дақиқа ва дар маҷмӯъ дар давоми ҳафта як соат аст. Вале дар синфи дуюм ва сеюм ҳафтае ду соат ба таври яксоатӣ муайян карда шудааст. Дарсҳои мутолиоти иҷтимоӣ дар пояҳои чаҳорум маҷмӯан дар як ҳафта чаҳор соат ироа хоҳад шуд. Ба таври дар як ҳафта як соат ҳунар, се соат иҷтимоӣ ва ҳафтаи дигар ду соат ҳунар ва ду соат иҷтимоӣ хоҳад буд.

Тарзи гирифтани имтиҳон дар синфи чаҳорум кам тағйир ёфтааст. Ҳамаи дарсҳо ва шеваи имтиҳонгирӣ мисли синфи сеюм аст, вале дарси улум дар синфи аввал ва дуюм ба шакли шифоҳӣ ва амалӣ мебошад, вале дар синфи чаҳорум хаттӣ аст.

**Баррасии барнома дар синфи панҷуми ибтидоӣ.** Барномаи синфи панҷум ҳеҷ тафовуте аз барномаи синфи чаҳорум надорад. Теъдоди соат ва наҳваи имтиҳон айнан мисли синфи чаҳорум аст. Вале бо ин тафовут, ки дарсҳои синфҳои ибтидоӣ

ҳам ба унвони нумраи поёнии марҳилаи аввали ибтидоӣ дар корнома дарҷ мегардад, ба унвони гувоҳномаи зинаи панҷум барои гузаштан аз ин давра дода мешавад ва равиши имтиҳон додан дар ин поя бар мабнои ниҳоӣ ва бисёр сахт ва баъзе аз дарсҳои он кишвар ё устоне аст. Яъне як имтиҳон дар кулли кишвар аз донишомӯзон гирифта мешуд ва нумра ба ин сурат буд, ки муаллим ҳеҷ нақше дар нумра додан ба донишомӯз надошт ва тарроҳи суол муаллим набуд. Ва ҳам нумра додан зери назари муаллим қарор надошт. Мусаҳҳеҳи авроқ (дурусткунандаи табел) ҳам муаллим набуд. Яъне дар охири сол муаллим бо донишомӯз ва нумраи ӯ видоъ мекард. Он қадар ин имтиҳон изтиробовар ва тарснок буд, ки устодон маҷбур буданд ба синфҳои хусусӣ, ёридиҳанда ва муаллимин низ аз вақтҳои изофӣ барои омодагӣ ба имтиҳони ниҳоӣ истифода мекарданд. Вале кам-кам ин тарзи имтиҳонгирӣ дар давраи ибтидоӣ чанд сол аст, ки беэътибор шуда истодааст ва муаллим худ таъсиргузор дар имтиҳон шудааст. Агар бихоҳем як нигоҳи мухтасар ба давраи ибтидоӣ дошта бошем, ба ин натиҷа мерасем, ки байни давраи ибтидоӣ ва раҳнамоӣ фосилаи зиёд аст. Ба далели ин, ки тамоми нумроте, ки донишомӯзон дар давраи ибтидоӣ мегиранд, боло ва дар сатҳи олӣ аст. Яъне ҳисоби миёнаи холҳо аз 19 болост, вале якбора дар ду давраи роҳнамоӣ бо уфти шадид рӯ ба рӯ мешавад ва ҳанӯз мушаххас нагардидааст, ки оё дарсҳои ибтидоӣ ва нумроти он дучори нуқсу ишкол аст ва мавриди дуюм ин ки дар аксари дурус дар сатҳи ҷаҳон мо натавонистаем дурахши комил дошта бошем. Ба тавре ки дар байни 39 кишвар дар сатҳи хондан дар қораи Осиё поёнтарин мақомро донишомӯзони давраи ибтидоӣ ишғол намудаанд ва аз назари хондан короие надоранд.

Мавриди сеюм ин ки дар синфи болотар дарси риёзӣ дучори мушкил аст, зеро ағлаби донишомӯзон ё нумраи хуб намегиранд ё муваффақ ба касби нумраи қаблӣ намешаванд ва ин ба-дин ҷиҳат аст, ки дар поя якшаклӣ вуҷуд надорад, ки ҳанӯз муҳаққиқин чизе нанавиштаанд, ки нишондиҳандаи ин мушкил бошад. Масъалаи дигар ин аст, ки дарсҳои забони англисӣ дар двраи ибтидоӣ нақш надоранд ва ба далели рушду тавсеаи технологияи муфид донишомӯзон бояд дар сатҳи болотар аз он бахраманд бошанд. Вале мушаххасан дарсе, ки дар озмуни Эрон поёнтарин нумраро ба худ ихтисос додааст, дарси забони англисӣ аст. Ва шояд хонавода ба таври хусусӣ ҳазинаҳои ҳангуфтеро сарфи ин дарс мекунанд, аммо мушкил ҳамчунон боқист.

Саранҷом бояд гуфт, ки баррасии масоили назарии китобҳои дарсии макотиби ибтидоии Эрон аз масоили умдаи раванди омӯзишу парвариш маҳсуб мешаванд ва ва бардошҳои кардаи мо далели он аст, ки дар ин самт корҳо ва талошҳои бештаре лозиманд, то ҳам кутуби дарсӣ, ҳам дурус ва ҳам донизомӯзону устодон дар ҳоли ҳамоҳангии матлуби иҷтимоӣ қарор дошта бошанд.

**АДАБИЁТ**

1. Доктор Қосимпур. Фаслномаи пажӯҳиши мутолиоти барномаи дарс. –Теҳрон. -1387 № 9
2. Мирзобегӣ Ҳасаналӣ. Ҳуш ва халлоқият. Интишороти Фарогустар. –Теҳрон. -1388
3. Симиндухт Рӯҳӣ ва ҳамкорон. Китоби улуми таҷрибии соли панҷуми ибтидоӣ. - Теҳрон.- 1381
4. Алиризо Раҳимӣ, Фотимаи Инсофӣ. Китоби диннии соли дуюм. - Теҳрон.-1381
5. Закоӣ Маҳмуд. Куллиёти тарбияти баданӣ дар мадорис. Интишороти Самт, 1371

**РАССМОТРЕНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ВОПРОСОВ УЧЕБНИКОВ НАЧАЛЬНЫХ ШКОЛ ИРАНА**

Приобретение знаний в начальных классах, помогает учащимся лучше познавать окружающий мир. На основе развития собственного мировоззрения учащиеся смогут обрабатывать и обобщать полученную информацию.

Учитель в начальных классах, как основная ключевая фигура, должен видеть навыки и возможности своих учеников, уметь предвидеть способности своих учеников и поучить делать анализ научной информации и выдвигать гипотезу. Для этого очень важно вести в программу начального образования важные научные дисциплины, от которых часто зависит нормальное формирования личности и здорового мышления к окружающему миру.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** начальные школы, учебники, обучение, экзамен, программирования, врачебный, физическая культура, технология, Коран, религия, искусство.

**CONSIDERATION OF THE THEORETICAL ISSUES OF PRIMARY SCHOOL TEXTBOOKS IRAN**

Knowledge acquisition in the elementary grades, helps students learn better the world around us. On the basis of their own world, students will be able to process and compile the information. The teacher in the elementary grades, as the main key figure, is to see the skills and capabilities of their students, to be able to predict the ability of their students and teach to do the analysis of scientific information and to hypothesize. To do this, it is important to conduct a program of primary education important scientific discipline, which often depends on the formation of a normal healthy individual and thinking to the world.

Key words:*:* elementary schools, textbooks, training, test, programming, medical, physical education, technology, Quran, religion, art.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Захро Козими-*** соискатель Научно - исследовательского института педагогических наук Академии образования Таджикистана

# СПЕЦИФИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ К УПРАВЛЕНИЮ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРОЙ ШКОЛЬНИКОВ В УСЛОВИЯХ СЕЛЬСКОЙ МЕСТНОСТИ

***Зариф Наимов***

**Таджикский национальный университет**

